**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ «АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ: 343+343.98(575.3)**
**ТКБ: 67.99(2)94 (2 тоҷик)**
**С – 87**

**СУЛАЙМОНЗОДА РУСТАМИ НЕЪМАТУЛО**

# УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор Ямакова З.Д.**

**Душанбе – 2026**

**МУНДАРИҶА**


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ....................3**

**МУҚАДДИМА…………………………..............…………….........4-17**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО...................................................................18-68**

1.1. Хусусиятҳои назариявӣ ва криминалистии усули тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят: мафҳум ва моҳияти он...................................................18-45

1.2. Асосҳои назариявии таснифи усулҳои тактикӣ ……….....................45-68

**БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА ЧЕНАКҲОИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛ БУДАНИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ**...............................69-114

2.1. Асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо.........................................................................................69-88

2.2. Ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ...........88-114

**БОБИ 3. УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ ВА ТАКТИКӢ-ТЕХНИКИИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА АМАЛИШАВИИ ҚАРОРҲОИ МУФАТТИШ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО.........................................................115-150**

3.1. Таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ ҳамчун категорияҳои асосии тактикаи криминалистӣ..............................................................115-132

3.2. Қарорҳои муфаттиш ва усулҳои татбиқи онҳо дар раванди тафтиши ҷиноятҳо.........................................................................................132-150

**ХУЛОСА……………………………………………………………..151-154**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...................................................................................155-156**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)................................................157-175**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.........................................................................................176-177**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СМИТ ВКД ҶТ –** Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**ғ.** – ғайра

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**с.** – саҳифа

**с.** – сол

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани тамоми ҳолатҳои тамоми ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ мушкил аст, зеро имрӯз ҳолат ва воситаҳои содир кардани ҷинояту қонуншиканиҳо шаклҳои торафт мураккаб, пинҳонӣ ва аз ҷиҳати технологӣ рушдёфтаро касб намуда истодаанд. Агар қаблан чунин амалҳо асосан дар пинҳон кардани бевоситаи далелҳо ё сохтани нишонаҳои ошкоро бардурӯғ ифода меёфтанд, имрӯз онҳо бештар тавассути мақсаднок тағйир додан ва ё худ иваз намудани иттилоот, истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои иштирокчиёни фаъолияти ҷиноятӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамзамон, дар тӯли солҳои охир афзоиши устувори сатҳи ҷинояткорӣ мушоҳида гардида, он бо мураккабшавии шаклҳои ташкилии он, шиддат гирифтани хусусияти таҷовузкоронаи фаъолияти ғайриқонунӣ, инчунин, болоравии дараҷаи ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятӣ ва шахсони алоҳида содиршуда ифода меёбад. Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «дар соли 2025 дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ 23 448 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2024 (22 314 ҷиноят) 1 134 ҳолат ё тақрибан 4,8 фоиз зиёд мебошад, инчунин, афзоиши баъзе намудҳои ҷиноятҳо ба назар мерасад: шумораи ғоратгарӣ аз 86 то 107 ҳолат (24,4 фоиз), роҳзанӣ аз 28 то 32 ҳолат (14,3 фоиз), қаллобӣ аз 3 480 то 3 857 ҳолат (10,8 фоиз) ва дуздӣ аз 3 858 то 3 902 ҳолат (1,1 фоиз) зиёд гардидааст. Ҳамчунин, зиёдшавии шумораи ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз 745 то 905 ҳолат (21,5 фоиз) мушоҳида шудааст» [166].

Дар чунин ҳолатҳо пайдошавӣ ва рушди фаъолонаи усулҳои наву мураккаби содир кардан ва пинҳон намудани ҷиноятҳо, барои фаъолияти криминалистӣ мушкилии иловагӣ эҷод намудаанд. Ин тағйирот раванди тафтишотро ба таври ҷиддӣ душвор мегардонад ва аз илми криминалистика

таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои муосиру илман асоснокро талаб мекунад. Дар навбати худ, ин имкон медиҳад, ки ба муҳити ҷиноятии дар ҳоли тағйирёбӣ қарордошта самаранок муқобилият намояд. Дар чунин шароит, мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва судҳо ҳар чи бештар бо таҳдидҳои ошкоро, кӯшишҳои порадиҳӣ ва иръоби ҷабрдидагону дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Чунин шаклҳои фишор ба он равона шудаанд, ки беғаразии тафтишотро халалдор намоянд ва ба муайян кардани ҳақиқат оид ба парванда монеъ шаванд. Ҳолати додани нишондодҳои бардурӯғ ё сохтакории далелҳо исботи боиси эҷод кардани монеа ва рад кардани ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишкунанда мебошад, ки вазъияти мазкур нигаронкунанда арзёбӣ мегардад. Миқёси чунин ҳолатҳо хусусияти мунтазам пайдо намуда, дар натиҷа мансабдороне, ки таҳқиқот мебаранд, ҳарчи бештар дар ҳолатҳои мушкил ва баъзан ноумед қарор мегиранд, ки на танҳо омодагии баланди касбӣ, балки истифодаи чораҳои махсуси тактикиву мурофиавиро барои бартараф намудани монеаҳои бавуҷудомада талаб менамояд.

Муайян намудани дурустии моҳияти усулҳои тактикӣ ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, зеро танҳо дар асоси чунин фаҳмиш метавон хатти аниқро байни усулҳои тактикии эътимоднок ва ғайри қобили қабул гузаронд. Муқаррар намудани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои таткикӣ барои банизомдарории онҳо мусоидат намуда, ягонагиро дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ таъмин менамояд, ки ин сатҳи тафтиши ҷиноятҳоро самаранок ва босифат мегардонад.

Масъалаҳои мафҳум, моҳият ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо дар таҳқиқоти олимони зиёди илми криминалистика дарҷ шудааст, зеро онҳо рӯйкард ва равишҳои гуногун дошта, ягонагиро вобаста ба мафҳум ва ченакҳои усулҳои тактикӣ ба пуррагӣ дар бар намегирад, ки ақидаи онҳо ба самаранокии татбиқнамоӣ таъсири худро мерасонад.

Фаҳмиши дурусти моҳияти усули тактикӣ ва муайян кардани дараҷаи эътимоднокии он ҳангоми гузаронидани тафтиши ҷиноятҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ нақши калидӣ дорад. Муайян кардани моҳияти дурусти усули тактикӣ ба ҷудонамоии дақиқи усулҳое, ки дар доираи қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ё берун аз онҳо истифода мешаванд, мусоидат мекунад. Ин «на танҳо самаранокии чорабиниҳои тафтишотиро таъмин мекунад, балки риояи меъёрҳои ҳуқуқиро низ таъмин намуда, пешгирӣ аз вайроншавии эҳтимолии ҳуқуқи иштирокчиёни раванди тафтишотро ба амал меорад. Бештар аз ҳама, фаҳмиши ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ба ташаккули меъёрҳои ягонаи раванди тафтишӣ мусоидат мекунад, ки ин эътимод ба низоми ҳифзи ҳуқуқро қавӣ мегардонад ва сифати тафтишотро дар маҷмуъ метавонад баланд бардорад» [41, с. 74].

Қайд кардан лозим аст, ки «дар раванди муосири мурофиаи ҷиноятӣ усулҳои тактикӣ нақши марказӣ доранд ва ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд, зеро тавассути онҳо муфаттиш маълумоти боэътимод ба даст оварда, шароити муҳимми содир шудани ҷиноятро муайян менамояд ва эътимоднокии далелҳоро таъмин мекунад» [69, с. 41]. Ин усулҳо на танҳо имкон медиҳанд, ки маълумот бо тарзи тафтишотӣ ҷамъоварӣ шаванд, балки рафтори иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро пешгӯӣ намоянд ва сифати қарорҳои дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мешударо баланд бардоранд.

Бо вуҷуди он ки олимону мутахассисони соҳаи криминалистика ва инчунин, мурофиаи ҷиноятӣ ба масъалаҳои тасниф, истифода ва амалӣ кардани усулҳои тактикӣ таваҷҷуҳи назаррас доранд, корҳои намоён омода шудаанд, аммо дар назария ва амалия як қатор масъалаҳои ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Аввалан, дар муайян намудани моҳияти худи усулҳо ва меъёрҳои эътимоднокии онҳо гуногунандешии назаррас мушоҳида мешавад. Ин ҳолат ба мушкилоти таҳия намудани стандартҳои ягона меорад ва татбиқи пайвастаи онҳоро ҳангоми тафтиш душвор мегардонад. Дуюм, набудани равиши низомнок барои арзёбӣ кардани самаранокӣ ва батаври қонунӣ истифодаи усулҳои тактикӣ метавонад боиси поймол гардидани ҳуқуқҳои

мурофиавии иштирокчиён, аз ҷумла гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва шоҳидон гардад. Ин гуна камбудиҳо метавонанд ба қонунвайронкунӣ оварда расонад, таъмини адолатро дар парвандаҳои ҷиноятӣ мушкил созад ва эътимодро ба кормандон ва ҳатто низоми ҳифзи ҳуқуқ коҳиш диҳанд.

Бо дар назар гирифтани ҳолатҳои зикршуда, омӯзиш ва таҳлили мафҳуму моҳияти усулҳои тактикӣ, ченакҳои қобили қабул будани истифодаи онҳо, инчунин, таъсири онҳо ба самаранокии тафтишот мавзуи мубрами имрӯз мебошад. Таҳқиқоти мазкур барои рушду таҳкими илми криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, баланд бардоштани самаранокии раванди тафтиши ҷиноятҳо дар маҷмуъ мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, дар доираи таҳқиқоти мазкур тавсияҳои методии низомнок барои мақомоти тафтишотӣ таҳия мешаванд, ки ягонагӣ ва стандартизатсияи равишҳои тактикиро дар тафтиши ҷиноятҳо таъмин мекунанд. Дар навбати худ, ин раванд сатҳи баланди ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин намуда, эътимоди ҷомеаро ба низоми ҳифзи ҳуқуқ мустаҳкам намуда, сифати исботро баланд хоҳад кард. Дарки дурусти асосҳои истифодаи тактикаи криминалистӣ ба ташаккули қобилияти кормандони амалӣ, аз ҷумла, муфаттишон ва таҳқиқбарандагон барои интихоб ва татбиқи намунаи муносибтарини рафтор ё усули самараноки амал мусоидат намуда, истифодаи усулҳои тактикии ғайриқонунӣ, беасос ва шубҳаоварро пешгирӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ба омӯзиши масъалаҳои умумии усулҳои тактикӣ ва тактикаи криминалистӣ як қатор олимони ватанӣ, ба монанди Раҳимзода Р.Ҳ. [45, с. 313], Искандаров З.Ҳ. [34], Шарипов Т.Ш. [130, с. 38], Назаров А.Қ. [123, с. 102], Баҳриддинзода С.Э. [11], Ямоқова З.Д. [99, с. 46], [100, с. 24], Азимов Н.Б. [137, с. 162], Салимов Ҳ.С. [70, с. 18], [71], [72], Абдумаҷидов Ғ.А. [9], Раҳматҷонзода Р.Р. [69], Салимов Б.А. [156, с. 85], Қодирзода Д.С. [50, с. 220], Қобилов Б.Қ. [49], Аҳмадзода М.С. [138, с. 42], Сафарзода А.И. [76], Шарифзода Ш.М. [162, с. 119] ва дигарон машғул шудаанд.

Муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла: С.Е. Якушин [98], [164], А.С. Князков [145], С.В. Кузмин [114], Е.В. Шишкина [91], Т.С. Волчетская [142], А.Ю. Головин [143], М.П. Малютин [150], О.В. Полстовалов [153], Р.С. Белкин [12], [13], [14], И.Е. Биховский [20], А.Н. Василев [21], [22] ва дигарон дар асару мақолаҳои худ мавзуи таҳлилшавандаро низ то андозае баррасӣ намудаанд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ва маҷмуӣ дар бораи мафҳум, моҳият ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо аз тарафи олимони ватанӣ то ҳол сурат нагирифтааст. Таҳлилҳо нишон дод, ки танҳо баъзе паҳлӯҳои умумии мавзуи баррасишаванда дар доираи илми криминалистикаи ватанӣ таҳқиқ шудаанд. Бо назардошти нокифоя таҳқиқ гардидани ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мубрам будани мавзуъ зарурати омӯзиши муфассали масъалаи мазкур ба миён омадааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №265 карда шудааст ва нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Дурнамои ворид намудани институтҳои алоҳида ба ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқ шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии усулҳои тактикӣ дар ҷараёни ошкор кардан ва тафтиши ҷиноятҳо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таъиншудаи таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

− таҳлили хусусиятҳои назариявӣ ва криминалистии «усули тактикӣ», инчунин, мафҳум ва моҳияти он;

– омӯзиши асосҳои назариявии таснифи усулҳои тактикӣ;

– муайян намудани асосҳои методологии истифода ва татбиқи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо;

– таҳқиқи мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ;

– таҳлил ва баррасии таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ;

– омӯзиши мазмун ва хусусиятҳои қарорҳои тафтишотӣ, ки аз ҷониби муфаттиш дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мегарданд

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар самти истифодаи усули тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот маҷмуи донишҳо вобаста ба усулҳои тактикӣ мебошанд, ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд, инчунин, асосҳои назариявии истифодаи онҳо ва масъалаҳои амалӣ, ки бо татбиқи ин усулҳо дар фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ вобастаанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи (предмети) таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо мебошад, ки моҳият, тасниф, ченак ва самаранокии истифодаи он дар амалияи ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот),** нақшавӣ буда, макони таҳқиқот кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2020-2025-ро дар бар гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти асосии таълимоти криминалистика, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин, таҳқиқоти бевоситаи мансуб ба объекти таҳқиқи соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷомеашиносӣ, психология ва педагогика ташкил медиҳанд. Маводи конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо атрофи масъалаҳои мазкур таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Зимни таҳияи рисолаи илмии мазкур муаллиф асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро, аз қабили Раҳимзода Р.Ҳ., Шарипов Т.Ш., Назаров А.Қ., Ямакова З.Д., Азимов Н.Б., Сафарзода А.И., Абдумаҷидов Г.А., Қодирзода Д.С., Қобилов Б.Қ., Салимов Ҳ.С., Раҳматҷонзода Р.Р., Салимов Б.А., Қодирзода Д.С., Якушин С.Е., Князков А.С., Завялов В.А., Кузмин С.В., Шишкина Е.В., Волчетская Т.С., Головин А.Ю., Малютин М.П., Полстовалов О.В., Белкин Р.С., Биховский И.Е., Василев А.Н. ба таври васеъ истифода намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ (таҳлил, диалектика) ва методҳои махсуси илмӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ) ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои ба миён гузошташуда мусоидат кардаанд. Истифодаи методи таҳлил ба омӯзиши муфассали консепсияҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи тафтишӣ ва равишҳои мавҷуда оид ба муайян намудани моҳият, мазмун ва аҳаммияти усулҳои тактикӣ дар криминалистика мусоидат намуд. Тавассути ин метод мушкилоти мавҷудаи танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии усулҳои тактикӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ошкор карда шуданд.

Методи диалектикӣ имкон дод, ки усулҳои тактикӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва криминалистии, ба таври динамикӣ рушдёбанда мавриди баррасӣ қарор гиранд, ки ба тағйири сатҳи ҷинояткорӣ, рушди технологияҳо, такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо алоқаманд мебошанд. Дар асоси методи мазкур қонуниятҳои ташаккули тактикаи криминалистӣ, таносуби самаранокии ошкор кардани ҷиноятҳо ва риояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни ин раванд мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми таҳқиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ки истифодаи усулҳои тактикиро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо танзим менамояд, истифода гардид. Ин метод имкон дод, ки хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ дар давлатҳои гуногун муайян

карда шуда, таҷрибаи мусбати давлатҳои хориҷӣ ва имконияти истифодаи онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқи Тоҷикистон ошкор карда шавад.

Методи мантиқӣ-расмӣ ҳангоми тафсир ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҳия намудани хулосаҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардид. Истифодаи ин метод пайдарпайӣ, мантиқӣ будан ва асоснокии илмии хулосаҳои марбут ба муайян намудани мафҳум, нишонаҳо, гурӯҳбандӣ ва хусусиятҳои татбиқи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳоро таъмин намуд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур баён шудаанд, масъалаҳои мубрами истифодаи усули тактикиро дар тафтиши ҷиноятҳо пурра инъикос мекунанд, ки дар рисолаҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология инъикос ёфтаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро маводди мақомоти тафтишоти, таҷрибаи татбиқи ҳуқуқи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ташкил медиҳад, ки хусусиятҳои истифодаи усулҳои тактикиро дар раванди ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо инъикос менамоянд. Дар ҷараёни таҳқиқот фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, воҳидҳои тафтишӣ ва мақомоти прокуратура мавриди таҳлил қарор дода шуд, ки ин имконият фароҳам овард, то мушкилоти мавҷудаи татбиқи амалии усулҳои тактикӣ ошкор гардида, шаклу усулҳои бештар паҳнгардидаи истифодаи онҳо ошкор карда шаванд, инчунин, омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти тафтишӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Диққати махсус ба омӯзиши таҷрибаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ки дар доираи он маводди назорати прокурорӣ, таҷрибаи роҳбарии мурофиавии тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин, масъалаҳои риояи қонунгузорӣ ҳангоми истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш гардиданд.

Дар доираи таҳқиқот маълумоти оморӣ ва таҳлилии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазъият, сохтор ва динамикаи ҷиноятკорӣ, нишондиҳандаҳои ошкоркунии ҷиноятҳо, инчунин, хусусиятҳои тафтиши гурӯҳҳои алоҳидаи парвандаҳои ҷиноятиро инъикос менамоянд, муҳим арзёбӣ мегарданд. Омӯзиши маълумоти мазкур имкон доднд, ки робитаи мутақобилаи байни самаранокии истифодаи усулҳои тактикӣ ва натиҷабахшии тафтиши ҷиноятҳо ошкор карда шуда, равандҳои муосири рушди ҷиноятკорӣ ва таъсири онҳо ба такмили тактикаи криминалистӣ муайян карда шаванд.

Ҳамзамон, ҳамчун заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, таҳлили қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ, қобили қабул будани онҳо, кафолатҳои риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва механизмҳои мурофиавии таъмини қонуният ҳангоми тафтиши ҷиноятҳоро танзим менамояд, баромад мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нпоходарҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили мукаммали истифодаи усули тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот барои пур намудани холигии мавҷудаи назариявию амалӣ нигаронида шудааст, ҳамчунин, муносибати низомиро ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳлил, арзёбӣ ва истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиш пешниҳод менамояд. Дар доираи таҳқиқоти мазкур равишҳои мавҷуда барои муайян кардани моҳияти усули тактикӣ, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи он ба низоми муайян дароварда шудаанд. Таҳқиқот механизмҳои консептуалиро барои такмил додани истифодаи усулҳои тактикӣ пешниҳод менамояд, ки ба самаранокии тафтишот ва танзими ҳуқуқии татбиқи онҳо равона шудаанд, ки ин ба рушди илм ва амалияи криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳм мегузорад.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд.** Дар асоси натиҷаҳои зикршуда, дар диссертатсия барои баррасӣ ва ҳимоя навгониҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:

Усули тактикӣ барои муфаттиш воситае мебошад, ки дар асоси талаботи қонун ва бо дарназардошти вазъи мушаххаси тафтишотӣ ва тактикӣ беҳтарин роҳҳои (хатти рафтор) ҷамъоварии далелҳоро пешниҳод мекунад. Моҳияти муҳимми усули тактикӣ шарти алоқамандии он ба вазъият мебошад, ки аз вобастагии интихоби усул ва мазмуни он дар маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективии вазъияти тафтишотӣ ифода меёбад ва имконияти татбиқи универсалӣ ва қолабии онро истисно менамояд.

Таснифи васеи усулҳои тактикӣ, ки дар асоси хусусияти алоқамандии онҳо бо маълумоти исботкунанда асос ёфтааст, бояд панҷ гурӯҳи зеринро дар бар гиранд: усулҳое, ки ошкор ва ҷамъоварии далелҳоро таъмин мекунанд; усулҳое, ки сабти онҳоро таъмин менамоянд; усулҳое, ки ба санҷиш, таҳлил ва арзёбии далелҳо равона шудаанд; усулҳое, ки ба истифодаи далелҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи тафтишот кӯмак мерасонанд; усулҳое, ки дар дигар амалҳои тафтишот истифода мешаванд ва мустақиман ба далелҳо рабт надоранд. Таснифбандии усулҳои тактикӣ ба таври комплексӣ мувофиқи мақсад мебошад, зеро дар асоси он метавон моҳият, хусусият ва татбиқи амалии усулҳои тактикиро ошкор намо. Дар доираи таснифбандии мазкур ченакҳои гуногун, аз ҷумла, танзими ҳуқуқии истифодаи усулҳои тактикӣ муайня карда мешаванд.

Қобили қабул будани усули тактикӣ хусусияти комплексӣ дошта, бо маҷмӯи меъёрҳо муайян гардида, мутобиқати он ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, асоснокии илмӣ ва мутобиқат ба талаботи ахлоқиро дар бар мегирад, ки ин мувозинатро байни самаранокии тафтишот ва риояи ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванд таъмин менамояд.

Қарори тактикӣ дар чараёни тафтиши ҷиноятҳо интихоби аз ҷониби муфаттиш амалишавандаи усули аз ҳама мақсаднок ва аз нуқтаи назари қонун қобили қабул мебошад, ки дар асоси таҳлили вазъияти тафтишӣ ва

пешгӯии рушди он сурат гирифта, ба ноил шудан ба вазифаҳои тафтиш дар шароити мушаххаси пешбурди парвандаи ҷиноятӣ равона гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рушди тасаввуроти назариявӣ оид ба усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят, моҳият, тасниф ва ченакҳо истифодаи онҳо, инчунин, дар муайян намудани мунтазамӣ ва муқобилиятҳо дар татбиқи усули тактикӣ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими фаҳмиши илмӣ оид ба механизмҳои расидан ба ҳадафҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо мусоидат намуда, дониши соҳаи криминалистика ва мурофиаи ҷиноятиро васеъ менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар омӯзиши криминалистика, таҳияи маводди таълимӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи механизмҳои пешбурди самаранокии тафтишот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои он барои такмил додани фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ истифода бурда мешаванд. Пешниҳодҳо оид ба дақиқ намудани ченакҳои истифодаи усулҳои тактикӣ ва роҳҳои рушди истифодаи онҳо метавонанд самаранокии амалҳои тафтишотиро баланд бардошта, риояи ҳуқуқи иштирокчиёни равандро таъмин намуда, ба ташаккули таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳо, ки шаффоф ва қонунӣ бошад, мусоидат намоянд.

Маводди диссертатсияро ҳангоми таълими фанни криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо омӯзиши пурра, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии истифодаи адабиёти илмӣ, монография, мақолаҳои илмии самти мавзуъ, таҳлили таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳо дар Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва

ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба ҷанбаҳои гуногуни усулҳои тактикаи криминалистӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои татбиқи усули мазкур асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** Таҳқиқотии диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмӣ 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо, тасниф, ченакҳои истифодаи усули тактикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тафтиши ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва маъруза дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии Акдемияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ - назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

**а) байналмилалӣ**:

– VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи Ҳуқуқи инсон – маъруза дар мавзуи: «Тактикаи пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршаванда: масъалаҳои қонунгузорӣ ва назария». – Душанбе, 10-уми декабри соли 2025;

– Международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы предварительного расследования», – Волгоград, 23 октября 2025 года;

– Международная научно-практическая конференция на тему «Научные тренды и тренды в контексте глобализации» – доклад на тему: «Соотношение тактических и тактикотехнических приемов в системе ключевых понятий криминалистической тактики». – Умео, Швеция, 19-20 января 2026 года;

– Международная научно-практическая конференция на тему «Аубакировские чтения», посвященная к 90-летию профессора А.Ф. Аубакирова – доаклад на тему «Законность тактических приемов в системе критериев их допустимости». – Алматы (Республика Казахстан), 2026.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Республиканская научно-практическая конференция на тему «Достижения, проблемы и перспективы развития уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан» – доклад на тему: «Теоретико-прикладные основы криминалистической тактики осмотра места происшествия». – Душанбе, 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар асарҳои нашршудаи муаллиф, аз ҷумла, дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 адад дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб,

шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 177 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

## 1.1. Хусусиятҳои назариявӣ ва криминалистии усули тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят: мафҳум ва моҳияти он

Криминалистикаи муосир ба таҳияи усулҳое равона шудааст, ки таҳқиқи самарабахши ҷиноятҳоро дар шароити баланд шудани ҷинояткорӣ таъмин мекунад. Ҷойи марказиро дар самаранок тафтиш ва ошкор кардани ҷиноятҳо усулҳои тактикӣ ишғол мекунанд, яъне, воситаҳое, ки ба муфаттиш имкон медиҳанд, ки раванди исботро ба таври оптималӣ ташкил намояд. Дар доираи зербоби мазкур бисёртар ба мафҳум, моҳият ва ҳудудҳои истифодаи усулҳои тактикӣ, диққат дода шуда ақидаҳои олимон вобаста ба онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Муқовимат ба тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳамаи ҳолатҳои ҷиноят шаклҳои ҳар чи мураккабтар пайдо мекунад. Чуноне ки Яблоков Н.П. қайд менамояд, «тағйироти манфӣ дар сохтор ва динамикаи ҷинояткорӣ, пайдоиш ва рушди усулҳои нави содир ва пинҳон кардани ҷиноятҳо ба фаъолияти криминалистӣ талаботи махсус мегузоранд» [95, с. 67]. Дар чунин шароит, илми криминалистика бояд таҳқиқоти илмиро барои коркарди усулу воситаҳои муосирро дар самти мубориза бо фаъолияти ҷинояткорӣ бомуваффақият ба роҳ монад. Зеро, «ба таҳқиқбарандагон, муфаттишон, прокурорҳо ва судяҳо (ҳангоми баррасӣ парванда, ки дар он усулҳои тактики ғайриқонунӣ ё ғайри қобили қабул истифода шудааст) бештар лозим меояд, ки бо таҳдидҳои ошкоро, порадиҳӣ, иръоб (шантаж) нисбат ба шоҳидон ва ҷабрдидагон рӯ ба рӯ мешаванд» [95, с. 69]. Монеасозӣ ба тафтишот дар шакли рад кардани ҳамкорӣ, додани нишондоди бардурӯғ, ба гумроҳӣ бурдани раванди тафтишот, пинҳон кардани изҳои ҷиноят, гузоштани далелҳои қалбакӣ ва монанди инҳо ба ҳадде паҳн шудааст, ки таҳқиқбарандагон ва муфаттишон аксар вақт ба ҳолати бунбаст дучор мегардад. Дар ин замина, рушди минбаъдаи криминалистика то андозае ба

такмили усулҳои тактикӣ, ки дар фаъолияти тафтишотӣ ҷиҳати самараноктар амалӣ намудани вазифаҳои тафтиш истифода мешаванд, вобастагӣ дорад.

Вобаста ба ин, такмили усул ва роҳҳои мавҷуда дар самти истифодаи усулҳои тактикӣ, инчунин, таҳияи тавсияҳои нав ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд кард, ки тафтиши ҷиноятҳо фаъолияти мураккаб ва хос мебошад, ки дар шароити муайян сурат мегирад.

Ба ақидаи Малютин М.П., таҳқиқ – ҷанбаи асосии тафтишот мебошад. Объекти таҳқиқ воқеаҳое мебошанд, ки дар гузашта рӯй додаанд ва таҳқиқбарандаву муфаттиш онҳоро мустақиман мушоҳида карда наметавонист. Ҳамзамон, воситаҳои таҳқиқ қатъиян бо қонун муайян карда шудаанд ва субъекти тафтишот бояд ба онҳо такя кунад. Олим қайд менамояд, ки ҳар як ҷиноят хусусиятҳои хосси худро дорад, аз ин рӯ, ҳар як тафтишот дорои душвориҳои хос мебошад. Бисёр вақт тафтиш дар шароити халалдоршави ба ҷонибдории шахсони манфиатдор анҷом дода мешавад. Натиҷаи кори муфаттиш ва хулосаҳои ӯ ба сарнавишти инсон таъсири ҷиддӣ мерасонанд, ки ин масъулияти баландро талаб мекунад [150, с. 64].

Дар чунин шароит, тавре ки Кони А.Ф. менависад, «ҳангоми ташкил ва банақшагирии тафтишот дар маҷмуъ, инчунин, дар омодагӣ ва гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ, муфаттиш аз усулҳои гуногуни тактикӣ истифода мебарад» [43, с. 240]. Ҳамзамон, Кони А.Ф. қайд менамояд, ки «ҳарчанд Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ то чӣ андоза комил бошад, он наметавонад тамоми дастурҳои тарзи амалҳои зиндагии ҳаррӯзаро дар бар гирад» [43, с. 241]. Масъалаи мафҳум ва моҳияти усули тактикӣ қаблан борҳо дар адабиёти криминалистӣ баррасӣ шудааст. Аммо то имрӯз масъалаи мазкур гуногунфаҳмӣ дошта, на ҳамеша боэътимод ҳаллу фасл мешавад. Ҳалли ин масъала на танҳо барои назария, балки барои таҷрибаи амалия низ аҳаммияти хос дорад, зеро маҳз он имкон медиҳад, то дақиқ муайян шавад, ки истифодаи кадом усулҳои тактикӣ қобили қабул мебошанду кадомашон ғайриқобили қабул.

Ба назар мерасад, ки барои таҳқиқи мафҳуму моҳияти усули тактикӣ бояд робитаи байни усули тактикӣ ва мафҳуми «тактика» мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта шавад.

То имрӯз байни криминалистон дар бораи моҳияти тактикаи криминалистӣ дар маҷмуъ ва мафҳуми асосии он – усулҳои тактикӣ, фикри ягона ба вуҷуд наомадааст. Гуногунии мавқеъҳои илмӣ аз рӯи равишҳои мухталифи олимон ба моҳият ва аҳаммияти тактикаи криминалистӣ муайян мешавад, ки ин дуруст дар амал татбиқ намудани усулҳои мазкур монеа эҷод намудани, ягонагиро таъмин намекунад. Дар фазои илмӣ ақидаҳои зиёд мавҷуд мебошанд, ки олимон моҳият ва нақши тактикаи криминалистиро ба таври гуногун дарк менамоянд. Дар натиҷа, дар амалия ҳангоми истифодаи дурусти чунин усулҳо мушкилот ба миён омада, инчунин, муносибати ягона нисбат ба татбиқи онҳо вуҷуд надорад.

Дар адабиёти криминалистӣ мафҳуми тактика аксар вақт ҳамчун «маҷмуи усулҳо ва воситаҳои тактикӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои тафтиш муайян мешавад» [63, с. 22]. Шарҳи этимологии мафҳуми «тактика» имкон медиҳад, ки онро ҳамчун «маҷмуи метод ва усулҳое, ки барои ба даст овардани мақсади пешбинишуда истифода мешаванд» муайян кард [47, с. 340-341]. Бо вуҷуди ин, то ҳол байни мутахассисони соҳаи криминалистика нисбат ба фаҳмиши мафҳуми «тактикаи криминалистӣ» мавқеи ягона вуҷуд надорад, зеро олимон моҳияти усули тактикиро гуногун муайян намуда, низоми тактикаи тафтишотӣ ва судиро ба тарзи худ шарҳ медиҳанд.

Профессор Белкин Р.С. усулҳои техникию криминалистӣ ва тактикиро (тактико-криминалистӣ) ҷудо менамояд. Усулҳои мазкур аз якдигар фарқ мекунанд, вале ифодагари умумии моҳияти усули криминалистӣ мебошанд. Яъне, онҳо аз рӯи тарзи амалӣ намудан ва объекти татбиқ фарқ мекунанд, аммо бо табиати умумии криминалистии худ муттаҳид мегарданд, зеро ҳар ду усулҳо бо воситаи истифодаи тавсияҳо ва усулҳои махсуси криминалистӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ хизмат менамоянд. Ба гурӯҳи якум дар ин ҷо «усулҳои истифодаи воситаҳои техникию

криминалистӣ дохил мешаванд, ба гурӯҳи дуюм бошад, усулҳои ташкилу банақшагирии тафтишот дар маҷмуъ, омодасозӣ ва гузаронидани амалҳои ҷудогонаи тафтишотӣ. Дар ин замина усули криминалистӣ мафҳуми муайянкунанда нисбат ба усули тактикӣ ба ҳисоб меравад» [16, с. 217].

Оид ба таносуби усулҳои тактикӣ-криминалистӣ ва техникию криминалистӣ Шиканов В.И. навистааст, ки «аввал дар соҳаи муносибатҳои субъект-субъект амал мекунанд, дар ҳоле ки дувум аломатҳои муносибатҳои субъект-объект мебошанд» [90, с. 57]. Ҳамзамон, дар ин замина қайд кардан лозим аст, ки фарқияти овардашуда бояд нисбӣ шуморида шавад. Ҳамин тавр, сабти изҳо ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса хусусияти техникӣ доранд, аммо бо роҳи истифодаи усули психологии «омӯзиши натиҷаҳои фаъолияти инсон» муфаттиш бисёр вақт метавонад дар асоси натиҷаи амалҳои мурофиавӣ дар бораи шахсияти ҷинояткор, хусусиятҳои алоҳидаи табиати ӯ, ки дар тарзи содир намудани ҷиноят инъикос ёфтаанд, хулоса барорад. Дар ин ҷо усулҳо дар соҳаи муносибатҳои субъекту объект метавонанд на танҳо ҳамчун воситаҳои техникӣ инъикос ёбанд, балки ҳамчун роҳҳои ба даст овардани иттилоот оид ба ҳолати психологӣ баромад намоянд. Дар илми криминалистика исбот шудааст, ки дар «вазъияти моддии ҷои ҳодиса маълумот оид ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва психологии шахсияти ҷинояткор инъикос меёбад» [118, с. 392]. Натиҷаҳои фаъолияти ҷинояткор дар ҷои ҳодиса дар худ маълумотеро нигоҳ медоранд, ки онро тавассути воситаҳои техникӣ дақиқтар инъикос кардан мумкин аст, вале худи ин воситаҳо танҳо «ҳамчун «воситаҳои муоширят» хизмат мекунанд. Дар психология таҳқиқи натиҷаҳои фаъолияти чунин намудро одатан «муошират навъи дуюм» меноманд» [64, с. 130]. Чуноне ки Петровский А.В. қайд менамояд, ки таҳти мафҳуми «воситаҳои муошират» воситаҳои техникии криминалистӣ фаҳмида мешаванд, ки барои ба даст овардан, интиқол додан ва мустаҳкам намудани маълумот оид ба ҷинояти содиршуда истифода мегарданд. Ба чунин воситаҳо изҳои ҷиноят ва дигар натиҷаҳои фаъолияти ғайриқонунӣ дохил мешаванд, ки маълумотро дар

бораи худи ҷиноят, тарзи содир намудани он, шахсияти ҷинояткор, инчунин, дигар ҳолатҳое, ки барои тафтишот аҳаммият доранд, дар бар мегиранд» [64, с. 131]. Аммо иттилооти мазкурро мустақиман ва дар ҳаҷми пурра ғайриимкон мебошад, ки барои ошкор ва тафсир намудани он усулҳои махсус зарурард. Маҳз бинобар ҳамин воситаҳои техникӣ ҳамчун як навъи миёнарав байни сарчашмаи иттилоот ва субъекти даркнамоӣ, яъне, муфаттиш ё коршинос, баррасӣ мешаванд. Воситаҳои аксбардорӣ ва наворбардорӣ, воситаҳои дактилоскопӣ, усулҳои трасологӣ, дастгоҳҳои ошкор намудани зарраҳои хурд ва дигар воситаҳои техникӣ имконият медиҳанд, ки иттилооти пинҳонӣ ба шакле «кушода» гардад, ки барои дарк ва таҳлил дастрас бошад. Аз ин нуқтаи назар, онҳо ҳамчун воситаҳои муоширати баромад менамоянд, зеро тавассути онҳо алоқа байни объектҳои олами моддӣ ва шахсе, ки тафтишро анҷом медиҳад, таъмин карда мешавад.

Хусусияти намунавии таҳқиқи натиҷаҳои фаъолият, ҳамчун муошироти навъи дуюм, парвандаи ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии К.Н. дар содир намудани ҷиноятҳое, ки дар қ. 1 м. 117 ва м. 103 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, мебошад. Дар доираи ин парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш бодиққат қолаби пешазҷиноятии рафтори К.Н.-ро таҳқиқ намуд, ки он дар нишондоди шоҳидон ва ҷабрдидагон инъикос ёфтааст. Дар ин ҷо майлҳои ҷинояткорӣ аллакай дар рафторе, ки пешдомани фаъолияти ҷиноятӣ буд, аён мегардиданд. Тахмин карда мешавад, ки тафтишгар дар ин ҳолат тавонист хеле дақиқ қолаби пешазҷиноятии рафтори айбдоршавандаро дар протоколҳои пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагон инъикос намояд [169].

Як қатор олимон пешниҳод менамоянд, ки дар низоми усулҳои тактикии криминалистӣ тахминҳои (версияҳои) тафтишотӣ ва судӣ, инчунин, банақшагирии тафтишот ворид карда шаванд. Ин нуқтаи назарро пештар Яблоков Н.П. ва Василев А.Н. иброз карда буданд [23, с. 4-16], аммо баъдан Яблоков Н.П. ва Колдин В.Я. мавқеи дуҷониба ишғол карда, «банақшагирӣ ва тахминҳои криминалистиро ба асосҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ дар криминалистика мансуб донистанд, диққати худро бисёртар ба масъалаҳои

зикршуда ҳангоми ифшои мундариҷаи тактикаи криминалистӣ ҷалб намуданд» [94, с. 100-118].

Бояд тазаккур дод, ки дарки нодурусти низом ва унсурҳои тактикаи криминалистӣ дарки мухталифи онро ба вуҷуд меорад. Равиши низомнокӣ дар муайян кардани ҳар гуна категорияи илмӣ, ки бо якдигар фарқ мекунад, яке аз принсипҳои илм аст. Аз ин рӯ, «дуруст фаҳмидани моҳияти тактикаи криминалистӣ ба муайян кардани низоми он вобаста мебошад» [99, с. 220].

Баъзе муҳаққиқон тактикаи тафтишро ҳамчун низом ё маҷмуи усулҳои гуногуни тактикӣ баррасӣ менамоянд. Пойгоҳи чунин таърифҳо фаҳмиши этимологӣ аз худи мафҳуми «тактика» мебошад. Попова И.А. қайд менамояд, ки криминалистика бо таҳия ва такмил додани низоми усулҳои тактикӣ, ки дар рафти амалҳои тафтишотӣ ва судӣ истифода мешаванд, машғул мебошад. Усулҳои мазкур ба истифодаи ҳадди аксари ҳар як қадами алоҳидаи тафтишотӣ ва равандҳои судӣ, инчунин, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона шудаанд. Дар ин замина аҳаммияти махсус ба мутобиқсозии қарорҳои тактикӣ ба вазъи мушаххас, «хусусият ва шароити парванда мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, ки ин барои ошкоркунии дақиқтарини далелҳо ва баланд бардоштани самаранокии тамоми равандҳои тафтишот мусоидат менамояд» [154, с. 16].

Ҳамзамон, Салимов Ҳ.С. қайд менамояд, ки усули тактикӣ «ҳангоме зарур аст, ки зиддияти манфиатҳо дар байни иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ ва рафтори онҳо ба амал меояд ва ё дар ҳолате, ки муфаттиш дар муқобили шахсоне меистад, ки ба пинҳон доштани ҳақиқат талош мекунанд, барои бурдани тафтишот бо роҳи нодуруст манфиатдор ҳастанд, истодаанд» [70, с. 140]. Аз ин рӯ, зарур аст, ки тактикаи пурсиш, рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан, экспертименти тафтишӣ, кофтуков, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бояд мавриди омӯзиш, таҳқиқоти илмӣ ва коркард карда шаванд [71, с. 330].

Коновалова В.Е. тактикаи тафтишро «ҳамчун низоми мукаммали усулҳо ва роҳҳои илмӣ асоснокшуда баррасӣ менамояд, ки ба меъёрҳои

қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ асос ёфта, дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ амалӣ карда мешаванд» [146, с. 15], ифода менамояд. Ин усулу методҳо ба самаранок ошкор кардани ҷиноятҳо ва таъмини тафтиши пурра равона гардидаанд, ки имкон медиҳад равандҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такмил дода шаванд. Тактикаи тафтишотӣ, аз ин лиҳоз, на танҳо маҷмуаи равандҳо мебошад, балки як асоси методологӣ, ки низомнокӣ ва асоснокии илмии амалҳои муфаттишро дар шароити воқеии раванди ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Филонов Л.Б., Давидов В.И. ва Доспулов Г.Г. усулҳои тактикиро чунин тавсиф мекунанд: «усулҳои таъсиррасонӣ ба одамон, ки боиси тағйироти муайяни психологӣ мегарданд ва тавассути онҳо натиҷаҳои лозим ба даст оварда мешавад» [168, с. 116].

Тавре ки Давлатзод Ш.М. қайд менамояд, усули тактикӣ «алгоритми амалҳои муфаттиш аст, ки дар асоси таҳлили вазъияти тафтишотӣ тарҳрезӣ шуда, барои ба даст овардани маълумоти исботкунанда равона шудааст» [28, с. 72].

Ҳамзамон, Сокол В.Ю. қайд менамояд, ки «тактика ин фаъолияти амалӣ мебошад, ки ба фаъолияти муайяншуда дар ҳолатҳои мушаххас барои ошкор кардани ҷиноят ва таъсири мантиқӣ-психологӣ ба шахсоне, ки дар ин фаъолият иштирок мекунанд, дар доираи имконпазир ва бо мақсади гирифтани маълумоти криминалистӣ аз онҳо ва пешгирӣ, бетарафсозӣ ё шикастани муқовимати воқеӣ ё бардуруғ аз тарафи онҳо ба равандҳои муқаррарии ошкор намудани ҳақиқат равона шудааст» [157, с. 39].

Дар ҷараёни ҳар як амали тафтишотӣ муфаттиш чунин таъсири мантиқию психологиро анҷом медиҳад, вале мундариҷаи тактика танҳо ба чунин таъсир маҳдуд карда намешавад. Тактика бояд хатти рафтори муфаттишро ҳангоми омодагӣ, гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва сабти натиҷаҳои он муайян кунад. Таъсири мантиқиву психологӣ танҳо ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ амалӣ карда мешавад, аз ин рӯ, маҳдуд

кардани мазмуни тактика танҳо ба ин ҷараён асос надорад ва нопурра ба назар мерасад.

Тактикаи тафтишотӣ ва усулҳои тактикии он, «бо назардошти табиати криминалистика, ки тактикаи тафтишотӣ қисми он ба шумор меравад, ба чунин соҳаи муошırати инсонӣ тааллуқ доранд» [133, с. 38], ки ҳангоми тавсифи он, пеш аз ҳама, метавон ҳадафи махсусро муайян кард.

Митричев С.П. ишора кардааст, ки «мақсади усули тактикӣ – таъмини тафтишоти банақшагирифташуда ва мақсаднок буда, иҷрои ҳар як амали онро бо самаранокии баланд таъмин намудан аст» [122, с. 15]. Белкин Р.С. зикр менамояд, ки «мақсадҳои усулҳои тактикии тафтиш дар маҷмуъ бо мақсадҳои амалҳои тафтишотие, ки дар ҷараёни анҷом додани онҳо ин усулҳо истифода мешаванд, мувофиқат мекунанд» [18, с. 31]. Василев А.Н. усули тактикиро ҳамчун роҳи мантиқӣ ва самаранок барои амал кардан ё муносибтарин хатти рафтор дар шароити муносиб барои шахсе, ки амалҳои мурофиавиро иҷро мекунад, муайян менамояд [22, с. 53].

Тавре ки ба назар мерасад, мақсадҳои истифодаи усулҳои тактикӣ шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: а) умумӣ; б) асосӣ; в) бевосита [131, с. 57]. Зери мафҳуми «мақсадҳои умумӣ» самтҳои нисбатан васеъ ва стратегии татбиқи усулҳои тактикӣ фаҳмида мешаванд. Онҳо бо ноил гардидан ба вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар маҷмуъ, яъне, таъмини тафтиши пурра, холисона ва ҳаматарафаи ҷиноят, муайян намудани ҳақиқат оид ба парванда, фош намудани шахси гуноҳкор ва пешгирии ҷиноятҳо алоқаманд мебошанд. Мақсадҳои мазкур таъйиноти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии тактикаи криминалистиро инъикос менамоянд. Мақсадҳои асосӣ бошад, хусусияти бештар мушаххас дошта, бевосита бо самаранокии гузаронидани тафтиши ҷиноятҳо алоқаманд мебошанд. Ба онҳо метавон гирифтани маълумоти боэътимоди исботкунанда, ошкор ва сабт намудани осори ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, бартараф намудани монеаҳо барои тафтиш, таъмин намудани ҳамкории иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ ва интихоби роҳи самараноки рафтори муфаттишро дохил намуд. Ба ибораи

дигар, мақсадҳои асосӣ таъйиноти функсионалии усулҳои мушаххаси тактикиро дар раванди тафтиш инъикос менамоянд. Мақсадҳои бевосита дар доираи мазмун ва мундариҷаи худ аз ҳама маҳдуд ба ҳисоб меравaнд. Онҳо аз вазъияти мушаххаси тафтишотӣ вобаста буда, бо вазифаҳое муайян карда мешаванд, ки бояд дар доираи амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ҳал карда шаванд. Масалан, барқарор намудани робитаи психологӣ бо шахси пурсишшаванда, ошкор намудани мухолифатҳо дар нишондодҳо, пешгирӣ намудани нобудсозии далелҳо, ошкор кардани ҷойҳои махфии нигоҳдорӣ, фароҳам овардани шароит барои гирифтани нишондодҳои дуруст ва ғайра. Мақсадҳои мазкур бевосита дар лаҳзаи татбиқи усули муайяни тактикӣ амалӣ мегарданд [71, с. 339].

Мақсади умумии таҳия ва истифодаи ҳамаи усулҳои тактикӣ бояд муайян намудани ҳақиқати объективӣ оид ба парванда эътироф карда шавад. Аммо, тавре ки маълум аст, мақсади умумӣ танҳо тавассути амалиёти тафтишотӣ ба даст оварда мешавад. Ҳар яке аз ин амалиёт мақсади мушаххаси худро дорад. Вазифаҳое, ки ба амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ гузошта шудаанд, ба гуфти Гусаков А.Н., «намуди зинаҳое барои расидан ба мақсади умумӣ» [26, с. 71] мебошанд. Азбаски вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар маҷмуъ асосан тавассути амалҳои тафтишотӣ амалӣ мегарданд, мақсади асосии усулҳои тактикӣ бояд мусоидат намудан ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар назди ҳар як амали тафтишотӣ бошад. Хусусан, ҳангоми пурсиш мақсади асосӣ метавонад гирифтани нишондоди саҳеҳ ва боэътимод ҳисобида шавад.

Аз ҳамин сабаб, бояд эътироф кард, ки «мақсади усулҳои тактикӣ вобаста ба навъи ҷинояти тафтишшаванда, марҳилаи тафтишот, марҳилаи гузаронидани амалҳо тафтишӣ, инчунин, мақсадҳои амалиёти тафтишӣ муайян карда мешавад» [147, с. 11].

Дар гузаронидани амалҳои тафтишотӣ муфаттиш ба мушкилоти гуногун дучор мегардад, ки ба иҷрои пурраи чорабиниҳои зарурии мурофиавӣ монеа эҷод мекунанд. Чунин мушкилот хусусияти мушаххас ва

вазъиятӣ доранд, зеро вобаста ба ҳолатҳои тафтишот онҳо метавонанд ба таври гуногун расидан ба мақсади тафтишотро душвор гардонанд. Инчунин, бартараф намудани ин монеаҳо мақсади бевоситаи усулҳои тактикӣ мебошад, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми гузаронидани пурсиш чунин монеа метавонад мавқеи манфии шахси пурсишшаванда бошад, ки аз тарси интиқом гирифтани шахсони манфиатдор ба вуҷуд меояд. Бартараф намудани ин тарс дар ҳолати мушаххас, бартарафсозии монеаҳо дар роҳи расидан ба мақсадҳои пурсиш ба шумор меравад. Монеаҳо тибқи табиати худ метавонанд: 1) ё аллакай ба вуҷуд омада ё; 2) эҳтимолияти пайдо шудан бошанд. Тавре маълум аст, пешгирӣ кардани пайдоиши монеаҳо беҳтар ва судмандтар аст, нисбат ба баъдан онҳоро бартараф намудан. Бо ҳамин сабаб, муфаттиш метавонад монеаҳои эҳтимолиро пешгӯӣ кунад ва кӯшишҳояшро, пеш аз ҳама, ба он равона намояд, ки ба пайдоиши онҳо роҳ надиҳад. Аз ин рӯ, муфаттиш метавонад аввал чунин усулҳои тактикиро истифода намояд, ки барои пешгирии монеаҳои эҳтимол пешбинӣ шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои дигари фаъолияти криминалистӣ «вуҷуд доштани монеаҳо мебошад, ки қасдан ё беихтиёр эҷод мешаванд» [33, с. 196]. Вобаста ба ин, барои бартараф намудани монеаҳое, ки қасдона эҷод мешаванд, як навъи усулҳои тактикӣ зарур мебошанд, вале барои бартараф кардани монеаҳое, ки беихтиёр эҷод мешаванд, усулҳои дигар лозиманд. Ҳамзамон, тавре таҷриба нишон медиҳад, баъзе усулҳо метавонанд дар ҳар ду ҳолат истифода шаванд ва таъсири лозима дошта бошанд. Масалан, ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ оид ба тасарруфи маблағҳои буҷетӣ дар яке аз муассисаҳои давлатии ноҳияи Тоҷикобод муфаттиш бо ду навъи монеа рӯ ба рӯ гардид [170]. Аз як тараф, сармуҳосиб қасдан ҳуҷҷатҳои молиявиро пинҳон намуда, бо мақсади душвор гардонидани тафтиш нишондодҳои мухолиф медод.

Барои бартараф намудани ин монеа усулҳои тактикии пешниҳоди далелҳо дар пайдарпайии муайян ва мушаххасгардонии нишондодҳо

истифода шуданд, ки ин имконият дод, ки мухолифат дар нишондодҳои гумонбаршуда ошкор карда шавад. Аз тарафи дигар, қисми муайяни кормандони муассиса надоштани малакаи пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ беихтиёр барои тафтишот монеа эҷод менамуданд. Дар ин ҳолат муфаттиш усулҳои дигари тактикиро татбиқ намуд, ба мисли пурсиши такроран бо истифода аз ҳуҷҷатҳо ва барқарор намудани пайдарпайии хронологии воқеаҳо. Дар асоси мисоли мазкур муайян карда шуд, ки чунин усули тактикӣ, ба монанди мушаххасгардонии нишондодҳо, ҳам ҳангоми бартараф намудани монеаҳои қасдона ва ҳам ҳангоми рафъи мушкилоти беихтиёрӣ самаранок буд, зеро ба муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда мусоидат кард. Мисоли дигар, ки ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ оид ба як қатор дуздӣ дар манзилҳои истиқоматӣ  дар шаҳри дар Хуҷанд муфаттиш бо монеаҳои қасдонаи ҷониби гумонбаршуда рӯ ба рӯ гардид, ки ӯ пешакӣ бо шоҳидон барои додани нишондоди бардурӯғ маслиҳат карда буд. Барои бартараф намудани ин монеа усули тактикии пурсиши ҷудогона ва баъдан муқоисаи нишондодҳо татбиқ карда шуд, ки ин имконият дод дар нишондодҳои онҳо мухолифатҳои ҷиддӣ ошкор карда шаванд [171]. Ҳамзамон, монеаҳои беихтиёр низ ба миён омаданд: яке аз шоҳидон бинобар ҳаяҷони шадид натавонист намуди зоҳирии ҷинояткор ва пайдарпайии воқеаҳоро дақиқ тасвир намояд. Дар чунин вазъият муфаттиш усули тактикии пешниҳоди аксҳо ва ба таври марҳилавӣ барқарор намудани ҳолати ҳодисаро истифода бурд, ки ин ба шоҳид имкон дод ҳолатҳои заруриро дар хотирааш барқарор намояд.

Набояд фикр кард, ки бартараф намудани монеаҳои қасдан эҷодшуда нисбат ба бартараф намудани монеаҳои беихтиёр душвортар аст. Ҳамааш ба ҳолати мушаххас вобаста аст. Дар баъзе ҳолатҳо «осонтар аст, масалан, моил кардани шахсе, ки аз ӯ пурсиш карда мешавад, ки чизеро, ки фаромӯш кардааст, ба ёд орад ё аз таъсирҳои такрорӣ раҳо ёбад» [69, с. 53].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мисолҳои овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки монеаҳо дар тафтиши ҷиноятҳо метавонанд чуноне ки дар боло қакд карда шуд, ба ду гурӯҳи асосӣ тасниф карда шаванд: қасдона ва

беихтиёр. Монеаҳои қасдона бо мухолифати бошууронаи ба тафтиш алоқамандбуда, дар пинҳон намудани далелҳо, додани нишондодҳои бардурӯғ, эҷоди нишондоди сохта, мувофиқа намудани мавқеъҳо байни иштирокчиёни ҷиноят ва дигар шаклҳои гумроҳсозии мақомоти тафтиш ифода меёбанд. Барои бартараф намудани онҳо асосан усулҳои тактикии хусусияти фошкунанда ва санҷишӣ истифода мешаванд, аз ҷумла, пешниҳод намудани далелҳо дар пайдарпайии муайян, пурсиши ҷудогона, муқоисаи нишондодҳо ва дигар роҳҳои ошкор намудани мухолифатҳо. Баръакс, монеаҳои беихтиёр бо омилҳои воқеӣ ё равонӣ вобаста мебошанд: фаромӯшхотирӣ, ҳолати стрессӣ, норасоии малакаҳои касбӣ ё нотавонӣ дар дақиқ бозгӯ намудани ҳолатҳои ҳодиса. Барои бартараф намудани онҳо усулҳои тактикии дорои хусусияти барқароркунанда ва ёрирасон истифода мешаванд, ки ба фаъолсозии хотира, мушаххас намудани маълумот ва аз нав таҷдид кардани вазъияти ҳодиса равона гардидаанд. Ба шумораи чунин усулҳо «пурсиши такроран, барқарор намудани пайдарпайии хронологии ҳодисаҳо, пешниҳод намудани аксҳо, марҳила ба марҳила таҷдид намудани вазъияти ҳодиса ва дигар усулҳо дохил мешаванд» [127, с. 55].

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи моҳияти усули тактикӣ бевосита бо ҳалли масъалаи мафҳуми усул ва метод алоқаманд мебошад. Дар адабиёти криминалистӣ чунин нуқтаи назар иброз мешавад, ки метод ҳамчун объекти муайянкунандаи таҳқиқ, ки фаъолияти инсон ба он равона аст, хусусиятҳои таҳқиқро инъикос мекунад, дар ҳоле ки усул аз ҷиҳати моҳияти гноселогӣ як унсури метод ҳамчун роҳи таҳқиқ мебошад. Хусусияти усулҳои тактикӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо «тарзҳои амалҳои воқеӣ буда, аз ҷониби муфаттиш барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси тафтиш бо дарназардошти вазъияти баамаломада истифода мешаванд» [129, с. 70-71].

Мо дар он ақидаем, ки байни усули тактикӣ ва усули тактикӣ-криминалистӣ фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надорад, зеро ҳар ду мафҳум ба интихоби тарзҳои амал дар вазъияти муайяни тафтишотӣ алоқаманд буда, асосан танҳо аз рӯи ҳаҷми муҳтавои худ фарқ мекунанд.

Дар адабиёти криминалистӣ таърифҳои гуногуни усули тактикӣ мавҷуд мебошанд, ки имкон медиҳанд як қатор равияҳои мафҳуми «усули тактикӣ»-ро ҷудо намоем.

Мувофиқи **самти якум**, усули тактикӣ ҳамчун тарзи (хатти) рафтори мақбултарини муфаттиш ҳисобида мешавад. Ин самт аз тарафи олимон-криминалистони маъруф, монанди Селиванов Н.А. пешбарӣ карда мешавад, ки ба андешаи ӯ «усулҳои тактикаи тафтишотӣ – ин хатти рафтори муфаттиш, амалиёти ӯ (ғайр аз амалиёти техникӣ), пайдарпайӣ ва шароити иҷрои онҳо мебошад, ки дар вазъияти муайян мақсаднок буда, дар натиҷа ба тафтиши самаранок ва муайянсозии ҳақиқат дар парванда мусоидат мекунанд» [77, с. 39].

Митричев С.П. таҳти мафҳуми «усули тактикӣ» амали қонунӣ ва дар шароити мавҷуда мақсадноки таҳқиқбаранда ва муфаттишро мефаҳмид, ки ҳангоми анҷом додани ҳар гуна амали мурофиавӣ барои ба натиҷаҳои самарабахш ноил гардидан ба ӯ ёрӣ мерасонад [58, с. 44].

Бояд қайд кард, ки усули тактикӣ хатти рафторро муайян карда, ба тамаркузи фаъолияти зеҳнии муфаттиш дар самтҳои зарурӣ ёрӣ мерасонад. Муфаттиш ҳамчун субъекти фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси усулҳои тактикӣ «хатти рафтори мақсаднок»-ро амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, тафсири усули тактикӣ ҳамчун «хатти рафтори муфаттиш» дуруст ба назар мерасад.

**Самти дигар** усули тактикиро ҳамчун тавсияи илмӣ баррасӣ мекунад. Ин самтро олимон-криминалистон, ба мисли Василев А.Н., Комиссаров В.И., Биховский И.Е. ва дигарон муаррифӣ менамоянд.

Ҳамин тавр, Василев А.Н. қайд менамояд, ки усули тактикӣ – ин тавсияе мебошад, ки дар асоси илмҳои махсус (пеш аз ҳама, мантиқ ва психология) ва бо умумисозии таҷрибаи тафтишотӣ таҳия шудааст. Он «барои истифодаи усулҳои мантиқии таҳқиқ дар шароити махсуси тафтиш, ташаккули психологии муносибатҳои муфаттиш бо иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ, ташкили тафтиши мунтазам дар маҷмуъ ва ҷамъоварии

муваффақонаи далелҳо дар доираи қонунҳои мурофиаи ҷиноятӣ нигаронида шудааст» [21, с. 64].

Комиссаров В.И. чунин муайян менамояд: «Усули тактикӣ – ин тавсияи илмӣ асоснокшуда оид ба рафтори оптималии муфаттиш мебошад, ки бо назардошти ҳолатҳои маъмулӣ ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити самараноки омодагӣ, ташкил, ошкорсозӣ, ҷамъоварӣ ва баҳогузории далелҳо таҳия шудааст» [42, с. 75].

Мо ақидаҳои муқаққиқонро вобаста ба ҳаммаъно набудани усули тактикӣ ва тавсияи тактикӣ, дастгирӣ менамоем.

Тавсияи криминалистӣ маслиҳати ба таври илмӣ асоснокшуда ва дар амалия санҷидашуда мебошад, вале, на ҳар як усули тактикӣ тавсияи илмӣ маҳсуб меёбад. Шумораи зиёди усулҳои тактикӣ дар асоси таҷрибаи тӯлонии фаъолияти амлаии муфаттишон ба вуҷуд омадаанд, на дар натиҷаи таҳқиқоти махсуси илмӣ. Мафҳуми «тавсияи тактикӣ» нисбат ба мафҳуми «усули тактикӣ» васеътар мебошад. Тавсияи тактикӣ дар маҷмуъ нишон медиҳад, ки дар вазъияти муайяни тафтишотӣ истифодаи кадом амалҳо мувофиқи мақсад аст. Усули тактикӣ бошад, тарзи мушаххаси ноил шудан ба мақсади гузошташударо нишон медиҳад, яъне, мефаҳмонад, ки дар амал чӣ гуна бояд ҳаракат намуд. Аз ин рӯ, тавсияи тактикӣ метавонад якчанд усулҳои гуногуни тактикиро дар бар гирад. Бо дарназардошти вазъияти мушаххас, муфаттиш мустақилона он усулҳоеро интихоб менамояд, ки барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бештар мувофиқ ва самаранок мебошанд.

Ба андешаи Хушқадам Х.А., «муфаттиш дар доираи қонун озодии интихоби усулҳои тактикиро дорад ва онҳоро мувофиқи вазъияти баамаломада истифода мебарад. Муфаттиш ҳамчун субъекти истифодаи усули тактикии тафтиш ба тавсияҳои тактикӣ такя мекунад, ки кадом усули тактикии тафтишро дар вазъияти муайян чӣ гуна татбиқ намояд» [87, с. 33].

Фаҳмидани тавсияҳои тактикӣ ҳамчун усули тактикӣ на танҳо мазмуни мафҳумро васеъ мегардонад, балки ба усули тактикӣ вазифаҳои хусусинадоштаи онро низ медиҳад. Истифодаи усули тактикӣ зарур ва ҳатмӣ аст на

ба хотири дастурҳои қонун, балки аз он сабаб ки, дар акси ҳол, мақсадҳои амалиёти тафтишотӣ ба даст нахоҳанд омад.

Усули тактикӣ ва тавсияи тактикӣ мафҳумҳое мебошанд, ки байни худ дар муносибати диалектикии мазмун ва шакл қарор доранд. Тавсияи тактикӣ-криминалистӣ шакли вуҷуд доштан, нигоҳдорӣ, такмил додан ва паҳн намудани усулҳои тактикӣ дар амалияи тафтишотӣ мебошад.

**Самти сеюм** усули тактикиро ҳамчун роҳи оқилона ва самараноки амал ё хатти рафтори мувофиқи муфаттиш муайян менамояд.

Ҳамзамон, ба ақидаи Белкин Р.С., чунонки дар боло низ қайд карда шуд, «усули тактикӣ – ин тарзи амал ё хатти рафтори оқилонаву самараноктарин мебошад, ки ҳангоми ҷамъоварӣ, таҳқиқ, арзёбӣ ва истифодаи далелҳо ва пешгирии ҷиноятҳо мувофиқтар ҳисобида мешавад» [15, с. 331].

Шокиров М.Р. усули тактикиро чунин муайян менамояд: «усули амал ё рафтори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя мебошад, ки мувофиқи қарори қабулшуда ва дар асоси арзёбии ҳамаҷониба, пурра ва объективии вазъияти мавҷуда, бо мақсади амалӣ намудани корҳои тафтишотӣ ва дигар чорабиниҳо интихоб карда мешавад» [132, с. 47].

Таҳлили изҳороти овардашуда имкон медиҳад, ки усули тактикӣ ҳамчун мантиқитарин ва муассиртарин роҳи амал муайян карда шавад ва шахсе, ки тафтишро амалӣ мекунад, дар вазъиятҳои мушаххаси тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади эҷод кардани шароите, ки самаранокии анҷоми ҳар як амалияи тафтишотӣ ва судиро таъмин менамояд озодона интихоб намояд.

Моҳияти усули тактикӣ дар он аст, ки он роҳи амаливу дар илм санҷидашуда ва ба талаботи муайян ҷавобгӯ буда, ҳангоми гузаронидани чораҳои тафтишӣ ва судӣ истифода мешавад. Ин гуна тавсифи мафҳум ва моҳияти усули тактикӣ бо назардошти самтнокӣ, мақсад ва хосиятҳои асосии он пешниҳод карда мешавад.

Лозим ба тазаакур аст, ки усули тактикӣ ба ташаккули шароит барои иҷрои самарабахши амалҳои тафтишотӣ ва судӣ равона шудаанд.

Усулҳои тактикӣ бояд ба талаботи муайян ҷавобгӯ бошанд (дорои хусусиятҳои муайян бошад). Дар адабиёти криминалистӣ талаботе мавҷуданд, ки ба усулҳои тактикӣ гузошта мешаванд.

Чунонки Василев А.Н. қайд менамояд, «усулҳои тактикӣ дорои хосиятҳои умумии зерин мебошад:

а) илмӣ будан;

б) шакли сохтории ҳар як усул ва мансубияти он ба низоми усулҳо;

в) хусусияти тавсиявӣ доштани усул, ки озодии интихоби чанд имконотро медиҳад;

г) қонуният – ҳатмияти риояи дақиқи тамоми қоидаҳои мурофиавӣ, ки дар доираи онҳо усули тактикӣ татбиқ мешавад;

д) самтнокии амалишавии меъёр мувофиқи қонуни мурофиаи ҷиноятӣ;

е) мутобиқатии усули тактикӣ бо меъёрҳои этикӣ; ж) қобилияти истифодаи васеи воситаҳои илмӣ-техникӣ» [22, с. 14].

Ба ақидаи Карнеева Л.М., «усули тактикӣ бояд на танҳо қонунӣ ва этикӣ бошад, балки ба талаботи мақсаднокӣ, самаранокӣ ва интихобӣ будан ҷавобгӯ бошад» [37, с. 71].

Салимов Ҳ.С. қайд менамояд, ки «ҳамон усули тактикӣ қонунӣ буда метавонад, ки истифодаи он бояд шуур, ба меъёрҳои қонун ва ахлоқӣ зид набошад» [71, с. 332]. Бояд ҳеҷ гоҳ истифодаи усули тактикӣ шаъни иштирокчиёни амали тафтиширо паст назанад ва таҳқир нанамояд.

Порубов Н.И. талаботи зеринро, ки ба усулҳои тактикӣ пешбинӣ мешаванд, пешниҳод менамояд: «мутобиқат будан ба қонуни мурофиаи ҷиноятӣ, риояи принсипҳои раванди тафтишот, мувофиқат бо принсипҳои ахлоқӣ, асоснокии илмӣ, мантиқӣ, самаранокӣ ва интихобӣ будан» [66, с. 215].

Дар асоси таҳлили талаботе, ки ба усулҳои тактикӣ аз ҷониби олимони гуногуни криминалистика пешниҳод карда шудаанд, муҳимтарин нишондиҳандаҳои онро муайян кардан мумкин аст:

-озодии интихоби усули тактикӣ;

- алоқамандии усули тактикӣ бо вазъи тафтишотӣ;

- илмияти усули тактикӣ;

- қонунӣ будани усули тактикӣ;

- этикӣ будани усули тактикӣ;

- интихобӣ будан;

- самаранокии усули тактикӣ.

Мазмун ва хусусияти усули тактикӣ вобаста ба вазъияти тафтишотие мебошад, ки дар он ин усул истифода бурда мешавад. Хусусияти худи вазъияти тафтишотӣ аз «маҷмуи омилҳои зиёд вобаста аст, ки мазмун ва таркиби онҳо ҳамеша хусусияти инфиродӣ доранд ва дар ниҳоят бо хусусиятҳои парвандаи тафтишшаванда алоқаманданд, зеро вазъиятҳои тафтишотие, ки комилан яксон бошанд, вуҷуд дошта наметавонанд» [126, с. 91]. Бо назардошти он ки ин ҳолатҳо пайваста тағйир меёбанд, зарурати истифодаи усулҳои гуногуни тактикӣ ба вуҷуд меояд. Он чизе, ки дар баъзе ҳолатҳо мақбул ва дуруст аст, дар ҳолатҳои дигар метавонад хато бошад.

Аз ҳамин сабаб, мақсади таҳқиқоти илмӣ дар он аст, ки барои муфаттиш шумораи зиёди усулҳои коркард ка таҳия карда шаванд, ки ӯ бо назардошти вазъи тафтишотӣ самаранок ва оқилона интихоб ва истифода намояд.

Новик Ю.И. қайд менамояд, ки истифодаи усули тактикӣ на аз рӯи талаботи қонун, балки бо назардошти далелҳои тактикӣ ҳатмӣ мебошад. Муфаттиш ҳангоми анҷом додани баъзе амалҳои тафтишотӣ усули тактикиро интихоб мекунад ва қарор медиҳад, ки онро чи гуна ва кадом вақт татбиқ намояд. Аз ҳамин сабаб, «илм бояд маҷмуи чунин усулҳои тактикиро пешниҳод намояд, ки муфаттиш тавонад мувофиқтаринро вобаста ба вазъияти мушаххас интихоб кунад» [152, с. 84].

Масъалаи дар боло зикршуда ба робитаи байни қонуни мурофиаи ҷиноятӣ ва истифодаи усули тактикӣ низ тааллуқ дорад. Ҳалли масъалаи мазкур ба тавсифи дурусти моҳияти усули тактикӣ ҳисса мегузорад.

Таҳқиқи мушкилоти зикршуда диққати теъдоди зиёди олимонро ҷалб кардааст, ки аз онҳо махсусан метавон Белкин Р.С. [15], Якубович Н.А. [97], Ямполский А.Е. [101] ва дигаронро [75], [74], [65] қайд намуд. Дар осори муҳаққиқон таҳлили муфассалу низомнок оид ба тафтиши ҷиноятҳо, истифодаи усулҳои тактикӣ ва татбиқи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба онҳо гузаронида шудааст. Ҳамзамон, муаллифоне, ки робитаҳои мураккаб байни асосҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои тактикӣ дар фаъолияти муфаттишро мавриди омӯзиш қарор додаанд, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна омезиши дурустии талаботи меъёрӣ ва техникаи тафтишот самаранокӣ ва қонуниятро дар раванди ҷиноятӣ таъмин мекунад. Ин равиш имкон медиҳад на танҳо моҳияти меъёрҳои мурофиавиро амиқтар дарк намоем, балки механизмҳои татбиқи амалии онҳоро низ ошкор созем, ки ин барои такмил додани амалияи тафтишот ва омода намудани мутахассисони босалоҳият (дар самти тафтиш ва ошкори ҷиноятҳо) аҳаммияти хос дорад.

Бо вуҷуди ин, ба ақидаи Комиссаров В.И., баъзе муаллифон ин масъалаҳоро дар доираи нисбатан маҳдуд меомӯзанд: онҳо асосҳои ҳуқуқии тактикаи тафтишро танҳо нисбат ба як амали мурофиавии муайян баррасӣ менамоянд; ҳангоми муайян кардани мафҳум ва муҳтавои асосҳои ҳуқуқии тактика ба баъзе хатогиҳо роҳ медиҳанд [42, с. 56].

Волинский А.Ф. қайд менамояд, ки зери асосҳои ҳуқуқии истифодаи усулҳои техникӣ ва тактикӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд низоми комили меъёрҳо ва принсипҳоро фаҳмид, ки ҳам дар сатҳи қонун ва ҳам дар санадҳои зерқонунӣ муқаррар шудаанд. Низоми мазкур «доираи муайяни қобили қабул будани истифодаи чунин воситаҳоро муайян менамояд, мундариҷаву мақсадҳои онҳоро танзим намуда, тартиби истифодаи онҳоро аз ҷониби муфаттиш, корманди хадамоти оперативӣ ва суд муқаррар мекунад» [105, с. 66]. Ҳамин тавр, меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси замина баромад мекунад, ки қонуният ва асоснокии амалҳои иштирокдорони тафтишотро таъмин менамояд ва ҳамзамон, марзҳои озодии онҳоро дар интихоб ва татбиқи усулҳои мушаххаси тактикӣ муайян мекунад.

Аён аст, ки ҳатто дар ин маврид муайян намудани мафҳум ва мундариҷаи «асосҳои ҳуқуқии тактикаи тафтишотӣ» ба такмил ва равшансозии бештар ниёз дорад. Ин равшансозӣ бояд дар доираи қонун таҳияи онҳо, муқаррар кардани меъёрҳо ва равишҳое, ки мутобиқати усулҳои нави тафтишотиро бо меъёрҳо ва принсипҳои маъмули ҳуқуқӣ таъмин мекунанд, фаро гирад.

Криминалистика, тавассути таҳия ва татбиқи воситаҳои техникӣ ва усулҳои тактикӣ ба принсипҳои асосии илми мурофиаи ҷиноятӣ асос меёбад [121, с. 40]. Ҳолатҳои мазкур таълимоти дахлнопазирӣ ва аҳаммияти нисбии далелҳо, муайян кардани ҳудудҳои раванди исбот ва инчунин, принсипҳои баҳогузории маълумоти ҷамъшударо дар бар мегиранд. Муҳим он аст, ки криминалистика ба таври ҷудогона аз ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад: он дар асоси меъёрҳо қонунгузорӣ амал мекунад. Дар адабиёти илмӣ маҳз чунин омезиши муқаррароти мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ анъанавӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии криминалистика баррасӣ карда мешавад. Ҷоиз аст, ки чунин равишҳо низ барои омӯзиши тактикаи тафтишотӣ, усулҳо ва роҳҳои татбиқи он ҳисса мегузоранд, зеро самаранокии тактика бевосита бо доираи ҳуқуқие, ки муфаттиш дар доираи он амал мекунад, вобаста аст.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ меъёрҳои гуногун пешбинӣ шудаанд, ки муфаттиш ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда онҳоро роҳнамоӣ мекунад. Баъзе аз ин меъёрҳо хусусияти ҳатмӣ ё манъкунанда доранд: дар ҳолатҳои муайян онҳо аз муфаттиш анҷом додани амалҳои мушаххаси мурофиавиро талаб менамоянд ё баръакс, гузаронидани баъзе амалҳоро дар доираи тафтишот иҷозат намедиҳанд. Меъёрҳои мазкур «ягонагӣ ва қонунмандии амалҳои муфаттишро таъмин намуда, доираи равшани рафтори иҷозатдодаро дар рафти тафтиш муайян менамоянд» [69, с. 71].

Гурӯҳи дигаре аз меъёрҳои хусусияти алтернативӣ ё иҷозатдиҳанда мавҷуд мебошанд, ки ба муфаттиш сатҳи муайяни озодиро дар интихоби усулҳо ва тарзҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ иҷозат медиҳанд. Меъёрҳо

барои истифодаи усулњои тактикӣ шароит фароҳам оварда, ба муфаттиш имконият медиҳанд, ки бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххаси парванда, хусусиятҳои шахсияти гумонбаршуда ва хусусияти раванди исботкунӣ, тарзи аз ҳама мувофиқи амалро интихоб намояд.

Иҷрои муқаррароти қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар амал тавассути истифодаи усулҳои гуногуни тактикӣ аз ҷониби муфаттиш амалӣ мешавад. Дар чунин ҳолатҳо, чунонки Василев А.Н. қайд менамояд, усули тактикӣ барои истифода ҳатмӣ набуда, хусусияти тавсиявӣ дорад. Аз ин рӯ, «дар ҳайати меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ худи усулҳои тактикӣ вуҷуд надоранд; онҳо ҳамчун василаи амалӣ намудани меъёрҳо вуҷуд доранд, ки ба муфаттиш имконият медиҳанд, то мақсади тафтишро босамар ба даст оранд, вале ҳамчун унсурҳои ҳатмии қонунгузорӣ ҳисоб намешаванд» [140, с. 29]. Ин ба назари Митричев С.П. мувофиқ аст, ки таъкид менамояд: «Тавсияҳои тактикӣ меъёрҳои қонун нестанд, онҳо аз ҷониби муфаттиш ба ихтиёри худ истифода мешаванд» [58, с. 38]. Ақидаҳои болозикрро мо дастгирӣ карда наметавонем, зеро дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии бисёр давлатҳо усулҳои тактикии пурсиш, рӯбарӯкунӣ, кофтуков, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, санҷиши эътимоднокии нишондодҳо ва ғайра пешбинӣ шудааст.

Ба ақидаи Коломатский В.Г., вазифаи асосии тактикаи криминалистӣ дар таҳия кардани роҳу усулҳои илмии асоснокшуда мебошад, ки метавонанд дар иҷрои амалҳои гуногуни мурофиавӣ, ба мисли азназаргузаронӣ, кофтуков, пурсиш ва дигар чораҳои тафтишотӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти ҳадди аксар боэътимод дар бораи воқеаҳое, ки бо ҷиноят алоқаманданд самаранок истифода шаванд. Ӯ қайд менамояд, ки таҳия намудани чунин усулҳо бояд амалӣ бошанд, барои расидан ба натиҷаҳои воқеӣ дар тафтишот мусоидат кунанд ва ба ошкор намудани ҳамаи шароитҳои кирдори содиршуда кӯмак расонанд. Ба андешаи олим, «самти умумии фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, ки дар асоси принсипҳои қонуният ва ҳимояи ҳатмии ҳуқуқҳои шаҳрвандон асос ёфтааст, заминаи

ҳамоҳангсозии тактикаи криминалистиро бо талаботи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ фароҳам меорад» [112, с. 21].

Белкин Р.С. нисбат ба танзими ҳуқуқии усулҳои тактикӣ назари алоҳида дорад ва дигаргунии маъноии махсуси онро таъкид менамояд. Ба ақидаи ӯ, вақте ки қонунгузор як усулро дар санадҳои меъёрӣ муқаррар менамояд, ин, умуман, танҳо як талаботи расмӣ нест, балки эътирофи қонунгузор аст, ки ин усул беҳтарин восита барои расидан ба ҳадафҳои як амалияи мушаххаси тафтишотӣ мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки воситаи дар асоси қонун тасдиқшуда, аз ҷиҳати мақсаднокӣ, мантиқӣ ва самаранокӣ қобили қабул аст ва он ҳамчун усули универсалии рафтор дар доираи раванди тафтишот истифода мешавад. Ҳамзамон, Белкин Р.С. қайд менамояд, ки ҳатмӣ будани ҳуқуқи истифодаи чунин усул табиати тактикии онро бекор намекунад: новобаста аз он ки дар қонун муқаррар шудааст, он то ҳол як усули амал ҳисобида мешавад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи мушаххас дар тафтиш равона шуда ҳамаи хусусиятҳои тактикии усулро нигоҳ медорад [15, с. 320].

Яке аз хусусиятҳои калидии роҳҳои тактикӣ – ин қобилияти мутобиқшавӣ, яъне, имкони истифода бо назардошти хосияти ҳолати муайяни тафтишотӣ мебошад. Самаранокии амалҳои тафтишӣ дар бисёр ҷиҳатҳо аз дуруст интихоб ва амалӣ намудани усулҳо дар ҳолати муайян иборат аст. Таҳлили гузаронидашуда ва омӯзиши таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳо имкон медиҳад ба чунин хулоса оем, ки дар як қатор ҳолатҳо истифодаи усули муайяни тактикӣ барои баланд бардоштани самаранокии тафтишот ва ба даст овардани натиҷаи зарурӣ мусоидат менамояд.

Дар ин ҳолат чунин усул метавонад дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардад ва мақоми меъёри ҳуқуқиро пайдо кунад. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки таҷрибаҳои дурусти фаъолияти тафтишотӣ расмӣ гарданд ва татбиқи якхелаи онҳо таъмин карда шавад. Чунин муқаррароти қонунгузорӣ метавонанд ба ҳайси мисол бароمад кунанд: «шунидани нақли озоди пурсишшаванда» [2] (м. 307 КМҶ ҶТ), инчунин, «хонда додани нишондоди

иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ, ки дар протоколҳои пурсишҳои пешина мавҷуданд, ҳамчунин, шунавонидану намоиш додани сабти овозию видеоии нишондоди мазкур танҳо баъди аз тарафи онҳо дода шудани нишондод дар вақти рӯбарӯкунӣ ва сабти онҳо дар протокол мумкин аст» [2] (қ. 5 м. 204 КМҶ ҶТ). Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна таҷрибаи истифодаи муваффақонаи усулҳои тактикӣ дар қонун инъикос ёфта, воситае эътироф мегарданд, ки қонуният ва самаранокии амалҳои тафтишотиро таъмин мекунанд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла: Порубов А.Н., Образтсов В.А., Нестеренко П.Д. ва дигарон, ки бо мавқеи Белкин Р.С. розӣ набуда, як нуқтаро қайд менамоянд: усули тактикӣ аз рӯи моҳият бояд воситае бошад, ки муфаттиш онро вобаста ба вазъияти мушаххаси тафтишот, хусусиятҳои ҳолати парванда ва вазифаҳои мурофиавӣ интихоб мекунад. Агар чунин усул дар қонунгузорӣ муқаррар гардида, шакли меъёрӣ пайдо кунад, он дигар унсури тактикӣ набуда, мақоми меъёрӣ ҳуқуқиро пайдо мекунад, ки иҷрои он ҳатмӣ мебошад. Дар ин ҳолат муфаттиш дигар ташаббус нишон намедиҳад ва нақшаи тактикии худро амалӣ намекунад, балки дар асоси талаботи муқарраргардидаи қонун амал менамояд. Ба ибораи дигар, истифодаи чунин усул дигар нишонаи озодии интихоби касбӣ намебошад ва ба иҷрои уҳдадории мустақими ҳуқуқӣ табдил меёбад, ки моҳият ва табиати ҳуқуқии онро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи усули тактикӣ дар ҷараёни тафтишот на аз рӯи масъулияти ҳуқуқӣ, балки маҳз бо далелҳои самаранокӣ ва мақсаднокӣ муайян карда мешавад. Интихоби усули мушаххаси гузаронидани амали тафтишотӣ ба зиммаи муфаттиш мемонад: ӯ мустақилона муайян мекунад, ки кадом усулро, кадом вақт ва бо кадом тартиб истифода барад. Дар ин замина таҳияи илмии низоми усулҳои тактикӣ аҳаммияти зарурӣ пайдо мекунад, зеро он ба муфаттиш маҷмуи гуногун ва муташаккили воситаҳоро фароҳам меоварад. Ин равиш имкон медиҳад, ки воситаи асоснок ва эътимоднок интихоб карда шавад, ки онро ба хусусиятҳои

ҳар як вазъи мушаххас мутобиқ сохта, ба ҳамин тариқ пуррагӣ, дурустӣ ва сифати амалҳои тафтишотиро таъмин намояд.

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки ягон парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи як сенарияи пешакӣ ва якхела инкишоф намеёбад. Ҳатто ҷиноятҳои як категория аз рӯйи механизми содиршавӣ, рафтори иштирокчиён, ҳаҷми далелҳои исботкунанда, сатҳи муқовимат ба тафтишот ва дигар ҳолатҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб муфаттиш наметавонад танҳо бо истифодаи усулҳои қолабии амал маҳдуд гардад. Усули тактикӣ танҳо ҳамон вақт арзиши амалии худро пайдо мекунад, ки агар он бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, шахсияти иштирокчиёни мурофиа ва далелҳои мавҷуда татбиқ карда шавад.

Дар таҷрибаи худ муфаттиш пайваста бо зарурати қабули қарорҳо дар шароити норасоии вақт ва маълумот, муқовимати фаъоли шахсони манфиатдор рӯ ба рӯ мегардад. Дар чунин шароит риояи танҳо меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ ҳанӯз худ аз худ кафолати тафтиши самаранокро таъмин намекунад. Қонун доира ва тартиби умумии гузаронидани амалҳои тафтиширо муайян менамояд, аммо он наметавонад тамоми хусусиятҳои ҳолатҳои воқеиро, ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд, пешбинӣ намояд. Маҳз бо ҳамин сабаб тактикаи криминалистӣ ва низоми усулҳои тактикӣ аҳаммияти хос дошта, ба муфаттиш имкон медиҳанд, ки роҳи нисбатан оқилона ва самараноки расидан ба мақсади гузошташударо интихоб намояд.

Ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки усули тактикӣ аз дигар унсурҳои тафтиш ҷудо буда наметавонад. Истифодаи он бо банақшагирии тафтишот, пешниҳод намудани версияҳои тафтиш, арзёбии далелҳо ва пешгӯии рушди минбаъдаи вазъият алоқаи зич дорад. Бисёр вақт самаранокии як усули тактикӣ аз сари вақт истифода шудани он ё аз дуруст муттаҳид намудани он бо дигар воситаҳои тактикӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти муфаттиш на истифодаи механикии тавсияҳои алоҳида, балки тафаккури мураккабу ҳамаҷонибаи тактикиро талаб менамояд.

Бояд комилан бо мавқеи Белкин Р.С. розӣ шуд, ки дар асоси он, на қонун ва на санадҳои зерқонунӣ наметавонанд рӯйхати пурраи усулҳои тактикӣ, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд ё метавонанд истифода шаванд, пешниҳод кунанд. Сабаби ин дар он аст, ки қонун наметавонад маҷмуи тамоми хусусиятҳои усулҳои мубориза бо ҷиноятро фаро гирад. Ҳамчунин, санадҳои меъёрӣ наметавонанд дастури муфассал оид ба татбиқи ин усулҳоро дар ҳар ҳолати мушаххас дар бар гиранд. Муқаррароти мазкур аҳаммияти принсипиалӣ дошта, бо чанд ҳолат шарҳ дода мешавад. Аввалан, ҳар як кӯшиш барои ба қайд гирифтани рӯйхати пурраи усулҳои тактикӣ дар доираи як ё ҳатто тамоми низоми меъёрҳои мурофиавӣ, бешубҳа, рушди минбаъдаи таҳқиқот ва такмилёбии асосҳои илмии тактикаи тафтишро бозмедошт ва ба амалӣ гардидани онҳо монеа мекард, ки усулҳоро ба шароити нав мутобиқ кунанд ва самараи онҳоро баланд бардоранд. Рӯйхати мазкур, ҳамзамон, пас аз нашр шудан он гоҳ мубрамияти худро гум карда, ҳамчун воситаи расмӣ ва беэътибор боқӣ мемонад.

Дуюм, аз нуқтаи назари техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ имконнопазир аст, ки дар қонун як гурӯҳи пурраи усулҳои тактикӣ бо сабаби ҳаҷми хеле калон доштани он ҷой дода шавад. Дар ниҳоят, имконнопазир аст, ки тартиби истифодаи ин усулҳоро ба таври комилан дақиқ танзим намуд, зеро наметавон тамоми ҳолатҳо ва вазъияте, ки дар онҳо метавонанд истифода шаванд, пешбинӣ кард, инчунин, наметавон тамоми ҷанбаҳои тавсияҳои тактикӣ, ки ба динамикаи парванда вобастаанд, ба назар гирифт. Дар маҷмуъ, ин исбот он аст, ки танзими усулҳои тактикӣ бояд тағйирпазир боқӣ монад, бо таваҷҷуҳ ба принсипҳо ва мақсадҳои тафтишот сурат гирад, на ба номбар кардани расмии усулҳо.

Бо вуҷуди ин, наметавон гуфт, ки набудани феҳристи усулҳои тактикӣ ин камбудии қонунгузорӣ мебошад. Алоқамандӣ байни истифодаи тактика ва талаботи қонун хусусияти васлшуда дорад, зеро усулҳои мушаххаси тактикӣ ҳамчун меъёрҳои ҳатмӣ, монанди муқаррароти моддаҳои Кодекси мурофиаи

ҷиноятӣ, муқаррар нашудаанд. Истифодаи онҳо «танҳо аз нуқтаи назари касбии муфаттишон муайян шуда, ба шароитҳои мушаххаси тафтишот вобаста аст, аз ҷумла, хусусияти ҷиноят, хусусиятҳои шахсиятҳои иштирокчиён ва вазъияти оперативӣ дар маҳал» [117, с. 221]. Дар қонун муайян кардани танҳо меъёрҳои умумӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки асоси онҳо дар ҳар ҳолати мушаххас имкон медиҳанд, то ки ба қобили қабул будани истифодаи усули тактикӣ ҳангоми анҷоми амалҳои тафтиши мувофиқ арзёбӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки усули тактикӣ барои муфаттиш тавсияе мебошад, ки дар асоси талаботи қонун ва бо назардошти вазъи мушаххаси тафтишотӣ ва тактикӣ беҳтарин роҳҳои (хатти рафтор) ҷамъоварии далелҳоро пешниҳод мекунад. Гуфтаҳои боло на танҳо барои тавсияҳои махсусан криминалистӣ дуруст аст, балки барои ҷузъи тактикӣ, ки дар меъёрҳои диспозитивии мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуданд ва ба самаранокии ҷамъоварии далелҳо низ равона шудаанд, татбиқ мешавад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон қайд кард, ки усули тактикӣ бояд ҳамчун воситаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, дар амалия санҷидашуда ва ба талаботи қонун мутобиқи амалӣ намудани чорабиниҳои тафтишӣ арзёбӣ гардад, ки онро муфаттиш бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишотӣ интихоб намуда, барои ба даст овардани натиҷаи самараноктар равона месозад. Мазмуни усули тактикӣ тавассути маҷмуи нишонаҳои асосии он ошкор мегардад. Ба чунин нишонаҳо вобастагии вазъиятӣ, тағйирпазирӣ, интихобӣ будани таъсиррасонӣ, асоснокии илмӣ ва мутобиқат ба қонуни мурофиаи ҷиноятӣ дохил мешаванд [116, с. 73]. Таҳқиқот нишон дод, ки усули тактикӣ берун аз вазъияти тафтишотӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро маҳз хусусиятҳои вазъияти мушаххас интихоби воситаи самараноктарини амалҳои муфаттишро пешакӣ муайян менамоянд.

Муайян карда шуд, ки моҳияти усули тактикӣ, пеш аз ҳама, дар таъйиноти функсионалии он, яъне, таъмини ба даст овардани иттилооти исботшаванда ба таври оқилона, мақсаднок ва самаранок зоҳир мегардад.

Усули тактикӣ ҳамчун воситаи хосси фаъолияти зеҳнии муфаттиш баромад намуда, тавассути он вазифаҳои ошкорсозӣ, сабт, санҷиш, баҳодиҳиву истифодаи далелҳо амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, аҳаммияти он на танҳо дар баланд бардоштани натиҷабахшии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ифода меёбад, балки дар таъмини барои расидан ба ҳафадҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар маҷмуъ низ зоҳир мегардад.

Асоснок карда шудааст, ки аҳаммияти усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар якчанд ҷанбаҳои бо ҳам алоқаманд зоҳир мегардад. Якум, онҳо ба даст овардани маълумоти пурра ва боэътимоди исботшударо таъмин менамоянд. Дуюм, ба сарфаи захираҳои мурофиавӣ ва ташкилии тафтишот мусоидат мекунанд. Сеюм, имконият медиҳанд, ки хатогиҳо ва хавфҳои тактикӣ ба ҳадди ақал расонида шаванд. Чорум, тавассути татбиқи танҳо усулҳои ҷоиз ва аз ҷиҳати этика асосноки таъсиррасонӣ риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин менамоянд. Ниҳоят, усулҳои тактикӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии умумии тафтиши пешакӣ баромад менамоянд.

Ҳамзамон, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда метавон хулоса намуд, ки ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ворид намудани меъёри махсусе зарур мебошад, ки истифодаи зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ва дигар усулҳои ғайриқонуниро ҳангоми гузаронидани ҳама гуна амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ бевосита манъ намояд. Ин манъкунӣ набояд танҳо ба пурсиш маҳдуд гардидан, балки бояд ба ҳамаи амалҳои мурофиавӣ татбиқ шавад.

Меъёри мазкур бояд ба таври возеҳ муқаррар намояд, ки гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои муфиавӣ танҳо дар асоси риояи қатъии талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва меъёрҳои умумии ахлоқӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин маврид паст задани шаъну шараф ва қадру қимати иштирокчиёни мурофиа, инчунин, расонидани зарар ё таҳдид ба ҳаёт ва саломатии онҳо қатъиян манъ карда шавад.

Ҳамчунин, меъёри мазкур бояд оқибатҳои ҳуқуқии вайрон намудани ин талаботро муайян намояд. Аз ҷумла, маълумот ва натиҷаҳое, ки дар натиҷаи истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, набояд ҳамчун далел эътироф карда шаванд ва қувваи ҳуқуқии худро гум мекунанд. Шахсоне, ки ба чунин қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Меъёри мазкур бояд муайян кунад, ки гузаронидани чорабиниҳои тафтишотӣ танҳо бо риояи қатъии муқаррароти қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва меъёрҳои маънавии қабулшуда бидуни паст задани шаъну шарафи иштирокчиён ва бидуни таҳдид ба саломатии онҳо имконпазир аст. Муҳиммияти асосии меъёр бояд ишора ба оқибатҳои вайрон кардани ин талабот бошад: натиҷаҳои амалҳои мурофиавӣ, ки бо истифодаи усулҳои нопазир анҷом ёфтаанд, арзиши далелнок ва мурофиавиро гум мекунанд ва барои шахсоне, ки ба чунин вайронкунӣ роҳ медиҳанд, ҷавобгарӣ пешбинӣ мешавад.

Меъёре, ки пешниҳод мешавад, метавонад дар чунин шакл бошад: «Тафтиши пешакӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мувофиқи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ қатъиян амалӣ карда мешавад. Дар раванди он истифодаи усулу воситаҳои илмӣ, ки асоснок нестанд ва вайрон намудани меъёрҳои умумқабулшудаи ахлоқӣ манъ аст. Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, истифодаи зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ва дигар усулҳои ғайриқонунӣ, инчунин, пастзанӣ ва поймол кардани шарафу эҳтироми иштирокчиён ва эҷоди таҳдид ба саломатии онҳо манъ аст. Натиҷаҳои амалҳои мурофиавӣ, ки бо вайрон кардани талаботи моддаи мазкур анҷом дода мешавад, аҳаммияти далелнок ва мурофиавӣ надоранд. Шахсоне, ки ба вайрон кардани меъёри мазкур гунаҳгор дониста мешаванд тибқи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд».

Таҳияи чунин меъёр имконият медиҳад, ки ченаки қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ба расмият даровarда шуда, онҳо аз

дастурҳои методии тавсиявӣ ба ҳуҷҷати ҳуқуқии ҳатмӣ гузаронида мешаванд. Пурра пешбинӣ намудани ҳамаи ҳолат ва хусусияти гузаронидани ҳар як амали тафтишотӣ дар қонун имконнопазир аст, аммо танзими муфассали баъзе расмиёт дар доираи ҳуқуқ, шартҳо, муайян кардани пайдарпайӣ ва тартиби истифодаи усулҳои тактикӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки бо ин васила мувофиқати онҳо бо ҳадафҳо ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ таъмин гардад.

## 1.2. Асосҳои назариявии таснифи усулҳои тактикӣ

Раванди ҷудокунии низомнокии маҷмуи объектҳо, падидаҳо ё мафҳумҳо ба гурӯҳҳои алоҳида (синфҳо), дар асоси як ё якчанд аломатҳои устувор ва моҳиятан мутобиқ анҷом дода мешаванд, ки барои ҳар яке аз унсурҳои дохили синфи мутаносиб умумӣ мебошанд ва ин таснифи илмӣ номида мешавад [24, с. 224]. Ин шакли тартибдиҳӣ на танҳо ба осон гардидани фаҳмиш ва таҳлили маҷмуи мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, балки, ҳамчунин, ба ошкор сохтани робитаҳо ва қонуниятҳои дохилӣ байни унсурҳои он низ нигаронида шудааст. Тасниф дар муҳити илмӣ нақши муҳим дорад, зеро на танҳо ба гурӯҳбандии мавод, балки ба ташаккули ғояҳои назариявӣ низ мусоидат мекунад, ки онҳо асос барои хулосаҳо, пешгӯиҳо ва ҳалнамоии амалии минбаъда мегарданд [49, с. 118].

Тасниф ҳамчун усули маърифати илмӣ, на танҳо натиҷаи банизомдарории объектҳои муайянро ифода мекунад, балки воситаи муҳимиест, ки ба таҳқиқи амиқи хусусиятҳои моҳиятии онҳо мусоидат менамояд [79, с. 363]. Ин равиш имкон медиҳад, ки тавзеҳи устувори тамоюлҳо, ки асоси гурӯҳбандии воқеияти таҳқиқшавандаро ташкил медиҳанд, муайян гардад. Аз ин рӯ, тасниф на танҳо ҳамчун шакли сабти натиҷаҳои таҳлил баромад мекунад, балки ҳамчун усули ба даст овардани онҳо низ мебошад, ки тартиби мантиқии маводро таъмин намуда, заминаҳоро барои ташаккули ғояҳои назариявӣ ба вуҷуд меорад. Дар заминаи ин, таснифи илмӣ унсури ҷудонашавандаи фаъолияти таҳлилӣ мебошад, ки на

танҳо имкон медиҳад объектҳоро аз якдигар ҷудо намояд, балки робита ва алоқамандии низомии дар байни онҳо мавҷудбударо муайян намояд.

Дар шароити мавҷуд будани рӯйкардҳои гуногун оид ба фаҳмиши моҳияти усулҳои тактикӣ, таснифоти онҳо на танҳо барои банизомдарории онҳо аҳаммият дорад, балки барои беҳтар дарк ва арзёбӣ намудани консепсияҳои гуногуни криминалистӣ, асоснокӣ ва мутобиқати дохилии онҳо низ мусоидат менамояд.

Дар ин замина қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар асоси таҳияи таснифоти усулҳое, ки дар раванди тафтишот истифода мешаванд, ҳамзамон, ба ҳалли вазифаҳои назариявӣ ба мисли такмил додани дастгоҳи мафҳумӣ, ба низом даровардани донишҳо ва рушд додани асосҳои илмии криминалистика ва вазифаҳои амалӣ, ки бо пешбурди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, интихоби қарорҳои тактикии босамар дар вазъиятҳои мушаххаси тафтишотӣ ва таъмин кардани заминаҳои ҳуқуқии чораҳои андешида алоқаманданд, равона шудааст [42, с. 37]. Ҳамин тавр, таснифи усулҳои тактикӣ ҳамчун пайвандгар байни назарияи криминалистика ва амалия баромад намуда, ба дарки дақиқ ва низомнок намудани методикаи тафтиш мусоидат менамояд.

Тсомартов В.Н. қайд менамояд, ки гуногунии усулҳои тактикӣ, ки дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода мешаванд, зарурати банизомдарории назариявӣ ва таснифи илмӣ асоснокшударо тақозо мекунад. Чунин вазифа «на танҳо як гурӯҳбандии расмии усулҳоро ташкил медиҳад, балки шарти асосӣ барои таҳлили амиқи механизмҳои таъсири онҳо ва баҳодиҳии самаранокии ҳар кадоми онҳо дар вазъиятҳои мушаххаси мурофиавӣ ва вазъи воқеии татбиқ мебошад» [160, с. 16]. Таснифбандии усулҳои тактикӣ дар асоси аломатҳои муайян на танҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои функсионалӣ ва доираи истифодаи онҳо муайян гардад, балки онҳо ҳамчун пояи устувор барои рушди минбаъдаи гурӯҳи мавҷудаи воситаҳои криминалистӣ хизмат мекунад [41, с. 98]. Ҳамзамон, мавҷудияти таснифи ягонаи илмӣ имконият медиҳад, ки раванди тайёрии касбӣ ва баланд

бардоштани ихтисоси кормандони ҳифзи ҳуқуқ назаррас боло шавад, ки ин сифату самаранокии тафтиш ва ошкори ҷиноятҳоро таъмин менамояд.

Дар адабиёти илмӣ кӯшишҳои зиёд барои банизомдарорӣ ва тартиб додани усулҳои тактикӣ, ки дар ҷараёни гузаронидани чорабиниҳои тафтишотӣ истифода мешаванд, анҷом дода шудааст. Дар асоси чунин кӯшишҳо қайд карда мешавад, ки қарорҳои тактикӣ, ки муфаттишон дар ҳолатҳои гуногун истифода мебаранд, аз ҷиҳати назариявӣ бояд таҳлил гардида, намунаҳои пойдори истифодаи онҳо муайян карда шаванд [30, с. 17]. Таҳлили андешаҳои гуногун, ки дар адабиёти илмӣ оид ба масъалаи банизомдарории усулҳои тактикӣ, ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд, пешниҳод гардидаанд, ки он аз мавҷудияти доираи васеи равишҳо ба гурӯҳбандии онҳо шаҳодат медиҳад.

Ин равишҳо аз гуногунҷабҳа будани асосҳое вобастаанд, ки муҳаққиқон ҳадафҳои гузошташударо интихоб мекунанд, ба мисли вазифаҳои когнитивӣ, ки ба амиқтар дарк намудани асосҳои назариявии тактикаи фаъолияти тафтишотӣ равона шудаанд ва эҳтиёҷоти амалӣ, ки бо «баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ алоқаманд мебошанд» [72, с. 76].

Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз муҳаққиқон бештар ба банизомдарории усулҳое таваҷҷуҳ мекунанд, ки танҳо дар доираи амалҳои мушаххаси тафтишотӣ, ба монанди пурсиш, кофтуков ё азназаргузаронии ҷои ҳодиса истифода мешаванд. Муҳаққиқони мазкур кӯшиш мекунанд, ки хусусиятҳо ва қонуниятҳои татбиқи тактикаро бо назардошти хосияти ҳар як амалиёти ҷудогонаи тафтишотӣ муайян намоянд. Дигарон, баръакс, назари умумӣ пешниҳод намуда, таснифоте таҳия мекунанд, ки ба шаклҳои мушаххаси мурофиавӣ вобаста нестанд, ки ин имкон медиҳад усулҳои тактикӣ ҳамчун воситаҳои универсалӣ баррасӣ шаванд ва онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни тафтишотӣ истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, хусусияти хосси таҳқиқоти мазкур тарзи дигарро талаб мекунад. Мо, пеш аз ҳама, он гуна усулҳои тактикиро мавриди омӯзиш қарор

медиҳем, ки на танҳо дар доираи амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ аҳаммият доранд, балки, ҳамзамон, ба тафтишот ҳамчун фаъолияти яклухт ва низомнок таъсир мерасонанд. Дар ин замина баррасии усулҳои тактикӣ ҳамчун унсурҳои стратегии умумии пешбурди тафтишот, муҳим ба назар мерасад, ки тавассути ҳадафҳои ниҳоии он ба мисли муайянсозии ҳақиқат, ошкор сохтани гунаҳгорон ва таъмин намудани риояи ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиён равона шудааст.

Маҳз аз ҳамин сабаб ба маркази таваҷҷуҳи мо масъалаи таснифи усулҳои тактикӣ равона мегардад, ки дорои малакаи васеи функсионалӣ буда, метавонанд ба раванд ва натиҷаҳои тафтишот дар умум таъсир расонанд. Таснифи мазкур на танҳо равиши функсионалӣ ва сохтори қарорҳои тактикиро ба инобат гирад, балки қобилияти онҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи тафтишот, бартараф кардани монеаҳои тактикӣ, ки бо муқовимати ҷониби гумонбаршудагон вобастаанд ва таъмини боэътимодии мурофиавии далелҳои бадастомадаро низ бояд фаро гирад.

Таҳлили масъалаҳое, ки ба таснифи усулҳои тактикӣ вобастаанд, боядки аз омӯзиши хусусият ва хосиятҳои ин гуна низомҳо оғоз шавад. Усулҳои тактикӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба маҷмуаи оддии воситаҳо ё усулҳои техникӣ маҳдуд намешаванд, балки онҳо як низоми комили равишҳои илмӣ ва қарорҳои амалӣ мебошанд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои мурофиавӣ равона шудаанд, зеро, маҳз ҳамин сабаб аст, ки «таснифи ин усулҳо на танҳо аҳаммияти амалӣ, балки аҳаммияти назариявӣ низ пайдо мекунанд, ки имкон медиҳад тартиботи дохилии фаъолияти онҳоро ошкор намуда, ченакҳои истифодаи оқилонаи онҳоро» [117, с. 221] муайян созад.

Якубович Н.А. дуруст қайд менамояд, ки раванди таснифбандӣ бояд хусусияти дугона дошта бошад. Аз як тараф, он ҳамчун воситаи таҳқиқоти илмӣ баромад мекунад, фаҳмиши амиқтари табиати усулҳои тактикиро таъмин намуда, моҳият, сохтор ва қонуниятҳои таъсири онҳоро ба равандҳои тафтишотӣ ошкор менамояд. Чунин фаҳмиш заминаи рушдёбии минбаъдаи

назарияи криминалистикаро ташкил медиҳад, ки он дар навбати худ ба баланд бардоштани сатҳи асоснокии илмии амалияи тафтишот мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, «таснифот таъйиноти амалии равшан дорад: он фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро осон мегардонад, бо онҳо як роҳнамоии мувофиқ барои интихоб намудани усули дурустарин вобаста ба ҳолати мушаххаси тафтишотӣ пешниҳод менамояд» [97, с. 144].

Яке аз таснифи бештар паҳнгардидаи усулҳои тактикӣ дар криминалистика ҷудо намудани онҳо ба усулҳое мебошад, ки дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд ва усулҳое, ки танҳо ҳамчун тавсияҳои амалӣ истифода мегарданд. Чунин равиш то ҳол баҳснок боқӣ монда, солҳои зиёд миёни олимон мубоҳисаҳо ба вуҷуд меорад, ки инро андешаҳои гуногуне, ки дар адабиёти илмӣ пешниҳод шудаанд, тасдиқ менамоянд.

Ҳамин тавр, Василев А.Н. низ қайд менамояд, ки ҳар меъёре, ки дар қонуни мурофиавӣ муқаррар шудааст, бояд танҳо ҳамчун қонун ба назар гирифта шавад ва бинобар ин, дар он набояд ҳузури ягон ҷузъи тактикӣ дида шавад. Ба ақидаи ӯ, «табиати худи меъёри мурофиавӣ имкон намедиҳад, ки дар он муқаррароте дохил шаванд, ки метавонанд ҳамчун усулҳои тактикӣ баррасӣ гарданд» [141, с. 29]. Ин нуқтаи назар дар асоси тақсими қатъии дастурҳои ҳуқуқан ҳатмӣ ва унсурҳои тактикаи касбӣ асос ёфтааст, ки озодии муайяни амал ва мутобиқшавӣ ба вазъи мушаххасро пешбинӣ менамояд.

Ақидаи Василев А.Н-ро. дар бисёр ҷиҳатҳо Селиванов Н.А. низ ба ҳамон тавр ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки чизе дар қонун ҳамчун ҳатмӣ муқаррар шудааст, субъектро аз истифодаи ҳуқуқ ба ихтиёри худ маҳрум мекунад. Дар чунин вазъ, ба гуфтаи ӯ, сухан дар бораи усули тактикӣ намеравад, зеро усули тактикӣ аз табиати худ алтернативӣ буда, интихоби роҳ ва имконияти мутобиқ шудан ба шароити тафтишотро дар бар мегирад [77, с. 85]. Бо ибораи дигар, дар он ҷо, ки дастури ҳатмии қонун вуҷуд дорад, шароит барои зоҳир кардани ташаббуси тактикӣ нопадид мешавад.

Ақидаҳои монандро Ларин А.М. низ ҷонибдорӣ менамояд. Ӯ дар он ақида буд, ки тактикаи криминалистӣ он масъалаҳоро фаро мегирад, ки дар

қонунгузорӣ мустақиман танзим нашудаанд ва бо ҷустуҷӯи роҳҳои оқилонаи ҷамъоварӣ ва истифодаи далелҳо алоқаманд мебошанд. Ба назари ӯ, маҳз «дар ҳолати набудани дастурҳои равияи яксон зарурати таҳия ва татбиқи усулҳои тактикӣ ба миён меояд, ки ба муфаттиш ё дигар субъекти мурофиа имкон медиҳанд, ки исботро ба таври самаранок ташкил намоянд ва мушкилоти ба миён омадаро паси сар кунанд» [51, с. 94].

Савол оид ба тақсими роҳҳои тактикӣ вобаста ба пайдоиши илмии онҳо ҳамчун мавзуи баҳс боқӣ мемонад ва ҳалли ягона надорад. Дар байни муҳаққиқон муносибатҳои гуногун барои таҳия кардани чунин тасниф вуҷуд доранд. Ҳамин тавр, Василев А.Н. як низоме пешниҳод намудааст, ки дар он усулҳои тактикӣ ба чанд категория тақсим мешаванд, вобаста ба он ки кадом донишҳои илмӣ асоси онҳо мебошанд. Ӯ усулҳоро, ки дар асоси истифодаи мантиқ дар шароити тафтишот таҳия шудаанд, усулҳое, ки ба ташкилоти илмӣ такя мекунанд, инчунин, усулҳое, ки дар истифодаи маълумоти психологӣ асос ёфтаанд, ҷудо намудааст [22, с. 10-19]. Ин гуна таснифот аз ҷониби як қатор муаллифон, хусусан Гусаков А.Н., Поташник Д.П. ва Филюшенко А.А. дастгирӣ ёфт, ки онҳо низ судмандии чунин тақсимотро эътироф кардаанд, ҳарчанд ҳама олимон бо чунин равишҳои чандҷабҳа розӣ нестанд [27, с. 27]. Ҳамин тавр, Комарков В.С. низоми бештар мухтасарро пешниҳод намуд, ки дар он танҳо ду гурӯҳи усулҳои тактикӣ ба монанди психологӣ ва мантиқиро дохил кардааст. Мавқеи ӯ дар он асос меёбад, ки «маҳз ҳамин ду самти илмӣ асосҳои фундменталӣ барои ташкили аксари усулҳои истифодашаванда амалияи тафтишотро ташкил медиҳанд» [113, с. 132].

Ақидаи худро Комиссаров В.И. низ баён мекунад, ки худи тасниф асоси илмӣ дорад, вале муайян накардааст, ки кадом унсурҳо ба он дохил мешаванд. Ин ҳолат мавқеи ӯро то андозае нопурра гузошт, аммо худи амали эътирофи зарурияти чунин ақида шаҳодат медиҳад, ки масъалаи тақсимоти илмии усулҳои тактикӣ ҳанӯз ҳам мубрам буда, ба таҳияи минбаъда ниёз дорад [42, с. 79].

Самтҳои дигари таҳқиқи таснифи усулҳои тактикӣ, банизомдарории онҳо тибқи объекти таъсир мебошад. Дар адабиёти илмӣ метавонанд равишҳои гуногунро нисбат ба ин масъала мушоҳида кард. Ҳамин тавр, Меретский М.Е. пешниҳод менамояд, ки чор гурӯҳи асосии объектҳои таъсири тактикӣ ҷудо карда шаванд, ки ба онҳо субъектҳои фаъолияти ҷустуҷӯӣ, иштирокчии дигар дар мурофиаи ҷиноятӣ, ашё ва вазъи тафтишотӣ мансуб дониста мешаванд [151, с. 85]. Ҳар як аз ин объектҳо, ба ақидаи ӯ, гурӯҳи мустақили таснифии усулҳоро ташкил медиҳанд, ки ба хусусияти онҳо мувофиқ аст. Нуқтаи назари дигарро Баев О.Я. ҷонибдорӣ мекунад, ки ба ақидаи ӯ, «муайян намудани объекти таъсир тавассути рафтори инсон ва намудҳои гуногуни ашёи моддӣ мувофиқи мақсад мебошад» [10, с. 38]. Шепитко В.Ю., ақидаи болозикрро давом дода, усулҳои тактикиро ба ду гурӯҳи зерин ҷудо менамояд: «таъсир ба шароити моддӣ ва таъсир ба сифатҳои зеҳнӣ-иродавии иштирокчиёни тафтиши пешакӣ» [163, с. 95].

Бо вуҷуди аҳаммияти ин таҳқиқоти илмӣ, чунин муайян карда мешавад, ки асосҳои пешниҳодшудаи таснифот ниёз ба дақиқ намудан доранд. Хусусан, зарур аст, ки мафҳумҳои «объекти мустақим» ва «объекти ғайримустақими таъсири тактикӣ» равшан ҷудо карда шаванд.

Зери объекти мустақим, ба назари мо, бояд манбаи эҳтимолии маълумоти муҳимми криминалистӣ фаҳмида шавад, яъне, он унсуре, ки амалҳои муфаттиш ё субъекти ваколатдори дигар ба таври мустақим ба он равона шудаанд. Объекти ғайримустақим хусусияти мураккаб дорад ва дар ҳолати умумии парванда ифода меёбад, яъне дар маҷмӯи ҳолатҳое, ки муҳити тафтишотиро ташкил медиҳанд.

Дар ин робита, тавре ки Меретский М.Е. пешниҳод менамояд, масъалаи баҳснок оид ба ҷудо кардани вазъияти тафтишотӣ ҳамчун объекти мустақили таъсир пешниҳод мешавад, [151, с. 173]. Ҳар як усули тактикӣ, ҳатто агар он ба шахс ё ба объекти моддии нигаронида шуда бошад, беихтиёр ба рушди вазъи тафтишот таъсир мерасонад ва бо ин роҳ онро тағйир медиҳад. Аз ин рӯ, онро ҳамчун объекти ҷудогонаи таъсир баррасӣ кардан комилан хатост,

зеро он бештар ҳамчун натиҷаи ғайримустақими истифодаи ягон воситаи тактикӣ баромад мекунад.

Аз ин рӯ, таснифи усулҳои тактикӣ дар асоси объекти мустақими таъсир мувофиқи мақсад мебошад. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки марзҳои гурӯҳҳои таснифотӣ ба таври равшан муайян шаванд ва механизми фаъолияти усулҳои тактикӣ дар раванди таҳқиқот беҳтар фаҳмида шавад. Ҳамзамон, ба ҳисоб гирифтани объекти ғайримустақим, бахусус вазъи тафтишотӣ, имкон медиҳад, ки аҳаммияти онҳо ба таври амиқ муайян карда шуда, таъсири мукаммали онҳо ба раванди тафтишоти пешакӣ ва натиҷаҳои он пайгирӣ гарданд. Ҳамин тавр, муттаҳид кардани таҳлили объекти мустақим ва ғайримустақим тасаввури бештар комил дар бораи табиат ва сохтори усулҳои тактикӣ ба вуҷуд меорад.

Драпкин Л.Я. дар таҳқиқоти худ таснифи амалиёти тактикиро пешниҳод менамояд, ки он дар асоси меъёрҳои гуногун тартиб дода шуда ва муҳтаво, сохтори замонӣ ва ташкилии онҳо, инчунин, вобастагии идоравиашонро инъикос мекунад. Вобаста ба мазмуну мундариҷаи он, ӯ амалиёти тактикии якхела ва гуногуннавъро фарқ мекунад. Ба гурӯҳи аввал амалиёте, ки танҳо аз амалҳои тафтишотӣ иборатанд, дохил мешаванд, гурӯҳи дуюм бошад, маҷмуи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки ҳам воситаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳам расмиёти тафтишотиро муттаҳид месозанд. Ин ду самти асосӣ имкон медиҳад, ки «хусусиятҳои хосси мақсади оперативӣ ва вазифаҳои амалишавандаро дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ба таври дақиқ тавсиф менамояд» [31, с. 19].

Аз нуқтаи назари равишҳои муосир, амалиёти тактикӣ метавонанд давомнокӣ ва шиддатнокии гуногуни иҷроиш дошта бошад. Драпкин Л.Я. амалиёти фарогирро, ки тамоми давраи тафтишоти парвандаи ҷиноятиро дар бар мегиранд ва маҳаллиро, ки ба марҳилаи мушаххаси тафтиши пешакӣ маҳдуд мешаванд, ҷудо мекунад. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки динамикаи ошкорсозии ҷиноят ба ҳисоб гирифта шуда, захираҳои мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҳолати фаврӣ ба таври оптималӣ тақсим карда шаванд.

Ҳамзамон, сохтори ташкилӣ низ ҳамчун замина барои фарқгузории амалиёти тактикӣ баромад мекунад. Вобаста ба шахсони иҷрокунанда амалҳо ба таври зерин фарқ карда мешаванд: «аз як тараф, онҳое, ки кормандони сохторҳои доимии ташкилӣ, ба монанди шуъбаҳои тафтишотӣ ё хадамоти оперативии ҷустуҷӯи ҷиноятӣ анҷом медиҳанд, аз тарафи дигар, он амалҳое, ки дар доираи шаклҳои муваққатӣ ташкил карда мешаванд, масалан, гурӯҳҳои тафтишотӣ, ки махсус барои таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятии муайян таъсис дода мешаванд» [72, с. 79]. Чунин тафовут имкон медиҳад, ки дар бораи дараҷаи устувории институтсионалӣ ва сатҳи ҳамоҳангсозӣ дар иҷрои чорабиниҳои оперативӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Ҳамчунин, дар таснифи болозикр паҳлӯи муҳим он аст, ки иштирокчиёни амалиёт ба кадом вазорат ё идора тааллуқ доранд. Дар ин замина, Драпкин Л.Я. ба тафовут байни амалиёте, ки қувваҳои як мақомоти ҳифзи ҳуқуқ анҷом медиҳанд ва чорабиниҳое, ки ҳамкории байниидоравиро талаб мекунанд, ишора мекунад. Дар ҳолати дуюм сухан дар бораи амалҳои мураккаб ва ҳамоҳангшуда меравад, масалан, ҳамкории кормандони тафтишот, оперативӣ, хизматчиёни амнияти давлатӣ ва дигар субъектҳое, ки ҳуқуқи иштирок дар ошкорсозӣ ва таҳқиқи ҷиноятҳоро доранд, дар бар мегирад [31, с. 22-23].

Таснифи пешниҳодшуда аз ҷониби як қатор муҳаққиқони бонуфӯз дар соҳаи криминалистика пазируфта шуд, ки ин аз аҳаммият ва татбиқи амалӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Хусусан, криминалистони маъруф Белкин Р.С., бо такя ба равишҳои консептуалии Драпкин Л.Я., ғояи амалиёти тактикиро таҳия намуда, нишонии худро– «комбинатсияи мураккаби тактикӣ» муаррифӣ мекунад [12, с. 121]. Бо истифодаи ин истилоҳ, ӯ як типологияи такмилёфтаи сохторҳои тактикӣ дар равияи ҷиноятиро пешниҳод мекунад. Ба андешаи олим, чунин комбинатсияҳо метавонанд ба ду навъ тақсим шаванд: ҳамоҳанг (ё ҳамном), ки маҷмуи амалҳои якхела дар

тафтишро ташкил медиҳанд ва гуногуннавъ (ё гуногунном), ки амалҳои тафтишотиро бо хусусият ва вазифаҳои мухталиф дар бар мегиранд.

Ғайр аз ин, Белкин Р.С. диққатро ба сохтори замонии ин сохтҳои тактикӣ ҷалб мекунад ва ҷудо кардани онҳо ба доираи умумӣ, ки тамоми раванди тафтишотро фаро мегирад ва маҳаллӣ, ки дар доираи марҳилаи алоҳида татбиқ мешаванд, нишон медиҳад. Ҳамин тавр, таснифи ӯ на танҳо ғояҳои Драпкин Л.Я-ро. дақиқ ва таҳким мебахшад, балки арзиши амалӣ доштани онҳоро дар таҳияи стратегияҳои самараноки тафтишот низ нишон медиҳад [12, с. 124-125].

Мавқеи ҷолибро таснифи усулҳои тактикӣ ишғол мекунад, ки онро Василев А.Н. пешниҳод намудааст, зеро муаллиф кӯшиши банизомдарории ин унсурҳоро вобаста ба сохтори дохилӣ ва дараҷаи душвории онҳо ба амал овардааст. Дар консепсияи худ муҳаққиқ усулҳои тактикиро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо менамояд, ки дар асоси ташкили композитсионӣ ва вазифавии онҳо асос ёфтааст [21, с. 36-37].

Ба гурӯҳи якум ӯ усулҳои тактикии оддиро мансуб медонад. Ин амалҳо, тавре ки муҳаққиқ қайд менамояд, хусусияти ибтидоӣ ва якдафъаина доранд ва ҳамоҳангсозии мураккаб байни субъектҳои гуногун ё банақшагирии дарозмуддатро ифода намекунанд. Усулҳои оддӣ метавонанд дар доираи як вазъияти тафтишотӣ ё оперативӣ амалӣ гарданд ва одатан барои ҳалли вазифае, ки аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд аст, хизмат мекунанд. Самаранокии онҳо то дараҷае аз дурустӣ ва саривақтӣ будани истифода, инчунин, аз салоҳиятнокии субъекте, ки онро татбиқ менамояд, вобаста аст. Мисоли чунин усулҳо метавонад интихоби лаҳзаи муносиб барои гузоштани савол дар ҷараёни бозпурсӣ ё истифодаи унсурҳои фишори равонӣ ҳангоми муошират бо гумонбар бошад.

Гурӯҳи дуюм сохторҳои мураккабро дар бар мегирад, ки онҳоро Василев ҳамчун комбинатсияҳои тактикӣ ё вазифаҳои тактикӣ муайян менамояд. Ин унсурҳо маҷмӯи якчанд усулҳои оддиро дар бар мегиранд, ки дар як низоми муайяни мантиқӣ ва мақсаднок муттаҳид шудаанд. Фарқияти

онҳо дар он аст, ки ҳар яке аз унсурҳои таркибӣ то андозае мустақилияти нисбиро нигоҳ медорад, аммо, ҳамзамон, ҳамаи онҳо ба як андешаи ягонаи тактикӣ итоат мекунанд.

Ҳамин тариқ, комбинатсияи тактикӣ ба ҷамъбасти оддии амалҳои ҷудогона маҳдуд намешавад, балки василаи таъсири сифатан наверо ташаккул медиҳад, ки ба ноил шудан ба мақсади мураккаб, ки аксар вақт чанд марҳилаи тафтиш ё корҳои амалиётиро дар бар мегиранд, мусоидат мекунад. Дар ин замина, комбинатсияи тактикӣ метавонад, гирифтани маълумоти пешакӣ ба таври махфӣ, сипас ташкил намудани таҷрибаи оперативӣ ва ба доираи амалияи тафтишотӣ ворид намудани натиҷаҳои бадастомадаро дар бар гирад.

Василев А.Н. ҳангоми гузаронидани чунин тақсимот зарурати истифодаи огоҳона ва чандиронаи усулҳо ва комбинатсияҳоро вобаста ба шароити мушаххаси рӯйдоди таҳқиқшаванда, сатҳи муқовимат аз ҷониби иштирокчиёни парванда ва дараҷаи номаълумии вазъи оперативиро қайд менамояд. Ӯ ишора мекунад, ки «самаранокии тактикаи криминалистӣ мустақиман ба қобилияти муфаттиш ё корманди оперативӣ вобаста аст, на танҳо дар татбиқи усулҳои ҷудогона, балки дар ташкили қарорҳои тактикии маҷмӯӣ, ки ба вазъи мушаххас мутобиқ шудаанд» [21, с. 38].

Дар доираи ҳамин асоси назариявӣ, Комиссаров В.И. пешниҳод менамояд, ки усулҳои тактикӣ вобаста ба сатҳи мураккабӣ ва пурра гардонии ташкилӣ-функсионалӣ ҷудо карда шаванд. Дар доираи таснифи мазкур, ӯ аввалан усулҳои тактикии оддиро ҷудо менамояд, ки амалҳои нисбатан ҷудогона ва оддӣ буда, ба ҳалли вазифаҳои мушаххаси тафтишотӣ равона шудаанд. Дуюм, ба ақидаи муаллиф, «усулҳои мураккаб ба омехтаҳои чандмарҳила ва сохторан бештар инкишофёфтаи амалҳо дохил мешаванд, ки ҳамоҳангсозии усулҳои гуногуни ба даст овардани маълумот ё таъсир расонидан ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд» [41, с. 103].

Дар ниҳоят, ҷойи махсусро дар ин низом амалҳои тактикӣ ишғол менамоянд, ки ҳамчун шаклҳои мураккабтарин ва васеътарини ташкили фаъолияти тафтишотӣ эътироф мешаванд. Онҳо маҷмӯи амалҳои тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро дар бар мегиранд, ки бо як мақсад муттаҳид гардида, дар вақт ва фазо ҳамоҳанг мешаванд. Ин гуна амалиётҳо сатҳи баланди банақшагирӣ, иштироки якчанд субъекти низоми ҳифзи ҳуқуқ, мантиқан самаранок ва амиқи ҳамкорӣ байни онҳоро талаб мекунанд. Ҳамин тавр, ба ақидаи Комиссаров В.И. усулҳои тактикии муфаттиш вобаста ба дараҷаи мураккабӣ, мақсаднокӣ ва сатҳи ҳамгирои дар сохтори умумии тафтишот ба низоми ягона даровარда шавад.

Бо назардошти аҳаммияте, ки усулҳои тактикӣ барои ташкили тафтишот ва самаранокии он доранд, Комиссаров В.И. пешниҳод менамояд, ки онҳоро аз рӯи хусусият ва соҳаи истифодаи ин роҳҳо тасниф кунанд. Хусусан, вай ду гурӯҳи асосиро ҷудо мекунад [41, с. 104].

Гурӯҳи аввал усулҳои тактикии универсалӣ ва умумиро дар бар мегирад, ки бо банақшагирии стратегӣ дар тафтиши ҷиноят, ташаккул ва санҷиши тахминҳо, истифодаи самараноки малакаи фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ ва ҷалби манбаъҳои ҷомеа ба тафтишот ҳамроҳанд. Равишҳои мазкур маҳдуд ба амалиёти тафтишотӣ набуда, баръакс, тамоми сохтори тафтишотро фаро мегиранд, асоси методологии онро ташкил медиҳанд ва ба мутобиқшавӣ бо вазъиятҳои пайваста тағйирёбандаи парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Ба гурӯҳи дуюм усулҳои тактикӣ, ки ба амалӣ кардани кирдорҳои мушаххаси тафтишотӣ ё муттаҳидсозии типологии онҳо равона шудаанд, дохил мешаванд. Ба онҳо, усулҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми анҷоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, гузаронидани кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ гузаронидан, таҷрибаи тафтишотӣ ва дигар чорабиниҳои мурофиавӣ истифода мешаванд. Дар ин замина, усулҳои тактикӣ хусусияти бештар амалӣ пайдо мекунанд, ҳадафи он ноил шудан ба самаранокии чараёни исбот

дар доираи як амали алоҳида равона гардида, ҳам замони танзими ҳуқуқӣ ва ҳам хусусиятҳои психологии иштирокчиёнро ба назар мегиранд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи таснифи пешниҳодшуда хусусиятҳои банақшагирии фаъолияти тафтишотӣ ба таври пурра ба инобат гирифта намешавад. Дар амалия, ба нақшагирӣ на танҳо чараёни умумии тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ, балки ҳар як амалҳои мушаххаси тафтишотӣ низ алоҳида дохил мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки дар марҳилаҳои гуногуни тафтишот, усулҳои тактикӣ ҳам дар тартиб додани стратегияи умумӣ ва ҳам дар раванди омодагӣ ва иҷрои амалҳои ҷудогонаи тафтишотӣ истифода мешаванд. Ҳамин тавр, усулҳои тактикӣ на танҳо барои ташкили умумии тафтишот заруранд, балки ба муфаттиш дар ҳалли вазифаҳои мушаххасе, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ба миён меоянд, низ мусоидат менамоянд.

Аз ин бармеояд, ки тасниф намудани усулҳои тактикӣ танҳо аз рӯи он, ки онҳо ҳангоми банақшагирии умумӣ ё хусусии тафтишот истифода мешаванд, комилан асоснок ҳисобида намешавад. Ин гуна таснифот тамоми мураккабӣ ва ҳамбастагии сатҳҳои банақшагириро дар фаъолиятҳои мурофиаи ҷиноятӣ равшан намекунад. Ҳамчунин, он ба назар намегирад, ки «дар баъзе ҳолатҳо усулҳои тактикӣ метавонанд универсалӣ бошанд, яъне ҳам дар банақшагирии стратегӣ оид ба таҳқиқи умумӣ ва ҳам дар ташкили тактикии амалҳои мушаххаси тафтишотӣ татбиқшаванда бошанд» [98, с. 53]. Дар натиҷа, нақшаи пешниҳодшудаи таснифот бозбиниро талаб менамояд ё ҳадди аққал меъёрҳои асосии он равшан мегарданд, ки мақсад аз онҳо дақиқ инъикос намудани таҷрибаи истифодаи воситаҳои тактикӣ дар фаъолияти муфаттиш мебошад.

Фаҳрутдинов К.К. пешниҳод мекунад, ки усулҳои тактикӣ бо назардошти сатҳи самаранокии онҳо тасниф шаванд ва чор гурӯҳи асосиро ҷудо менамояд, ки дараҷаи расидан ба мақсади гузошташударо инъикос мекунанд. Ба назари ӯ, ба гурӯҳи аввал он усулҳое дохил мешаванд, ки истифодаи онҳо ба натиҷаи гузошташуда оварда намерасонад, аз ин рӯ онҳо

ғайрисамар ҳисобида мешаванд. Категорияи дуюм амалҳои камсамарро фаро мегирад, ки танҳо ба раванд ё натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-тафтишотӣ таъсири ночиз мерасонанд. Усулҳои миёнасамар, ки гурӯҳи сеюмро ташкил медиҳанд, таъсири устувор, аммо на максималӣ ба дастовардҳои вазифаҳои амалӣ нишон медиҳанд ва дар чанд ҳолат ба мутобиқсозии иловагӣ барои шароити мушаххаси тафтишот ниёз доранд. Дар ниҳоят, сатҳи баландтарини самаранокиро усулҳои тактикии пурсамар нишон медиҳанд, ки бештар арзиши амалӣ доранд: татбиқи онҳо ба таври назаррас самаранокии тафтишро баланд мекунад, ба зуд дастрас кардани маълумоти исботкунанда мусоидат менамояд ва хароҷоти захираҳоро кам месозад. Ин дараҷабандӣ на танҳо имкон медиҳад, ки усулҳои истифодашуда ба таври дақиқ арзёбӣ карда шаванд, балки «қувваҳо ва воситаҳо бо такя ба таҷрибаҳои беҳтарин дар доираи вазъиятҳои мушаххаси тафтишотӣ низ ба таври оқилона тақсим карда шаванд» [83, с. 123].

Заминаи таснифи усулҳои тактикӣ бо нишондиҳандаи дараҷаи самарабахшии онҳо ба таври кифоя асоснок намебошанд ва саволҳои муайянро эҷод мекунанд. Ин ба он вобаста аст, ки самаранокии усули мушаххас хусусияти универсалӣ ва устувор надорад. Як усул дар ҳолатҳои гуногуни тафтишотӣ метавонад натиҷаҳои муқобилро нишон диҳад [145, с. 267]. Самаранокии он аз омилҳои зиёде вобаста аст, ки дар миёни онҳо малакаи касбии муфаттиш, хусусияти ҷиноят, вазъи психологии шахсони мавриди тафтиш қарордошта ва шароити гузаронидани амалҳои тафтишотӣ аҳаммияти калидӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар шароити муайян ин усул метавонад ба даст овардани маълумоти муҳимро таъмин кунад, ба ошкор кардани ҷиноят ва муайян кардани ҳақиқат дар парванда мусоидат намояд, яъне, ҳамчун воситаи самаранок амал кунад. Дар ҳолате, ки замина тағйир меёбад, на танҳо ба натиҷаи гузошташуда таъсир мерасонад, балки метавонад боиси мушкилот низ гардад – гумроҳии тафтишот, аз даст рафтани далелҳо ё ҳатто ташаккули тахминҳои бардурӯғ. Ҳамин тавр, «дараҷаи самаранокӣ хосияти доимӣ ва

табиӣ ё усули алоҳида нест, балки категорияи тағйирёбанда аст, ки ба заминаи истифодаи он сахт вобаста мебошад» [82, с. 39].

Бо назардошти чунин имкониятҳои гуногун, тасниф бо асоси самаранокӣ метавонад хусусияти субъективӣ дошта, гумроҳкунанда бошад, хусусан ҳангоми баррасӣ кардани омилҳои зиёде, ки ба самаранокии истифодаи усулҳои тактикӣ таъсир мерасонанд. Раванде, ки дар асоси нишонаҳои объективӣ асос ёфтааст, масалан, вобаста ба усули таъсиррасонӣ, мақсади истифода, марҳилаи тафтишот, ки дар он усул татбиқ мешавад, ё табиати ҳолати тафтишотӣ, ки дар он самарабахш ва мувофиқ мебошад, муносиб ба назар мерасад. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки як гурӯҳбандии устувор ва татбиқшаванда таҳия карда шавад, ки барои омӯзиш ва роҳнамои амалӣ мувофиқ аст [143, с. 363].

Ба ақидаи Стояновский М.В., «таҳияи низоми усулҳои тактикӣ бояд бар ду омили муҳим асос ёбанд: хусусияти ҳамкории муфаттиш бо иштирокчиёни амалҳои тафтишотӣ ва хосиятҳои донишҳои илмие, ки дар онҳо усулҳои тактикии муайян асос меёбанд» [158, с. 52]. Ба ибораи дигар, тақсимбандии таснифи воситаҳои тактикии тафтишот талаб мекунад, ки ҳам ҷанбаҳои психологӣ ва коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбии муфаттиш ва ҳам ҳамгироии байнисоҳавии дастовардҳои илмӣ дар соҳаи криминалистика ба таври комил ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар асоси таҳлили сохтори ҳамкории муфаттиш бо дигар иштирокчиёни муошират муурофиавӣ, Стояновский М.В. тақсимоти усулҳои тактикиро бо назардошти самтгирии функсионалии онҳо пешниҳод мекунад [158, с. 53].

Гурӯҳи аввалини усулҳо ба барқарор кардани робитаи устувори психологӣ байни муфаттиш ва субъектҳои амалҳои тафтишотӣ равона шудааст. Ин гурӯҳи усулҳо ба ташаккули эътимод, коҳиши сатҳи муқовимати пурсишшаванда ва фароҳам овардани шароит барои ҳамкории самаранок равона шудаанд.

Гурӯҳи дуюм он усулҳоеро дар бар мегирад, ки гузаронидани таҳлили амиқи криминалистии нишондодҳои бадастомадаро таъмин мекунанд. Дар ин ҷо муҳим аст, ки муфаттиш тавонад маълумотро тафсир кунад, ихтилофу номувофиқатии дохилиро ошкор намояд, дурустии гуфташударо баҳогузорӣ кунад ва нишондодҳоро бо дигар далелҳо муқоиса намояд. Ин гуна таҳлил сатҳи баландтари омодагии мантиқӣ ва қобилияти тафаккури донишро талаб мекунад.

Гурӯҳи сеюм усулҳоеро дар бар мегирад, ки ба дастгирии шахси пурсишшаванда дар ҷараёни бозгӯии иттилооте, ки барои парванда аҳаммият дорад, равона шудаанд. Гап дар бораи амалҳои тактикӣ меравад, ки ба эҳё шудани ҳолатҳои фаромӯшшуда дар хотир ё ба дақиқ намудани дарки воқеаҳои қаблан мушоҳидашуда мусоидат мекунанд. Ин усулҳо ба донишҳои психологияи когнитивӣ такя мекунанд ва коркарди нозуки сохторҳои хотираро дар назар доранд.

Махсус гурӯҳи чоруми усулҳои тактикӣ аҳаммият доранд, ки вазифаи онҳо бартараф кардани мавқеи қасдан бардурӯғи иштирокчии амалияи тафтишотӣ мебошад. Дар доираи ин усулҳо муфаттиш тадбирҳоеро амалӣ мекунад, ки ба ошкор кардани дурӯғ, шикастани тахминҳои қалбакӣ ва ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва боэътимод равона шудаанд. Дар ин раванд махсусан ҳам усулҳои психологии таъсир, ҳам ҳушёрии касбӣ аҳаммияти бузург доранд, ки имкон медиҳанд дурӯғ ва тағйири воқеиятро ошкор кунанд [61, с. 349].

Ба ғайр аз таснифе, ки асоси он як навъи ҳамкории иштирокчиёни амалҳои тафтишотӣ мебошад, Стояновский М.В. пешниҳод мекунад, ки «техникаҳои тактикӣ бо назардошти дар асоси кадом фанҳои махсуси илмӣ асос ёфтаанд, ҷудо карда шаванд» [158, с. 56].

Гурӯҳи аввал усулҳои тактикиеро дар бар мегирад, ки асоси онҳо методҳои мантиқии умумӣ мебошанд. Инҳо усулҳои дедуксия, индуксия ва аналогия мебошанд, ки ба муфаттиш имкон медиҳанд, то тахминҳоро тартиб диҳад, пайвандҳои сабабию оқибатро муайян кунад ва ҳамчунин

гипотезаҳоро, ки асосашон таҳлили маводди воқеӣ мебошад, шакл диҳад ва санҷад.

Гурӯҳи дуюмро тактикаҳои амалӣ ташкил медиҳанд, ки аз психология, махсусан психологияи муошират ва ҳамкории байни одамон, гирифта шудаанд. Ин усулҳо ба идоракунии фазои эҳсосии пурсиш, истифодаи ҳамдардӣ ва сохтани фазои эътимоднокӣ равона шудаанд. Дониши психологӣ ба муфаттиш кӯмак мекунад, ки на танҳо рафтори иштирокчиёни равандро дуруст фаҳмад, балки тактикаи худашро вобаста ба ҳолати эҳсосӣ ва равонии шахсе, ки пурсиш мешавад, мутобиқ созад.

Сеюмин гурӯҳро усулҳои тактикие ташкил медиҳанд, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ-идоравии тафтишот дахл доранд. Онҳо: банақшагирии чораҳои тафтишотӣ, ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти гуногун, тақсими оқилонаи захираҳо ва беҳсозии пайдарпайии чорабиниҳои мурофиавӣ мебошанд. Ин гуна усулҳо «на танҳо самаранокӣ, балки низомнокии тафтишотро таъмин мекунанд ва хатари пора-пора ва номувофиқ будани амалҳоро кам месозанд» [158, с. 59].

Дар доираи баррасии асосҳои таснифи усулҳои тактикӣ, мавқеи пешниҳодшудаи Комарков В.С. сазовори таваҷҷуҳ мебошад. Муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки тактикаҳо бо назардошти хусусияти асосҳои илмие, ки заминаи онҳо буда, ҳангоми тартиб додан ва ҳам дар раванди татбиқи амалӣ истифода мешаванд, фарқ карда шаванд. Дар ин замина, ӯ ду намуди асосии усулҳоро ҷудо мекунад – мантиқӣ ва психологӣ. Ин навъи гурӯҳбандӣ ба табиати механизмҳое асос ёфтааст, ки дар фаъолияти тактикӣ истифода мешаванд: аз як ҷониб, ба сохторҳои маънавӣ ва таҳлилӣ, ки барои тартиб додани маълумоти тафтишотӣ ё амалиётӣ равона шудаанд ва аз ҷониби дигар, ба усулҳое, ки ба хусусиятҳои эҳсосӣ ва равонии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ такя мекунанд [40, с. 12-13].

Манзури Комарков В.С. чунин аст, ки усулҳои мантиқӣ асосан ба қонунҳои мантиқи расмӣ, принсипҳои дедуксия, индуксия, аналогия ва дигар амалиёти маънавӣ асос ёфтаанд, ки имкон медиҳанд, то иттилооти далелнок

сохторбандӣ гарданд, гипотезаҳо таҳия шуда, стратегияҳои таъсири тафтишотӣ ташкил карда шаванд. Ин усулҳо ба тараққиёти пай дар пай ва асоснок барои ба даст омадани ҳақиқат тавассути таҳлили мантиқии маълумоти мавҷуда равона шудаанд.

Ҳамзамон, усулҳои тактикии психологӣ ба донистани қонуниятҳои фаъолияти руҳии инсон такя мекунанд. Онҳо истифодаи тарзҳои таҳрик, фишори эҳсосӣ, сохтани шароити махсуси коммуникатсиониро дар бар мегиранд, ки дар иштирокчиёни тафтишот вокунишҳои муайяни рафториро ба вуҷуд меоранд. Чунин усулҳо махсусан ҳангоми пурсиш, санҷиши шаҳодатҳо, ташкили ҳамкорӣ бо гумонбаршудагон ё шоҳидон самаранок мебошанд, зеро имкон медиҳанд ба сатҳи ошкоргӯӣ, боэътимодӣ ва пуррагии маълумоти пешниҳодшуда бавосита таъсир расонанд.

Ҳангоми таснифбандии усулҳои тактикӣ, дар асоси донишҳои илмӣ, зарур аст, то хусусияти байнисоҳавӣ доштани усулҳоро ба назар гирифт, зеро ҳар яке аз онҳо, дар пайванди соҳаҳои гуногуни донишҳои илмӣ ташаккул меёбанд. Усулҳои тактикӣ, ҳамчун унсури мураккаби фаъолияти касбӣ, метавонанд бо чунин соҳаҳои илм алоқаманд бошад, ба монанди криминалистика, психология, мантиқ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра. Комилан мумкин аст, ки усули мушаххас натиҷаи ҳамгироии чандин равишҳои илмӣ бошад, ки ин аз дараҷаи баланди ҳамбастагии дониш дар амалияи тафтишотӣ гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, тавре ки Гусаков А.Н. таъкид кардааст, «ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани асоси илмии байнисоҳавӣ дар доираи як усули тактикӣ ҳамеша метавон он соҳаи донишро ҷудо намуд, ки таъсири бештар дорад ва самти методологии онро муайян менамояд» [144, с. 13]. Ба ибораи дигар, сарфи назар аз ҳамбастагии якчанд илмҳо дар ташаккули усули мушаххас, дар аксари ҳолатҳо яке аз онҳо аҳаммияти заминавӣ дорад, ки ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ баромад мекунад. Ин ҳолат на танҳо барои банизомдарорӣ ва таснифи усулҳои тактикӣ аҳаммияти муҳим дорад, балки барои такмилдиҳӣ, асосноккунии илмӣ ва истифодаи онҳо дар шароити воқеии тафтишот низ муҳим мебошад. Эътирофи нақши

пешбари як илм имконият медиҳад, ки «вазифаи функсионалии усул ба таври дақиқ муайян гардад, ҳудуд ва шароити самаранокии он дуруст муқаррар карда шавад, ҳамзамон омодагии кофии мутахассисон таъмин гардад, ки онро дар амал татбиқ хоҳанд кард» [143, с. 368].

Дар фаъолияти муфаттиш диққати асосӣ ба кор бо маълумоти исботкунанда дода мешавад, зеро маҳз ҳамин маълумот асоси ҳуқуқӣ ва воқеии муайян намудани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятиро таъмин мекунад. Амалиёти тафтишотӣ нишон медиҳад, ки вазифаҳои асосии муфаттиш ҳангоми анҷом додани амалҳои мурофиавӣ муайян кардан, ҷамъоварӣ, сабт, санҷиши ҳамаҷониба, таҳлили аналитикӣ, арзёбии ҳуқуқӣ ва истифодаи мақсадноки далелҳои бадастомада мебошанд. Чунин ҷанбаҳо асоси аксари усулҳои тактикӣ мебошанд, ки дар рафти тафтишоти ҷиноятҳо истифода мешаванд ва роҳнамои стратегии тафтишот ва усулҳои мушаххаси амалӣ кардани онро муайян мекунанд [149, с. 24].

Бо назардошти нақши ҳалкунандаи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, дуруст аст, ки банизомдарории усулҳои тактикӣ дар фаъолияти муфаттиш маҳз дар асоси самтҳои функсионалии онҳо нисбат ба маълумоти далелнок пешниҳод карда шаванд [12, с. 132]. Равиши мазкур на танҳо имкон медиҳад, ки усулҳои истифодашаванда тасниф карда шаванд, балки имкони таҳияи асоси методологӣ дар бораи фаъолияти муфаттиш вобаста ба марҳилаҳои кор бо далелҳо фароҳам гардонад. Дар доираи ин таснифот ҷудо намудани чор гурӯҳи усулҳои тактикӣ, ки ҳар яке ба марҳилаи муайяни кор бо маводди далелнок мувофиқат мекунад, мувофиқи мақсад мебошад.

1. Аввалан, усулҳое, ки ба ошкорсозӣ ва ҷамъоварии минбаъдаи маълумоти исботкунанда равона шудаанд. Ба онҳо усулҳои тактикие дохил мешаванд, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, кофтукоб, пурсиш, мусодира ва дигар амалҳое, ки таъминкунандаи ворид шудани маълумоти нави воқеӣ ба ихтиёри тафтишот мебошанд, татбиқ мешаванд.

2. Дуюм, усулҳои тактикие, ки сабти далелҳои бадастомада дар шакли дурусти мурофиавӣ таъмин мекунанд, аҳаммияти махсус доранд. Ин,

махсусан, усулҳоеро дар бар мегирад, ки ба таҷриба ва пуррагӣ инъикос намудани маълумоти бадастомада дар протоколҳо, истифодаи аксбардорӣ ва видеобардорӣ, нақшаҳо ва дигар воситаҳои сабт, ки дурустӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии далелҳоро таъмин мекунанд.

3. Сеюм, категорияи усулҳои тактикӣ барои санҷиш, таҳлил ва арзёбии маълумоти ҷамъоваришудаи исботшаванда хизмат мекунанд. Дар ин гурӯҳ методикаҳои коркарди мантиқӣ, муқоиса ва тафсири интиқоди маводи омӯхташаванда, ки ба ошкор кардани фарқиятҳо, муайян кардани эътимоднокӣ, пуррагии далелҳо ва муайян кардани мутобиқативу қобили қабули онҳо мувофиқи талаботи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд, мебошанд.

4. Гурӯҳи чорум бошад, ба истифодаи далелҳо дар доираи амалҳои минбаъдаи тафтишот нигаронида шудаанд. Масалан, интихоб намудани стратегияи эълони айб, таҳияи нақшаи пурсиш бо назардошти маълумоти мавҷуда, ташкили таҷрибаи тафтишотӣ, гузаронидани рӯбарӯкунӣ ё дигар амалҳо мебошанд, ки дар онҳо далелҳо ба воситаи таъсиррасонӣ ба рушди тафтишот ва василаи ошкор кардани фактҳои нав табдил меёбанд.

Аммо таснифи мазкур, новобаста аз мантиқи дохилӣ ва аҳаммияти амалӣ доштани он, тамоми доираи фаъолияти тафтишотиро фаро намегирад. Махсусан, усулҳои тактикӣ, ки дар ҷараёни амалҳои мурофиавӣ истифода мешаванд ва бо корбурди далелҳо робитаи мустақим надоранд, аз доираи он берун мемонанд. Амалияи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки чунин «амалҳо, ҳарчанд, ки ба таври мустақим ба кор бо далелҳо равона нашуда бошанд ҳам, ҷузъи ҷудонашавандаи раванди тафтишот мебошанд ва таъминоти махсуси тактикии худро талаб мекунанд» [143, с. 370].

Ба чунин амалҳо ирсоли даъвати шахс ба мақомоти тафтишотӣ, шарҳ додани ҳуқуқ ва вазифаҳои мурофиавӣ ба иштирокчиёни парванда, огоҳ сохтани онҳо дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани шаҳодатҳои сохта ё худдорӣ аз додани шаҳодатҳо, эълони хулосаи коршинос ба айбдоршаванда, шиносоии тарафҳо бо маводди парвандаи ҷиноятӣ дар

марҳилаи анҷоми тафтишот ва ғайра дохил мешаванд [145, с. 269]. Ҳарчанд ин амалҳо далелҳоро ба маънои маҳдуд эҷод, сабт ё таҳлил намекунанд, онҳо барои танзими ҳуқуқии фаъолияти тафтишотӣ, таъмин кардани кафолатҳои мурофиавии иштирокчиён ва риояи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти хос доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод намудани панҷум гурӯҳи усулҳои тактикӣ ҳамчун категорияи мустақили усулҳои тактикӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ба ин гурӯҳ он усулҳое дохил карда шаванд, ки муфаттиш ҳангоми анҷом додани амалҳое, ки бевосита ба кор бо маълумоти исботкунанда равона нашудаанд, истифода мебарад.

Ин гурӯҳи усулҳо хусусияти тактикии хос доранд: онҳо ба нигоҳ доштани сатҳи зарурии тартиби мурофиавӣ, таъмин намудани интизоми иштирокчиён, пешгирӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷараёни тафтишот ва ба ташаккули шароите равона шудаанд, ки ба даст овардан ва истифодаи самараноки далелҳо дар оянда мусоидат мекунанд [158, с. 58].

Аз ин рӯ, «таснифи васеи усулҳои тактикӣ, ки дар асоси хусусияти алоқамандии онҳо бо маълумоти исботкунанда асос ёфтааст, бояд панҷ гурӯҳи зеринро дар бар гиранд: 1) усулҳое, ки ошкор ва ҷамъоварии далелҳоро таъмин мекунанд; 2) усулҳое, ки сабти онҳоро таъмин менамоянд; 3) усулҳое, ки ба санҷиш, таҳлил ва арзёбии далелҳо равона шудаанд; 4) усулҳое, ки ба истифодаи далелҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи тафтишот кӯмак мерасонанд; ва 5) усулҳое, ки дар дигар амалҳои тафтишот истифода мешаванд ва мустақиман ба далелҳо рабт надоранд» [158, с. 61].

Ин гуна таснифбандӣ, аз як тараф, имкон медиҳад, ки воситаҳои тактикии муфаттиш тибқи мантиқ ва равиши кори тафтишот ба низом дароварда шаванд ва аз тарафи дигар, ба дақиқ муайян кардани вазифаҳо ва усулҳое, ки дар марҳилаҳои гуногуни тафтишот татбиқ мешаванд, мусоидат мекунад. Ҳамзамон чунин сохтор ба омӯзиши пайдарпайи усулҳои тактикӣ, ташаккули фаҳмиши мукаммали илмии онҳо ва татбиқи дурусти онҳо дар амалия мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ҷудо намудани гурӯҳҳои зикршуда хусусияти шартӣ дорад, зеро баъзе усулҳои тактикӣ вобаста ба вазъияти тафтишотӣ метавонанд, инчунин, барои ҳалли якчанд вазифа истифода шаванд. Ҳамин тавр, масалан, пурсиши шоҳид метавонад ҳамзамон ҳамчун усули ба даст овардани маълумоти нав, санҷиш ва арзёбии маълумоти мавҷуда хизмат кунад. Бо вуҷуди ин, низоми пешниҳодшудаи таснифот аҳаммияти худро ҳамчун як нишондиҳанда барои таҳияи стратегияи тафтишотӣ нигоҳ медорад ва имкон медиҳад, ки ба шароитҳои тағйирёбандаи тафтишот ба таври зуд мутобиқ шавад [100, с. 86].

Бояд қайд намуд, ки усулҳои тактикӣ, ҳарчанде ки онҳо аз нигоҳи расмӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои методикаи умумии тафтиш ба ҳисоб мераванд, барои фаъолияти муваффақонаи тамоми низоми тафтишоти пешакӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд. Аҳаммияти онҳо аз маҳдудиятҳои соддаи воситаҳои дигар берун меравад: онҳо заминаи стратегиро барои қабули қарорҳои мурофиавӣ таҳким мебахшанд, ки ба ноил шудан ба ҳақиқати объективӣ дар парвандаи ҷиноятӣ равона шудаанд. Усулҳои тактикии дар асоси методологияи илмӣ ва асоснок коркардшуда, ба муфаттиш имкон медиҳад, ки на танҳо фаъолияти худро самаранок ташкил кунад, балки ба шароити пайваста тағйирёбандаи тафтиш мутобиқ шуда, ба даъватҳои мурофиавӣ ва тактикии ба вуҷуд омада, зуд вокуниш нишон диҳад.

Илова бар ин, истифодаи низомнокии усулҳои тактикӣ ба таври назаррас сатҳи асоснокии далелҳои ҷамъшударо мустаҳкам намуда, бо ин роҳ заминаи боэътимоди далелӣ фароҳам меорад, ки метавонад ба баҳодиҳии танқидӣ ҳам аз ҷониби ҳимоятгар (адвокат) ва ҳам аз ҷониби мақомоти судӣ тобовар бошад. Ин, дар навбати худ, ҳамчун муҳимтарин кафолати риояи принсипҳои қонунияту адолат дар равандҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҷараёни мурофиа хизмат менамояд. Ҳамин тавр, усулҳои тактикӣ набояд ҳамчун унсури ёрирасон дида шаванд, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми ҷудонашаванда ва консептуалӣ барои амалияи муосири тафтишотӣ,

ки ба сифати самаранокӣ ва қонуниятии тафтишот мустақиман таъсир мерасонад, баррасӣ карда шаванд.

Махсусан тавассути усулҳои тактикӣ мувозинати зарурӣ байни мақсаднокии чорабиниҳои оперативӣ ва риояи қатъии талаботи қонуни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда мешавад. Ҳолати мазкур на танҳо як механизми самаранокро барои ошкор кардани ҷиноятҳо месозад, балки барои ташаккули эътимод ба мақомоти тафтишоти пешакӣ аз ҷониби ҷомеа низ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили минбаъдаи илмӣ, такмили назариявӣ ва ҷорӣ намудани амалии усулҳои тактикӣ самти муосири рушди илми криминалистика ва амалия буда, ба тақвият додани ҳифзи қонун ва амалӣ намудани принсипҳои адолати судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ таъсири мустақим мерасонад.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлилҳои гузаронидашуда ва ҷамъбасти таҳлилҳо, чунин хулоса бароварда мешавад: оқилона ва илман асосноктарин қарор ин ташкили дастгоҳи таснифотии усулҳои тактикӣ бо такя ба равиши комплексӣ мебошад. Равиши мазкур пешниҳод менамояд, ки меъёрҳои гуногунро ба назар гирад, имкон медиҳад, ки моҳият ва гуногунгии ин усулҳоро ошкор карда, робита ва хусусияти истифодаи онҳоро дар амалиёти тафтишотӣ муайян намояд.

Хусусан, таснифи он бояд мавҷудият ё набудани муқаррароти қонунӣ барои истифодаи усули тактикиро ба назар гирад, ки ин имкон медиҳад асоси ҳуқуқӣ ва қонунии истифодаи онро муайян намояд.

Аломатеро, ки бо объекти таъсири мустақими тактикӣ алоқаманд аст, ҷудо намудан муҳим аст, зеро аз он интихоби усули беҳтари кор бо муфаттиш вобаста аст.

Ғайр аз ин, мувофиқи мақсад аст, ки соҳаи татбиқи усули тактикӣ баррасӣ карда шавад, ки самтҳо ва марҳилаҳои гуногуни фаъолияти тафтишотиро дар бар гирифта, аҳаммияти илмӣ ва амалии ҳар як равишро ошкор намояд. Ҳамзамон, таҳлили мазмуну мундариҷаи усули тактикӣ низ аҳаммиятнок мебошад, зеро ин имкон медиҳад, ки сохтори дохилӣ,

механизми коркарду имкониятҳои татбиқи он дар шароити гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ченакҳои асосии усули тактикӣ самтгирии он низ мебошад, ки мақсади ниҳоӣ ва вазифаҳои ҳалшаванда дар раванди тафтишро инъикос мекунад. Дар ниҳоят, таҳияи низоми таснифбандӣ бе назардошти марҳилаҳои амалҳои дар рафти таҳқиқот анҷомдодашуда имконнопазир аст, зеро маҳз пайдарпайии қадамҳои мурофиавӣ хусусият ва самаранокии истифодаи воситаҳои тактикиро муайян мекунад.

Ҳамин тавр, муттаҳидкунии ҳамаҷонибаи асосҳои зикршуда низоми комил, чандҷабҳа ва функсионалии таснифи усулҳои тактикиро эҷод менамояд, ки метавонад ҳам тартиботи назариявии илмиро таъмин намояд ва ҳам татбиқи амалиро дар фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ анҷом диҳад.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА ЧЕНАКҲОИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛ БУДАНИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ

## 2.1. Асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо

Ҳар як ҷинояти содиршуда дорои аломатҳои таркибӣ, ба мисли субъекти ҷиноят, тарафи субъективӣ, объекти ҷиноят ва тарафи объективии он мебошад. Исбот кардан ва ошкор намудани ҳар яке аз ин аломатҳо аз муфаттиш маҳорат ва дониши баланди касбиро талаб мекунад, ки ин ҳолат аз мураккаб будани ҷараёни тафтишот шаҳодат медиҳад. Ин ҷараён истифодаи методҳои гуногун ва усулҳои тактикиро талаб мекунад. Барои дуруст ва самаранок истифода намудан аз методҳо ва усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят омӯзиши назариявӣ, хусусан, методологияи онҳо мавқеи аввалиндараҷаи илмӣ ва амалӣ дорад. Асосҳои методологӣ ба мақомоти тафтишотӣ дар муайян, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо кӯмак мерасонанд.

Барои такмил додани раванди тафтишот дар баробари таҳияи усулҳо ва воситаҳои мушаххаси ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, ҳамзамон, омӯзиши масъалаҳои умумии методологӣ зарур мебошад. Худи тактикаи криминалистӣ ба он равона карда шудааст, ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалӣ ва назарияҳои илмӣ тарзу восита ва роҳҳои тактикии гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ ҷиҳати ҳар чи зудтар, пурра ва ҳаматарафа ошкор намудани ҷиноят коркард ва пешниҳод карда шаванд.

Усулҳои тактикӣ ин амалҳо ва доираи методҳои мушаххасе мебошанд, ки муфаттишон барои ноил шудан ба ҳадафҳои тафтишот истифода мебаранд. Онҳо усулҳои гуногуни пурсиш, ҷамъоварии далелҳо, таҳлили маълумоти  дар рафти тафтишот бадастомада, инчунин, ҳамкорӣ намудан бо дигар иштирокчиён (гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳидон)-ро дар бар мегиранд. Дуруст ва самаранок истифода бурдани усулҳои тактикӣ имкон медиҳад, ки раванди тафтишот зуд ва босифат гузаронида

шуда, далелҳо асоснок ҷамъ оварда шуда, мақсади тафтишот - пурра ва ҳаматарафа ошкор намудани ҷиноят, амалӣ гардида, ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда шавад.

Вобаста ба ҳар як парванда зарур аст, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ ҳақиқат ошкор карда шавад. Дар ин робита, тактикаи тафтишотӣ барои ошкор кардани ҳақиқат мавқеи муҳим дорад. Чун қоида, муайян кардани ҳақиқат дар парванда, аввал, дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ сурат мегирад ва маҳз дар ҳамин ҳолат тактикаи тафтишотӣ нақши муҳимми маърифатиро мебозад. Бо истифода аз методҳо ва усулҳои он, муфаттиш ҳолатҳоеро, ки бояд дар рафти тафтиши парванда исбот намояд, муайян карда, ҷиноятро ошкор мекунад.

Оиди донистани ҳақиқат ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, мо ба криминалистикаи шуравӣ такя менамоем, зеро маҳз дар ҳамин давра заминаи асосии илми криминалистика аз ҷониби олимони шуравӣ гузошта шудааст. Илми ҳуқуқи шуравӣ бошад, бо такя ба консепсияи умумии фалсафии марксистӣ-ленинӣ инсонро ҳамчун воқеияти объективӣ эътироф менамояд. Дар ин маврид мавқеи Маркс К. аҳаммияти хосси методологӣ дорад, ки тибқи он «на танҳо натиҷаи таҳқиқот, балки роҳи ба он оварда расонидашуда бояд ҳақиқӣ бошад» [57, с. 7].

Биноабр ин, дар раванди тафтишот дурустии таносуби хулосаҳои тафтишот ва далелҳои объективии мавҷудбуда, аз ду омил вобаста мебошанд: «1) то чӣ андоза роҳи донистани ин далелҳо, рӯйдодҳо дуруст аст; 2) оё арзёбии субъективии натиҷаҳои тафтишот, ки дар хулосаҳои муфаттиш мавҷуданд, дуруст мебошанд?» [146, с. 12].

Ба ақидаи Якушин С.Ю. «аз нуқтаи назари гносеологӣ, раванди исбот ин муайян кардани ҳақиқат вобаста ба парванда, донистани ин ҳақиқат, инчунин, асоснок кардани тасаввурот дар бораи мундариҷаи он мебошад» [98, с. 17].

Барои дилхоҳ соҳаи илм методологияи он нақши калидӣ дорад. Дар илм зери метод шакли дониши назариявӣ ва амалии воқеият, ки аз

қонуниятҳои рушди объекти омӯхташуда бармеояд, фаҳмида мешавад. «Методология дар фалсафаи материалистӣ ба маънои васеъ чун маҷмуи ақидаҳо, тасаввуроти назариявӣ атрофи донистани воқеият фаҳмида мешавад. Он на танҳо маҷмуи усулҳои тадқиқот ва таълимот дар бораи онҳо, балки ҷамъбасти назариявии қонуниятҳои объективии ҳастии ҷамъиятӣ мебошад, ки дар таҳқиқоти минбаъда нақши роҳнаморо мебозад. Методология дастури умумии илмӣ барои амалия мебошад, ки асоси тамоми низоми дониш, меҳвари маърифатии ҳар як соҳаи илмро ташкил медиҳад» [109, с. 38].

Метод «(калимаи юнонии methodos) аслан маънои роҳ ба сӯи чизе (расидан ба ҳадаф) ё ба таври муайян ба тартиб даровардани фаъолиятро дорад» [85, с. 214]. Сотиволдиев Р.Ш. низ қайд менамояд, ки «метод аз калимаи юнонии методос гирифта шуда, маънояш роҳи таҳқиқ ё маърифат, назария, таълимот мебошад» [79, с. 25]. Аз нуқтаи назари расмӣ метавонем методро ҳамчун маҷмуи амалиёт муайян намоем, ки мақсади он аз ҳал намудани ягон масъала иборат мебошад.

Бояд ишора намоем, ки дар ин кор мо мафҳумҳои «метод» ва «усул» (приём)-ро истифода менамоем. Дар адабиёти криминалистии русӣ калимаи «метод» ва «приём», аз ҷумла, «тактический приём» истифода мешавад, ки онро мо «усули тактикӣ» тарҷума намудаем. Дар адабиёти илмии тоҷик иборsprings «тактический приём» ба маънои «тарзҳои тактикӣ» ва «усули тактикӣ» истифода шудааст ва мо бошем, «усули тактикӣ»-ро истифода мебарем. Бояд қайд кард, ки байни тарзҳои тактикӣ ва усулҳои тактикӣ ягон фарқият вуҷуд надорад ва онҳо ибораи «тактический приём»-ро ифода менамоянд.

Ба андешаи Якушин С.Ю., «роҳ ба сӯи расидан ба ҳадафи муайян ё фаъолияти муназзам (батартибдаровардашуда) (яъне метод), маҷмуи амалҳои алоҳида, тарз (яъне усулҳо) - ро барои амалӣ намудани чунин фаъолият дар бар мегирад» [98, с. 19]. «Приём-Усул» бошад, ҳамчун амали алоҳида тафсир карда мешавад, яъне, тарзи амалӣ кардани ягон чиз [62, с. 580].

Дар илми криминалистика методро барои таҳқиқ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи тафтишотӣ, экспертӣ ва судӣ истифода мебаранд, ки мақсади он таҳия ва коркард намудани тавсияҳои амалӣ барои кормандони амалӣ мебошад, ки дар рафти таҳқиқ ва тафтишот барои ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо истифода мешаванд.

Методи криминалистӣ ин назарияи хусусие ба ҳисоб меравад, ки қонуниятҳо, принсипҳо ва усулҳои объективиро инъикос намуда, имкон медиҳад, ки манбаъҳои иттилооти криминалистӣ бо муайян кардани роҳҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ анҷом дода шавад [47, с. 88]. Ба андешаи Салимов Ҳ.С., «мазмуни хосси методологии илми криминалистика дар объект ва мақсади дарк кардан, натиҷаи маърифат, назарияи айниятии криминалистӣ, мавҷудияти усулҳои он ва дигар хусусиятҳои хосси криминалистӣ зоҳир мешавад» [72, с. 37].

Дар рафти таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо муфаттишон, криминалистон, прокурорҳо аз методҳои гуногун ба монанди диалектикӣ, методҳои умумӣ, хусусии илмӣ ва дар бештари ҳолатҳо аз методҳои махсуси криминалистика истифода менамоянд.

Дар илми криминалистика низоми методҳои илмии дониши назариявӣ ва низоми методҳои амалӣ истифода мешаванд, ки мақсади ин методҳо таҳқиқи воқеият мебошад ва он ба ошкор намудан ва тафтиши ҷиноятҳо мусоидат мекунанд. Аксари олимон низоми методҳои криминалистиро асосан ба 4 гурӯҳ ҷудо менамоянд: методҳои умумиилмӣ, умумӣ (универсалӣ), хусусӣ ва махсус [36], [94], [35].

Ба сифати методи умумиилмии илми криминалистика диалектикаи материалистӣ баромад менамояд. Қонуниятҳои методи мазкур ба ҳама гуна шакли ҳаракати модда хос аст. Методи диалектикии даркнамоӣ универсалӣ буда, он имкон медиҳад, ки тамоми далелҳову падидаҳо ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо объективӣ қабул карда шаванд. Дар асоси он методҳои дигари криминалистика таҳия мешаванд [46, с. 8-9]. Ишенко Е.П. ишора намудааст, ки дониши амиқи фаъолияти ҷиноятӣ ва криминалистӣ бояд ба

талаботи методи диалектикӣ мувофиқат намояд. Ин талабот инҳо мебошанд: «омӯзиши пурра ва объективии падидаҳо ва ҳодисаҳои рухдода; фардӣ будани объектҳои ҷаҳони моддӣ; ҷузъи ҷудонашаванда будани ҳаракат барои тамоми материя; қобилияти инъикос намудан; робитаи мутақобила ва вобастагии падидаҳои ҷаҳони моддӣ; сабаб; амалия ҳамчун меъёри ҳақиқат» [35, с. 15]. Тамоми ин муқаррароти диалектика имкон медиҳанд, ки соҳаи объектӣ-предмети маърифати криминалистӣ (яъне, масъалаи омӯхташуда) дуруст дарк шавад, методҳои мувофиқ, хулосаҳои дуруст ва тавсияҳои амалӣ барои мубориза бо ҷинояткорӣ коркард шаванд.

Гурӯҳи дуюми методҳо ин методҳои умумӣ (универсалӣ) мебошанд, ки дар ҷараёни ҳама гуна таҳқиқоти назариявӣ ва фаъолияти амалии тамоми соҳаҳои илм истифода мешаванд. Хусусияти ин гурӯҳи методҳо аз он иборат аст, ки онҳо ба тамоми соҳаҳои илм тааллуқ доранд ва ҳар як илм метавонад аз онҳо истифода барад. Дар соҳаи криминалистика низ бо назардошти дарќнамоӣ ва хусусиятҳои маърифатии соҳа ин методҳо дар рафти кор истифода мешаванд. Дар адабиёти илмӣ атрофи намудҳои методҳои умумӣ (универсалӣ) ақидаҳо зиёд аст ва мо он методҳоеро ишора менамоем, ки бештари олимон онҳоро дар асарҳои хеш иброз доштаанд:

- *таҳлил ва синтез;*
- *аналогия ва гипотеза;*
- *муқоиса ва усули муқоисавӣ-таърихӣ;*
- *индуксия ва дедуксия;*
- *абстраксия ва идеализатсия;*
- *моделсозӣ;*
- *мушоҳида;*
- *андозагирӣ;*
- *муқоиса;*
- *тавсиф;*
- *озмоиш;*
- *методҳои математикӣ ва кибернетикӣ.*

Тамоми ин методҳо муҳим буда, вобаста ба соҳаи фаъолият, объекти таҳқиқшаванда, предмет, ҳолати кор ва дигар масъалаҳо онҳоро истифода бурдан мумкин аст. Мисол, методи таҳлил ва синтез воситаи асосӣ ва усули марказии тамоми соҳаҳои илм ва объектҳои назариявию амалӣ ба монанди инсон, ашё, воситаҳо ва дигар низоми фаъолият мебошад. Ҳангоми таҳлили дилхоҳ объект он фикран ба қисмҳо ҷудо карда шуда, ҳар кадоми онҳо ба таври алоҳидагӣ тадқиқ мегарданд ва пас аз ин қисмҳо тавассути синтез ба як ҷузъи кулл пайваст карда мешаванд. Дар натиҷаи чунин тақсимбандии шуурӣ ё фикрӣ, дониши нав вобаста ба ҳамон объекти мавриди таҳқиқ қарордошта ба вуҷуд меояд.

Ба андешаи Ишенко Е.П., «дар сохтори ҳар як тадқиқоти криминалистӣ марҳилаи таҳлилӣ ҷой дорад, ки аз фикрронии умумӣ то ба хусусии объект иборат аст» [35, с. 18]. Ҳангоми содир кардани ҷиноят муфаттиш ё таҳқиқбаранда ҳолати корро дар умум баҳо дода, бо пеш бурдани тафтишот онҳоро ба қисмҳо ҷудо карда, ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ меомӯзад. Агар дар ҷиноят силоҳи оташфишон ё ягон силоҳи сард ба монанди корд, чуби вазнин ва ғайра истифода шуда бошад, муфаттиш метавонад барои дуруст муайян намудани ҳолати кор ягон методро татбиқ намояд. Аз ҷумла, муфаттиш барои муайян намудани навъ ва ҳолати силоҳи оташифишон методи криминалистикии балистикиро барои санҷиш ва маълумоти дигари зарурӣ истифода мекунад. Ё ҳангоми ба вуҷуд омадани дигар масъалаҳо дар рафти исбот, аз методи таҳлил истифода намуда, ҳар як пердметро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд ё саволҳои гуногунро барои гумонбаршудаву айбдоршаванда, шоҳидон, мутахассисону экспертон омода месозад. Ҷавоб ва натиҷаи ҳар як методро муфаттиш омӯхта, ба хулосаи лозима меояд, ки ин равандро синтез меноманд. Ё ба таври дигар, таҳлил ин фикран ба қисмҳо ҷудо намудани объект, ашё ё ҳолати кор мебошад, ки омӯхтани онро осон мегардонад ва синтез бошад, ин фикран қисмҳои ҷудокардашударо ба як ҷузъи том оварда, хулосаи ниҳоӣ кардан мебошад.

Криминалистон дар раванди даркнамоӣ, яъне, дар рафти кор, бе истифодаи методҳои моделсозӣ, мушоҳида, андозагирӣ, муқоиса, тавсиф, озмоиш фаъолият карда наметавонанд. Яке аз методҳои муҳим ин мушоҳида мебошад, ки ба криминалист, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда барои фаъолияти амалии ӯ хеле муҳим аст. Раванди исбот кормандони амалияро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёрона рафтор намуда, дар ҷои ҳодиса ва ё дар рафти исбот бодиққат ва мушоҳидакор бошанд. Мушоҳидакор будан, бешак, ба методи мушоҳида рабт дорад, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфаттиш дар рафти таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешавад. Истифодаи усули мушоҳида асосан ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, азназаргузаронии бино, иншоот, ашёи алоҳида, баҳри муайян намудани ҳамаи ҳолатҳо ба парванда ва ҳодисаи ҷинояти тафтишшаванда дахлдошта, аз ҷумла, муайян намудани ҳаракаку рафтори ҳар як иштирокчии ҳодисаи ҷиноятқорона, вазъ, олоту предмет ва тарзи содир намудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ишенко Е.П. ишора менамояд, ки мушоҳида барои криминалист ин ба таври мақсаднок ва мунтазам дарк намудани объекти омӯхташуда мебошад. Мушоҳида тавассути ҷудо кардан ва арзёбии хосиятҳо ва аломатҳои муҳимми криминалистии объект амалӣ мешавад, ки дарк кардани он ҳам бо чашми одӣ ва ҳам бо истифодаи асбобҳои махсуси калонкунанда, фарқияти ранг ва дигар воситаҳои оптикӣ имкон дорад [35, с. 19]. Ё ин ки «методи мушоҳида ин тасаввурот нисбати ягон объект, падида, раванд мебошад, ки қасдан ва мақсаднок амалӣ карда мешавад» [46, с. 9].

Методи тавсиф бошад, барои нишон додани тамоми ҳолатҳои муқарраршуда (муҳим ва ғайримуҳим) ва ё ҳолатҳое, ки барои кор аҳаммият доранд, истифода бурда мешавад. Ин метод дар шакли нишон додани маълумот дар протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, протоколи пурсиш, тавсифи шахсияти ҷиноятқор ва ғайра инъикос меёбад.

Методи муқоиса аз ҷониби криминалистон ва ё муфаттишон барои таҳқиқ ва ҳамзамон муқоиса намудани ду ва ё зиёда объектҳои аҳаммияти

криминалистидошта мебошад. Бо истифода аз методи мазкур бештар хусусиятҳои умумӣ ва хусусии объектҳо (одамон, ашё, пайҳо ва олоти содир кардани ҷиноят ва ғайра) муқоиса ва омӯзиш мегарданд. Марҳилаи муҳимми муқоиса ин арзёбии аломатҳои мувофиқ ва фарқкунанда мебошад. Ин усул метавонад «ҳам ба таври оддӣ, яъне визуалӣ ва ҳам бо истифодаи воситаҳои техникӣ, масалан, микроскопҳои махсуси криминалистӣ амалӣ карда шавад» [35, с. 22]. Методи таҷриба (эксперимент) ин аз нав барқарор кардани падида ё ҳодиса мебошад. Он бо мақсади муайян кардани табиати падида, ҳодисаи рухдода ва ё ҳолати мушоҳидашаванда, моҳият ва пайдоиши он, роҳҳо ва усулҳои идоракунии он анҷом дода мешавад. Ин метод дар амалия барои барқарор намудани ҳолати пешина истифода мешавад.

Мақсади истифода намудани ин усул ҳамчун ҳаракати тафтишӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани қобилияти иҷрои амал ё имконияти рух додани ҳодисаи муайян мебошад, ки бевосита ҳангоми ба ҳолати рухдода ё кирдори содиршуда мувофиқат накардани нишондодҳои гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид гузаронида мешавад. Мисоли баръалои зарурати гузаронидани эксперимент ҳангоми тафтиши ҷиноят ин муайян намудани қобилияти шахс оид ба иҷрои ягон амал ё қобилияти дарки ҳодисаи мушаххас мебошад. Чунончи, оё шахс воқеан худаш танҳо имконияти чунин сейфи вазнинро аз бинои баландошёна дуздӣ карданро дошт ё не? Ё ин ки, дар ҳақиқат, дар ҳолати торикии шаб дар вазъияти боду ҳавое, ки ҷой дошт, аз он фосилаи роҳе ки шоҳид қарор дошт, ӯ имконияти шинохтани шахси муайян ё дарк кардани ҳодисаи муайянро дошт ё не? Ва ё ин ки, дар фосилаи роҳе, ки ҷабрдида ба роҳи мошингард баромада буд, агар айбдоршаванда аз рӯи суръати ҳаракати дар нишондодаш қайднамуда ҳаракат мекард, дар шароити вазъияти боронӣ имконияти боздоштани воситаи нақлиётро дошт, ё не? Маҳз муайян намудани ҳолатҳои ба ин монанд бе гузаронидани экперимент ғайриимкон мебошанд. Экспериментти тафтишӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани ҳолати айнан ба ҳолати ҷойдошта ва ба ҳамин

васила муайян намудани қобилияти даркнамоии шахси муайян дар он вазъият ё имконияти рӯй додани ҳодисаи муайян мебошад.

Мисол, ҳангоми содир гардидани куштор, ё ҳангоми дуздӣ, муфаттиш метавонад бо истифодаи ин метод ҷинояткорро ба ҳамон ҷои ҳодиса бурда, айнан ҳамон ҳолате, ки ҷиноят содир шуда буд, онро нишон диҳад, ё ин ки, агар ҷиноят дар рӯзи боронӣ содир гардида бошад, ки ба чанд ҳолатҳо сабаб шуда метавонад. Дар ин ҳолат муфаттиш метавонад дар рӯзи боронӣ такроршавии амалҳоро талаб намояд, ё ҳамон гуна ҳолатро ташкил намояд. Бояд қайд кард, ки ин метод дар доираи қонунгузорӣ бояд пурра ҷавобгӯ буда, ҳуқуқҳои тарафҳоро вайрон насозад.

Методҳои махсуси илмӣ ҷиҳати донистан ва таҳқиқ кардани падидаву рӯйдодҳои алоҳида истифода бурда мешаванд. Методҳои хусусӣ дар соҳаҳои мушаххаси илмӣ истифода мешаванд ва аз методҳои зерин иборатанд: «методҳои физикӣ, химиявӣ, физикию химиявӣ (микроскопия, спектроскопия, тадқиқот дар нурҳои инфрасурх ва ултрабунафш, микрохимия, хроматография ва ғайра); методҳои кибернетикӣ (ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот); методҳои антропологӣ ва антропометрӣ (тавсиф аз рӯи низоми акси (портрети) шифоҳӣ, таҳлили аломатҳои намуди зоҳирии инсон); методҳои сотсиологӣ (пурсиш ва мусоҳиба) ва ғайра» [46, с. 10]. Ин методҳоро барои ҳал намудани доираи масъалаҳои гуногуни илмӣ ва экспертии криминалистӣ истифода мебаранд. Хусусияти ин доираи методҳо аз он иборат аст, ки онҳо ба соҳаҳои гуногуни илмӣ тааллуқ доранд ва метавонанд аз ҷониби дилхоҳ соҳаи фаъолият истифода бурда шаванд.

Криминалистон бештар аз методҳои физикӣ, химиявӣ, физикию химиявӣ (микроскопия, спектроскопия, тадқиқот дар нурҳои инфрасурх ва ултрабунафш, микрохимия, хроматография ва ғайра) истифода мебаранд. Онҳо ин методҳоро дар рафти санҷиши изи дастон, ангуштон, пой, санҷиши силоҳи оташфишон, муайян намудани ранг, таркиб, сохт ва дигар ҳолатҳои ягон ашё ва ғайра истифода мебаранд. Ё ин ки, методи биологиро барои

муайян намудани хун, ҳолати пуст, мӯи сари инсон, ҳайвонот, таркиби растанӣ ва ғайра истифода менамоянд.

Дар умум, тамоми гурӯҳи методҳои дар боло ишорашуда, сар карда аз методи диалектикӣ, методҳои илмӣ ва махсуси соҳаҳои дигар дар рафти амалисозии усулҳои тактикӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Ба гурӯҳи методҳои махсус онҳое дохил мешаванд, ки танҳо ҳангоми амалисозии фаъолияти криминалистӣ истифода мешаванд. Методҳои махсуси криминалистика бошанд, техникӣ-криминалистӣ, сохторӣ-криминалистӣ ва методҳое мебошанд, ки аз илмҳои дигар истифода мешаванд.

Методҳои техникӣ-криминалистӣ ин методҳое мебошанд, ки таъсис, сабтнамоӣ, таҳқиқ ва ҳифзи объектҳоро таъмин мекунанд (ҷудокунии ранг, афзоиши муқоиса (контраст), одорологӣ (буйшиносӣ), муайянкунӣ, ташхис ва ғайра). Методҳои сохторӣ-криминалистӣ бошанд, ин методҳои истеҳсоли амалиёти тафтишотӣ ва судӣ (банақшагирӣ, сохтани тахминҳои умумӣ ва хусусӣ, истифодаи дигар хидматҳо ва ғайра) мебошанд [81, с. 19]. Аз ҳама бештар дар рафти тафтиши ҷиноятҳо методҳои техникӣ-криминалистии аксҳо ва видеоҳо, аксбардорӣ, муайян кардани шахс аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ, таҳқиқи ҳуҷҷатҳо, забони хаттӣ ва шифоҳӣ, объектҳои трасология (изшиносӣ), баллистика (силоҳшиносӣ) ва ғайра истифода мешаванд. Ба инҳо аксбардорӣ дар нурҳои ноаёни спектр, сабти видеоии ҷараён ва натиҷаҳои амалиёти мураккаби тафтишотӣ, таҳлили аксҳои гуногуни ҷинояткор, хондани матни ҳуҷҷат пас аз сӯрох кардан, шустан, молидан, хат кашидан ва ғайра дохил мешаванд. Инчунин, муайян кардани субъект аз рӯи хатти ӯ ё фонограммаи нутқи шифоҳӣ, муайянкунии трасологӣ аз рӯи изи дастҳо, пойҳои луч, лабҳо, боқимондаҳои биологӣ пешоб, асбоби рахна, асбоб, пойафзол, автомобил, силоҳи оташфишон ва дигар объектҳои криминалистӣ ба ин гуруҳ шомиланд [35, с. 22-23].

Таснифи дигари методҳои илми криминалистика, ки дар адабиёти илмӣ ҷой дорад, ин вобаста ба объектҳои дарки криминалистӣ мебошад, ки ба он

фаъолияти ҷиноятӣ ва криминалистӣ дохил мешаванд. Ин объектҳо дар ду сатҳ: назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ мешаванд. Бинобар ин, дар асоси онҳо ду гурӯҳи методҳоро ҷудо менамоянд: методҳои тадқиқоти назариявӣ ва методҳои фаъолияти амалии (эмпирикӣ) криминалистҳо.

Лузгин И.М. иброз намудааст, ки зери «фаҳмиши методҳои дарк намудан дар рафти тафтиши ҷиноятҳо усулҳо ва воситаҳои махсуси мувофиқи муқаррароти қонун ва маълумоти илм таҳияшуда фаҳмида мешавад, ки таҳқиқот ва арзёбии далелҳоро бо мақсади расидан ба ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ ифода менамояд» [54, с. 49]. Ин усулҳо дар раванди ҷиноятӣ на танҳо худ ба худ ба вуҷуд намеоянд, балки воситаҳо ва усулҳои махсус таҳияшуда мебошанд, ки ҳам ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ба илм асос ёфтаанд. Ҳадафи онҳо таъмин намудани таҳқиқи объективии далелҳо, ошкор кардани онҳо ва муайян кардани ҳақиқат дар парванда мебошад. Ҳамзамон, олими мазкур дар дигар асари хеш ишора намудааст, ки «хусусияти методҳои криминалистии даркнамоӣ дар он аст, ки онҳо барои таҷрибаи тафтишотӣ, судӣ, коршиносӣ ва ҷустуҷӯӣ бо мақсади ошкор, омӯзиш ва арзёбии далелҳо таҳия карда мешаванд. Ин методҳо ба мубориза бо ҷинояткорӣ равона карда шудаанд ва бо назардошти хусусиятҳои объекти даркнамоӣ, ҳодисае, ки нишонаҳои ҷиноят, шароит ва ҳадафҳои фаъолияти даркнамоӣ ҳангоми тафтишотро дар бар мегиранд, таҳия карда мешаванд [54, с. 100].

Эйсман А.А. ишора намудааст, ки барори таҳқиқи объекти муайян танҳо як метод истифода бурда намешавад ё ин ки, як метод наметавонад барои дарк ва исбот намудани тамоми ҳолатҳо истифода бурда шавад. Баръакс, ҳамеша низоми пурраи методҳое, ки мустақил ё мутақобилан якдигарро пурра мекунанд ва таҳқиқоти ҳамаҷонибаро таъмин месозанд, интихоб карда мешаванд [92, с. 29-31]. Чунин мавқеъ доштани олими мазкур шаҳодати яке аз принсипҳои бунёдии тадқиқоти криминалистиро инъикос мекунад, яъне, муносибати бисёрҷабҳа ва ҳамаҷониба оид ба дарк намудани масъала. Танҳо истифодаи методҳои гуногун, пурра ва мустақил имкон

медиҳад, ки ҳолати кор пурра ва ҳаматарафа муайян карда шавад. Мисол, ҳангоми тафтиши ҷои ҳодиса методҳои мушоҳида ва таҳлил истифода мешавад, ё экспертизаҳои гуногуни соҳавӣ (биологӣ, хатшиносӣ ва ғайра) таъйин карда мешаванд, моделсозӣ ва ё дигар методҳои психологӣ истифода бурда мешаванд. Танҳо дар ҳолати таъйин намудани методҳои гуногун ҳолати кор пурра ва объективона ошкор карда мешавад.

Ба андешаи Лузгин И.М., дар адабиёти илмӣ методологияи тафтишот гуфта, маҷмуи муқаррароти назариявӣ дар бораи моҳияти тафтишот ҳамчун ҳолати махсуси фаъолияти даркнамоӣ дар низоми мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ фаҳмида мешавад. Баръакси методикаи тафтишот, методологияи тафтишот ҳадафи таҳияи методҳои хусусии ҷамъоварӣ, таҳқиқот ва арзёбии далелҳоро надорад, балки табиати ин фаъолиятро ҳамчун раванди даркнамоӣ, қонуниятҳои муайян кардани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ, низоми методҳои маърифат, хусусиятҳои далели иттилоотӣ, хусусияти донишеро, ки тафтишот ба даст овардааст, меомӯзад [53, с. 7-8].

Дар адабиёт методҳои даркнамоӣ, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд, ба таври зерин тасниф карда шудаанд: 1) методи умумиилмии даркнамоӣ – диалектикаи марксистӣ-ленинӣ – асоси назариявӣ барои таҳияи методҳои дигар дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар тафтишот; 2) методҳои умумии даркнамоӣ: мушоҳида, муқоиса, ченкунӣ, тавсиф, озмоиш ва ғайра; 3) методҳои махсуси (ё хусусии) даркнамоӣ – методҳои криминалистӣ, ки дар амалияи тафтишотӣ истифода мешаванд» [53, с. 105]. Хусусияти методҳои хусусии даркнамоӣ, ки ҳангоми исбот истифода мешаванд, чунин муайян карда мешавад: «1) шакли истифодаи ин методҳо ҳангоми исбот; 2) ҳолати субъекте, ки методи исботро истифода мебарад; 3) шартҳои дарк намудани ҳақиқат ҳангоми исбот; 4) хусусияти объектҳои даркнамоӣ» [19, с. 43].

Бояд ишора намоем, ки методҳои даркнамоӣ (мушоҳида, муқоиса, ченкунӣ, тавсиф), ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд, ба сифати методҳои усулҳои тактикӣ низ баромад менамоянд. Онҳо на танҳо

заминаи назариявӣ, балки ҳамчун воситаи татбиқи амалии вазифаҳои тафтишот баромад менамоянд. Мисол, методҳои умумии даркнамоӣ ҳангоми таҳияи тахминҳои тафтишӣ, таҳлили далелҳои ҷамъоваришуда, муқоиса намудани нишондодҳои шоҳидон, айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни раванди тафтиш ҳангоми мухолифат намудан бо ҳамдигар, истифода мешаванд. Дигар намуна ин методҳои махсус мебошанд, ки барои усулҳои тактикии пурсиш, тафтиш, экспертиза ва ғайра заминаи методологиро ташкил мекунанд.

Муфаттиш, прокурор, таҳқиқибаранда, яъне субъектони тафтишот, ки фаъолияти онҳо ба исбот намудани ҳолати ҷиноят равона карда шудааст, дорои мавқеи мурофиавии муайян мебошанд. Ин мавқеъ мазмуни фаъолияти даркнамоии онро ҳангоми исбот муайян мекунад ва ин ҳолат ба интихоб намудани методҳои даркнамоӣ, мақсади истифода намудан ва ҳудуди онҳо таъсир мерасонад. Методҳои исбот (яъне методҳои даркнамоӣ) дар мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар доираи ҳолатҳои махсус, ки қонунгузорӣ онро танзим намудааст, истифода бурда мешаванд. Методҳои даркнамоӣ, ки ҳангоми ҷараёни исбот истифода мешаванд, бо қонунгузорӣ танзим карда намешаванд. Қонунгузорӣ танҳо шаклҳои мурофиавии истифодаи ин методҳо, яъне ҳаракатҳои мурофиавиро ба танзим медарорад.

Ҳангоми таҳқиқи асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, алоқамандии методи криминалистии даркнамоӣ (исбот) ва усули (приём) тактикиро муайян кардан лозим аст.

Комарков В.С. қайд кардааст, ки «метод шакли рушди азхудкунии амалӣ ва назариявии воқеияти шинохташуда мебошад. Метод амалияест, ки алакай дар шакли назариявӣ пӯшида шудааст... Усули тактикӣ марҳилаҳои амалҳои амалии муайянест, ки барои расидан ба ҳадафи гузошташуда амалӣ карда мешаванд, дар ҳоле ки метод консепсияи зеҳнӣ мебошад, ки тамоми маҷмуи тарзҳои амал карданро ҳамоҳанг мекунад» [40, с. 13].

Ҳамин тариқ, методи криминалистии даркнамоӣ низоми усулҳо (приём)-и криминалистиро дар бар мегирад. Тафсири амалҳои тафтишотӣ

ҳамчун методи махсуси криминалистии дарк намудани ҳодисаи ҷиноят асос медиҳад, ки усулҳои тактикӣ (ба монанди техникӣ), ки дар рафти амалишавии ин амали тафтишотӣ истифода мешаванд, унсурҳои алоҳидаи ин методро ташкил диҳанд [26, с. 13-15].

Метод ин маҷмуи усулҳо (приём) мебошад. Вобаста ба ин усули тактикӣ дар раванди таҳқиқи ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ функсияи даркнамоиро иҷро менамояд.

Нақши даркнамоии усули тактикии дар рафти ҳаракати тафтишотӣ истифодашаванда дар он аст, ки истифодаи он ҳамчун усули қонунӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мақсадноки амал ба муайян кардани миқдори маълумоти боэътимод дар бораи ҷинояти тафтишшаванда мусоидат мекунад. Дар ин маврид функсияи усули тактикӣ ҳамчун унсури методи даркнамоӣ ба гирифтани маълумоти боэътимод дар парванда мусоидат менамояд.

Ратинов А.Р. вобаста ба асоснокии усулҳо (приём) андеша дорад, ки «ҳар як усуле, ки ҳангоми тафтишот истифода мешаванд на танҳо аз нуқтаи назари қонунӣ, балки аз нуқтаи назари он ки то кадом дараҷа даркнамоии онҳо самаранок арзёбӣ карда мешавад, баҳо дода мешаванд» [68, с. 94].

Ҳамзамон, Салимов Ҳ.С. як қатор талаботеро қайд намудааст, ки тарзҳои тактикӣ ё худ усулҳои тактикӣ бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд: «илман асоснокӣ; силсилаи мутаносиб доштан; хусусияти тавсиявӣ доштан; мувофиқат бо қонун; мутобиқат бо меъёрҳои ахлоқӣ; ба самаранокии истифодаи воситаҳои илмӣ – техникӣ мусоидаткунанда будан; қадру қимат, обрӯ ва эътибори шахсро паст назадан; боиси азоби ҷисмонӣ ё руҳии шахс нашудан; сабаби фиребу найранг нашудан» [72, с. 319-320]. Ҳамин гуна шаклҳои гуногуни талабот ба методҳо низ хос мебошанд, зеро онҳо дар раванди тамоми фаъолият ва соҳаҳои илм истифода мешаванд, аз ҷумла, самаранок будани далелҳо, содда ва эътимоднок будан, амнияти татбиқи онҳо, қобили қабул будан, аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид, илмӣ ва дақиқ будан.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки нисбати методҳо ва усулҳои тактикӣ талаботҳои муҳим ва дар аксар ҳолатҳо монанд татбиқ мешаванд, ба монанди

аз ҷиҳати илмӣ асоснок будан, ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқат кардан, хусусияти тавсиявӣ доштан, самаранок будан ва боиси вайрон гаштани ҳуқуқу озодиҳои шахс нагаштан. Ин гуна монандии талабот, алоқамандии методҳо ва усулҳои тактикиро баён намуда, исбот месозад, ки онҳо ба сифати асосҳои методологӣ дар рафти татбиқи тарзҳои тактикӣ баромад менамоянд. Он талаботе, ки дар рафти истифодаи методи мушаххас ё якчанд метод татбиқ мешаванд, ҳангоми амалисозии тарзҳои тактикӣ низ истифода мегарданд.

Алоқамандии амалҳои тафтишотӣ ва усулҳои тактикӣ ба андешаи Гусаков А.Н., дар ду шакл ифода меёбад: «1) ҳолатҳое мавҷуданд, ки амалҳои тафтишотӣ метавонанд бе истифодаи усулҳои тактикӣ амалӣ карда шаванд, вале дар амалия он хеле кам ба назар мерасад, танҳо ҳангоми ҳаракатҳои оддии тафтишотӣ; 2) амали тафтишотӣ ва истифодаи усули тактикӣ ба як раванди ягона ҳамроҳ карда шудаанд, дар ин ҳолат амали тафтишотӣ аҳаммияти асосӣ дошта, усулҳои тактикӣ нисбат ба онҳо характери тобеиятӣ доранд» [26, с. 146-147].

«Таҷрибаи ҳаётӣ ва касбии муфаттиш нишон медиҳад: 1) дар фаҳмиши дурусти вазифаҳои худ ва уҳдадориҳо дар ҷараёни тафтишот ва пешгирии ҷиноятҳо; 2) дар донистани ҳаёт, психологияи одамон, қобилияти пайдо кардани муносибати дуруст бо онҳо; 3) дар донистани роҳҳои содир кардани ҷиноятҳо, қобилияти муайян кардани онҳо аз рӯи оқибатҳои истифодаи ин ё он тарз; 4) дар донистани усулҳои пинҳон кардани ҷиноятҳо; 5) дар қобилияти ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо, яъне исбот кардан; 5) дар донистани шаклҳо, усулҳо, методҳои исбот, шароити мурофиавии ин фаъолият, талабот ба он; 7) дар қобилияти дуруст баҳо додани далелҳо, ҳолатҳо ва қабули қарорҳои дуруст» [18, с. 67].

Дар рафти амалияи тафтишотӣ усулҳои тактикӣ ҳангоми гузаронидани раванди донистани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ истифода мегарданд ва масъалаи асоснокии илмии чунин усулҳои тактикӣ аҳаммияти хосси методологӣ пайдо мекунад. Дар рафти тафтишот ва мурофиаи судӣ барои

ҳалли масъалаҳои пешомада аз дастовардҳои илмҳои психология, мантиқ, физика, химия, биология, тиб, информатика, сотсиология, нақша истифода мешавад. Рушди ин соҳаҳои илмӣ асос ва замина барои рушди усулҳои тафтишӣ ва таҳияи усулҳои нави илмӣ, инчунин, воситаҳои ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо мегарданд.

Тавре ки дар боло ишора намудем, яке аз гурӯҳи методҳо ин методҳои хусусӣ (махсус) мебошанд, ки дар соҳаҳои мушаххаси илмӣ истифода мешаванд: ба монанди физикӣ, химиявӣ, физикию химиявӣ, биологӣ, антропологӣ, сотсиологӣ, тиб ва информатика. Дар рафти татбиқи усулҳои тактикӣ низ ин методҳои соҳаҳои гуногуни илм истифода мешаванд. Ин илмҳои махсус ба монанди мантиқ, равоншиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, химия, физика ва ғайра нақши заминаи илмии даркнамоиро барои усулҳои тактикӣ мебозанд.

Мисол, методҳои психологӣ, ки аз доираи илми равоншиносӣ ва мантиқ бармеоянд, махсусан ҳангоми таҳияи усулҳои тактикӣ аз ҷониби тафтишот васеъ истифода мегарданд. Тавассути ин методҳо ҳангоми ҷамъоварӣ намудани далелҳои кофии тасдиққунанда ва пурсиши иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ба тафтишот монеа эҷод мекунанд, таъсири психологӣ расонида шуда, барои муайян кардани ҳолатҳои объективии ҳодиса муҳим мебошанд. Инҳо метавонанд на танҳо гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон, балки ҷабрдидагон ва шоҳидоне бошанд, ки ба ҷинояти тафтишшаванда манфиатдор нестанд. Ин методҳои психологӣ, алалхусус психологияи ҳуқуқӣ, имкон медиҳад, ки усулҳои тактикиро барои тақвияти таъсири онҳо, таҳияи техникаву тактикаи криминалистӣ ва комбинатсияҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои гуногуни тафтишот равона шудаанд, оқилона муттаҳид намоянд [35, с. 22]. Истифодаи методҳои махсуси аз илмҳои гуногун сарчашмагирифта, исбот намудаанд, ки онҳо барои даркнамоӣ ва ошкор сохтани раванди ҳақиқат муҳим мебошанд. Аз ҷумла, истифодаи онҳо дар илми криминалистика, хусусан дар раванди татбиқи усулҳои тактикӣ метавонад эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро

кафолат диҳад. Ҳамин тавр, методҳои хусусӣ (махсус) низ ба сифати асосҳои методологии татбиқи усулҳои тактикӣ дар рафти фаъолияти криминалистӣ баромад менамоянд.

Бинобар ин, усулҳои тактикии истеҳсолоти амалиёти тафтишотӣ, тарзҳои ташкили оқилонаи раванди донистани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ мебошанд. Асоснокии илмии чунин усулҳо бошад, аҳаммияти муҳими методологиро пайдо мекунанд. Рушди илмҳои гуногуни махсус, ки мо дар мавриди онҳо ишора кардем, бо мурури замон рушд ёфта, дастовардҳои навро касб месозанд. Мутобиқсозии эҷодии дастовардҳои онҳо барои ҳалли масъалаҳои мурофиаи судӣ, баҳодиҳии усулҳои тафтишот ва таҳияи усулҳои нави илмӣ ва воситаҳои ҷамъовариву таҳқиқи далелҳо заминаи илмиро мебозад. Маълумоти мантиқ, психология, ташкили илмии меҳнат ва бисёр дигар илмҳои махсус нақши заминаи илмии маърифатии усулҳои тактикиро мебозанд, ки ин кафолати эътимоднокии натиҷаҳои бо ёрии онҳо ба даст овардашуда мебошад [98, с. 26].

Ҳамзамон, Якушин С.Ю. андеша дорад, ки «методологияро дар ҳар сурат метавон ишора кард, агар интихоби рафтор вуҷуд дошта бошад» [98, с. 26]. Чунин мавқеъгирии олим хеле мураккаб мебошад, вале дар ҳар сурат мо тарафдори ин ақида мебошем. Зеро интихоб намудани ягон тактика, ҳаракат ва ё хатти рафтор доштани донишу малакаро талаб менамояд, хусусан муфаттиш ва криминалист ҳангоми татбиқи усулҳои тактикӣ аз методҳои гуногуни соҳаҳои дигари илм ва меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода менамоянд. Хусусияти дигари ин ҳолат дар он аст, ки муфаттиш ва ё криминалист аз доираи васеи ин имкониятҳо огоҳ мебошанд ва танҳо мустақилона, дар асоси дониш ва таҷрибаи худ намуди муайяни тактикаи криминалистӣ ва ё усули тактикиро барои намуди муайяни ҳаракати тафтишотӣ интихоб менамояд, яъне ба масъулияти ӯ вобаста аст.

Дар адабиёти илмӣ ақидае мавҷуд аст, ки тибқи он ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ асоси методологӣ ба ҳисоб меравад. Лузгин И.М. андешаи худро иброз медорад, ки ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ (мисли ҳуқуқ дар маҷмуъ)

маълумоти методологиро дар бар мегирад. Бо ин асос ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ асоси методологиро ташкил медиҳад. Ақидаи худро олим бо он асоснок менамояд, ки танҳо дар доираи қонун ва дар асоси принсипҳои он, муфаттиш усулҳои тафтишот, усулҳои ҷамъоварии хусусӣ, таҳқиқот ва баҳодиҳии далелҳоро, ки аз ҷониби криминалистика таҳия шудаанд, интихоб мекунад [53, с. 10].

Ҳамзамон, чунин андешаро Якушин С.Ю. низ ҷонибдорӣ намуда, фикри худро баён месозад, ки мувофиқи он тафтиши ҷиноятҳо тибқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад. Бо он сабаб ки ошкор кардани далелҳо, санҷиш ва баҳо додани онҳо дар асоси режими муқарраркардаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад. Бинобар ин, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар тафтиши ҷиноятҳо нақши муҳимми методологиро иҷро мекунад. Шаклҳо ва шартҳои гузаронидани тафтишоти пешакӣ, ҷараёни мурофиаи судӣ ва санҷиши тамоми манбаъҳо ва усулҳои гирифтани маълумоте, ки ба сифати далел истифода мешаванд, маҳз аз ҷониби меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолат дода мешаванд [164, с. 26-27].

Тафтиш намудани тамоми ҷиноятҳо дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода мешавад, зеро ошкор кардани далелҳо, санҷиш ва баҳодиҳии онҳо ба меъёрҳои муайяни ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вобаста аст. Вобаста ба ин, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дар тафтиши ҷиноятҳо нақши муҳимми методологиро иҷро мекунад. Меъёрҳои он шаклҳо, асос ва тартиби гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва амалҳоро муқаррар намуда, имконияти санҷиши сарчашмаҳо ва тарзҳои гирифтани маълумотро пешбинӣ мекунад. Мисол, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ асос барои пешбурд, шартҳои гузаронидан ва тартиби тартиб додани протоколҳои азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, озмоиши (эксперименти) тафтишӣ, азназаргузаронии ҷасад (эксгуматсия), шаҳодаткунонӣ, пурсиш, рӯбарӯкунӣ, шинохтан ва санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса ва ғайра инъикос ёфтаанд. Албатта, қонунгузор имконият надорад, ки тамоми усулҳои тактикиро инъикос намояд ва онҳоро дар қонун

дарҷ созад, бинобар ин, аз нуқтаи назари методологӣ шартҳои умумии интихоб ва истифодаи ин усулҳо, аз қабили қонунӣ будан, ҳуқуқу озодиҳои шахсро вайрон накардан, боиси паст задани обрӯ ва шаъну шарафи инсон нагаштан, муайян карда мешавад, ки ба муфаттиш имконият медиҳад, дар кадом ҳолатҳо истифодаи онҳо мувофиқ ё қобили қабул аст.

Метавон қайд намуд, ки, умуман, илми криминалистика ва махсусан қисмати тактикаи криминалистӣ, ки усулҳои тактикӣ маҳз дар ҳамин қисмати он мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, ба он равона карда шудааст, ки вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар қисмати ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо ҳал карда шуда, онҳо сари вақт пурра ва ҳаматарафа кушода ва ошкор карда шавад. Ҳамзамон, метавон гуфт, ки ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ҷиҳатҳои танзими ҳуқуқии амали тафтиширо дар бар гирифта, тарзҳои тактикӣ бошад, роҳу воситаҳои самараноки амалӣ намудани ин амалҳоро, ки дар заминаи таҷрибаҳои амалӣ ва назарияҳои илмӣ коркард шудаанд, ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, усули тактикӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ амали техникии муфаттиш ба шумор рафта, ҳамчун унсури мустақили низоми методологии даркнамоӣ, ки ба муайян кардани ҳақиқат дар парвандаи ҷиноятӣ равона шудааст, фаҳмида мешавад. Усули тактикӣ бояд ба як қатор талаботи умумӣ, ки мо дар боло онҳоро номбар намудем ва принсипҳои қонунгузории мурофиаивии ҷиноятӣ, аз қабили қонуният, баробарии ҳама дар назди қонун, эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият, манзил ва ғайра ҷавобгӯ бошад. Аз ҷумла, ҳар як усул бояд вазифаи даркнамоиро иҷро намояд ва ба гирифтани маълумоти пурра ва боэътимод дар бораи ҷиноят мусоидат намояд.

Муфаттиш ҳангоми интихоби усулҳои тактикӣ озод мебошад, ки ин ҳолат ба мутобиқ шудан ба шароити мушаххаси тафтишотро таъмин месозад. Усулҳои тактикӣ бояд дастрас, эътимоднок, фаҳмо ва илман асоснок буда, хусусияти тавсиявӣ дошта бошад. Ҳамзамон, ба талаботи қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқ буда, ҳуқуқу озодиҳои шахсро вайрон насозанд. Ин ба

субъектони анҷомдиҳандаи тафтишот имконият медиҳад, ки новобаста аз сатҳи таҷрибаи онҳо аз усулҳо самаранок истифода баранд. Ҳангоми истифодаи усулҳои тактикӣ риоя намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ҳатмӣ мебошад.

Ҳолатҳои дар боло номбаршуда асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикиро ташкил медиҳанд. Танҳо дар сурати риояи онҳо, тактикаи тафтишот метавонад самаранок, асоснок ва ба вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ бошад, ки дар навбати худ, ба пурра, ҳаматарафа ва саривақт ошкор намудан ва кушодани ҷиноят мусоидат менамояд.

### 2.2. Ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ

Яке аз паҳлӯҳои муҳимми ҷараёни тафтишот ин амалисозӣ ва ё худ татбиқи усулҳои тактикии криминалистӣ мебошад, ки аз он то кадом дараҷа муваффақ ва самаранок будани раванди тафтишот вобаста аст. Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтишот нақши калидиро мебозанд ва дар баъзе ҳолатҳо истифодаи нодурусти онҳо ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни раванди тафтишот таъсир расонида, ҳуқуқу озодиҳои онҳоро поймол месозад.

Дар адабиёти илмии криминалистӣ то имрӯз баҳсҳо дар баробари мафҳум ва шаклҳои усулҳои тактикӣ, ҳамзамон, атрофи меъёрҳои қобили қабул будани ин усулҳо низ ҷой доранд. Соколов А.Б. ишора менамояд, ки муаллифони зиёд ҳадафҳо, функсияҳо ва аломатҳои асосии усулҳои тактикиро ба таври гуногун мефаҳманд, ки ин дар навбати худ, ба зиддиятҳо ва хатогиҳо дар фаҳмиш ва дарки моҳияти мафҳуми таҳқиқшаванда оварда мерасонад. Чунин хатогӣ ба арзёбии объективии вазъият дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад ва ба оқибатҳои зерин оварда мерасонад: «1) интихоби нодурусти тарзи амал аз ҷониби ҳуқуқтатбиққунанда; 2) камсамар будани амалҳои ҳифзи ҳуқуқ; 3) хусусияти ғайриқобили қабул будани амалияи ҳифзи ҳуқуқ» [124, с. 112].

Дар параграфи мазкур мо атрофи масъалаҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ, ченакҳои амалисозӣ ва дигар масъалаҳои мубрами он дар рафти тафтишот таҳлилҳо анҷом медиҳем.

Самаранок ва босифат гузаронидани амалҳои тафтишотию мурофиавӣ ва дар асоси қонун ҷамъ овардани далелҳо талаботи асосии пешбурди таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ба шумор меравад. Барои сифатнок ва дар асоси қонунгузорӣ гузаронидани ин амалҳо лозим аст, ки дар ҷараёни тафтишот ва ҷамъоварии далелҳо тактикаи криминалистӣ ва усулҳои тактикии он ба як қатор ченакҳои муайян ҷавобгӯ бошанд ва ҳуқуқу озодиҳои шахсони иштироккунандаро вайрон насозанд.

Яке аз қисматҳои асосии илми криминалистика ин тактикаи криминалистӣ мебошад, ки он аз низоми муқарраротi илмӣ ва тавсияҳои дар асоси донишҳои назариявию амалӣ таҳияшуда оид ба ташкил ва банақшагирии тафтишоти пешакӣ ва судӣ, муайян кардани хатти рафтори шахсони пешбарандаи ин таҳқиқот ва усулҳои гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ва судӣ мебошад, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо, муайян кардани сабабҳову шароитҳое, ки ба содир ва пинҳон кардани ҷиноятҳо мусоидат кардаанд, иборат мебошад [46, с. 129].

Олимони тоҷик тактикаи криминалистиро ҳамчун яке аз фаслҳои криминалистика ва низоми усулҳо ва тавсияҳои тактикӣ барои амалияи тафтишӣ ба вуҷуд овардашуда, ки тадриҷан тағйир меёбанд, мефаҳманд. Ба тактикаи криминалистӣ инҳо дохил мешаванд:

1. *Таълимот дар бораи тахминҳои криминалистӣ ва банақшагирии тафтишӣ;*
2. *Усулҳо ва тавсияҳои тактикӣ оид ба гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ;*
3. *Тавсияҳо оид ба истифодаи донишҳои махсус ва кӯмаки мутахассисон дар раванди тафтишот [72, с. 330].*

Тактикаи криминалистиро ҳамчун механизми мураккабе, ки муқаррарот, усулҳо ва тавсияҳоро барои гузаронидани амалҳои мурофиавию

тафтишотӣ ва судӣ коркард менамояд, фаҳмидан мумкин аст. Дар низоми криминалистика тактикаи криминалистӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд, зеро воситаҳо, методҳо ва усулҳои техникӣ-криминалистӣ ба таври назаррас тавассути тактикаи криминалистӣ ҳангоми татбиқи усулҳои тактикии амалиёти тафтишотӣ ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид карда мешаванд. Дар низоми тактикаи криминалистӣ бошад, усулҳои тактикӣ мавқеи марказиро доранд.

Усули тактикӣ як навъи усули криминалистӣ буда, он ҳамчун усули оқилона ва самараноки амал ё хатти мақсадноки рафтор ҳангоми ҷамъоварӣ, таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳо фаҳмида мешавад. Мақсади истифодаи усулҳои тактикӣ ин баамалбарории тафтишот, инчунин, таҳия ва гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ мебошад. Усулҳои тактикӣ дар маҷмуъ, зимни раванди тафтишот ва ҳангоми гузаронидани амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ истифода мешаванд. Чунин гуногунрангӣ ва муҳим будани истифодаи усулҳои тактикӣ водор месозад, ки онҳо ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошанд, аз ҷумла, яке аз талаботи муҳим ин қобили қабул будани истифодаи онҳо дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Яке аз мушкилиҳои истифодаи усули тактикӣ дар раванди тафтишот ин муқаррар накардани доираи ин усулҳо ва тарзҳои истифодаи он мебошад, ки қонунгузории мурофиавӣ дар ин ҷо меъёри мушаххас пешбинӣ накардааст. Ин ба он ҳолат оварда мерасонад, ки баъзе усулҳои тактикӣ метавонанд ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни ҷараёни тафтишотро поймол созанд. Маҳз дар ҳамин ҳолат ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ нақши худро доранд, зеро ҳангоми истифодаи усулҳо муайян мегардад, ки то кадом дараҷа онҳо қобили қабул мебошанд. Мисол ҳангоми истифодаи усулҳои тактикии гуногун ба монанди фишор, тарсонидани айбдоршаванда ё шоҳидон, истифодаи ҳар гуна таъсирҳо ва фишорҳои психологӣ, истифодаи усулҳои гуногуни саволдиҳӣ ё мушоҳида барои санҷиш ва ошкор кардани ихтилофҳо ё ин ки барои гирифтани маълумоти боэътимод, субъектҳои тафтишот метавонанд чунин усулҳоро истифода баранд, ба монанди кам

нишон додани нақши шахси пурсишшаванда, сафед кардани амалҳо ҳангоми содир кардани ҷиноят, истифодаи таҳдидҳои пинҳонӣ ба пурсишшаванда, сиёҳ кардани дигар иштирокчиёни парвандаи ҷиноятӣ, истифодаи фиреб, нишон додани хашм, қувва ва ғайра, ки метавонад боиси вайрон гардидани талаботи қонунгузории мурофиавӣ шавад.

Вуҷуд доштани намудҳои зиёди усулҳои тактикӣ ва мавҷуд набудани меъёри мушаххас атрофи онҳо дар амалия ба субъектони тафтишот душвориҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, хусусияти дигари истифодаи усулҳои тактикӣ дар он аст, ки муфаттиш ё таҳқиқбаранда онҳоро мустақиман дар раванди фаъолият интихоб менамояд ва дар ин ҳолат имконияти поймолшавии ҳуқуқҳои тарафҳо вуҷуд доранд. Маҳз дар ҳамин ҳолат ченакҳои қобили қабул будан ё ҷоизии усулҳои тактикӣ нақши асосиро мебозанд ва онҳо муайян менамоянд, ки то кадом дараҷа ин усулҳо ба талабот ҷавобгӯянду истифодаи онҳо дуруст аст.

Барои дуруст баҳо додан ба ченакҳои қобили қабул будани усули тактикӣ мо дар мисоли мушаххас онро таҳлил менамоем. Аксари олимону муҳаққиқон атрофи ченакҳои қобили қабул будани ҳаракати тафтишии пурсиш таҳқиқот гузаронидаанд. Зеро пурсиш навъи асосӣ ва паҳншудатарини ҳаракати тафтишӣ ба ҳисоб меравад ва тамоми муфаттишон аз он истифода мебаранд. Дар рафти пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳидон ва ғайра муфаттишон бештар аз усулҳои тактикии гуногун истифода менамоянд ва маҳз дар ҳамин ҳолат ченакҳои қобили қабул будани ин усулҳои тактикӣ нақши марказиро мебозанд [101, с. 67]. Вобаста ба пурсиш таҳқиқот зиёданд ва мо танҳо атрофи ченакҳои ҷоизии усулҳои тактикии ҳангоми ин амали тафтишӣ истифодашуда каме маълумот медиҳем, то ки муҳим будани онҳоро дар шакли мисоли мушаххас нишон диҳем.

Дар амалия мушоҳида мешавад, ки бештари вақт гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳидон ва дигарон нишондоди бардурӯғ медиҳанд, аз додани он даст мекашанд ё мақсади ба гумроҳӣ бурдани тафтишотро доранд,

яъне барои субъектони тафтишот ба даст овардани маълумоти барои кор зарурӣ хеле душвор аст. Пас, дар ҳамин ҳолат аз усулҳои тактикии гуногун истифода бурда мешавад. Ба андешаи Бедризов А.Г., дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳое ба миён меоянд, ки шоҳиди беинсоф ба тафтишот мухолифат мекунад, дар бораи ҳолатҳои ба ӯ маълум хомӯш мемонад ё аз додани нишондод тамоман даст мекашад, бо ишора ба он ки гӯё ҳеҷ чизро дар ёд надорад. Дар ин ҳолатҳо, усулҳои тактикӣ, ки маҳз ба эътиқоди муфаттиш асос ёфтаанд, бештар мақсаднок мебошанд:

- *тафсири аҳаммияти иҷтимоии маълумоте, ки шоҳид дорад;*
- *ба шоҳид дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани нишондоди бардурӯғ ва ё барои рад кардани додани нишондод хотиррасон кардан, инчунин, шарҳи оқибатҳои манфии он;*
- *ба ақли солими шоҳид муроҷиат кардан, ӯро ба нодурустии мавқеи ишғолшуда бовар кунондан ва ба шоҳиди пурсидашуда фаҳмондани зарурати расонидани маълумоти дуруст;*
- *эълон ва таҳлили далелҳои ҷамъоваришуда ва дигар маълумоте, ки ҳамсуҳбатро дар самимият айбдор мекунанд;*
- *ташаккули эътиқоди шоҳид дар бораи он ки тафтишот далелҳое дорад, ки ӯро дар дурӯғ ошкор мекунанд;*
- *тарк кардани пурсишшаванда дар ҳолати нобоварӣ дар бораи хусусият ва ҳаҷми далелҳое, ки тафтишот дорад;*
- *пешниҳоди далелҳое, ки нишондоди пурсидашавандаро рад мекунанд;*
- *пешниҳоди далелҳое, ки аз шоҳид тафсилоти нишондодро талаб мекунанд [104, с. 123].*

Аз усулҳои пешниҳодшуда бармеояд, ки онҳо як навъ восита барои аз ҳолати душворӣ баромадан мебошанд. Муфаттиш бошад, бо хотиррасон намудани баъзе меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ, баъзе таъсирҳои психологӣ ва ба тарафҳо фаҳмониидани мавқеи мурофиавии онҳо имкон дорад, ки маълумоти заруриро ба даст орад. Усулҳои тактикие, ки дар рафти тафтишот истифода бурда шаванд, ба саволи асосӣ атрофи ченакҳои қобили

қабул будани онҳо бояд ҷавобгӯ бошанд, яъне, дар кадом маврид ва ҳолатҳо онҳоро муфаттиш метавонад истифода намояд ва дар кадом ҳолатҳо маҳдудият вуҷуд надорад. Ин усулҳо бояд ба талаботи муайян ҷавобгӯ бошанд.

Дар ин ҳолат мо ба андешаи Хаметова А.Р. розием, ки тибқи он «талаб карда мешавад, ки меъёрҳои қонунгузории қобили қабул будани усулҳои тактикӣ дар пурсиши шоҳидон таҳия ва ба қайд гирифта шаванд ва ҳамин тавр дар бораи қоидаҳои татбиқи чунин усулҳо муфассал пешбинӣ карда шавад. Тавсияи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар робита ба манъи истифодаи чунин усулҳои тактикии пурсиш пешниҳод гардад:

1) зӯроварии равонӣ ё таҳдидҳои зӯроварӣ;

2) дурӯғ, гумроҳӣ ва фиреб;

3) истифодаи мақоми шахс - ҷинс, гендер, вазъи моддӣ ва касбӣ, манипулятсияи пурсишшаванда дар маҷмуъ;

4) амалҳое, ки ба ахлоқ мухолифанд ва шаъну шарафи шахси пурсидашударо паст мезананд» [128, с. 193].

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷо низ баҳсҳо хотима намеёбанд, зеро масъалаи қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикии дар ҷараёни пурсиш истифодашуда ё бештар вақт усулҳои тактикии бо психология алоқамандбуда дар адабиёти криминалистӣ то ҳол баҳсбарангез боқӣ мемонанд. Аксенова Л.Ю. ва Анешева А.Т. оиди ин масъала таҳқиқот гузаронида, чунин мешуморанд, ки чунин усулҳоро «ҳилаҳои психологӣ» ва ё «ҳилаҳои тафтишотӣ» меноманд ва онҳоро ҳамчун шакли хосси фиреб, гумроҳӣ меҳисобанд. Дигарон бошанд, онро қобили қабул эътироф мекунанд ва ҳамчун усули самараноки тактикии пурсиш тавсия медиҳанд. Чунин душвориҳо бо он алоқаманд мебошанд, ки истифодаи усулҳои тактикӣ нозукиҳои худро дорад. Усулҳои тактикӣ ҳамеша таъсири психологӣ доранд ва ҳангоми ташаккул ва истифодаи онҳо қобили қабул ва қонунӣ будани онҳоро муайян кардан муҳим аст, дар ҳоле ки аз меъёрҳои илмӣ ва ахлоқӣ, ки

имконияти ворид кардани онҳо ба мурофиаи судӣ шарти зарурӣ мебошад [102, с. 81].

Дигар навъи баҳс ин истифодаи дуруғ дар рафти тафтишот аз ҷониби худи субъектони таҳқиқот мебошад. Атрофи ин масъала чунин нуқтаи назар аст, ки тафсири дурӯғ дар заминаи ҳуқуқӣ танзими худро наёфтааст [110, с. 86]. Барои дурӯғ гуфтан ягон масъулияти ҳуқуқӣ пешбинӣ нашудааст. Бо вуҷуди ин, вақте ки дурӯғ манфиатҳо ва ҳуқуқҳои шахсонро вайрон мекунад, он шакли амали ғайриқонуниро касб менамояд. Дар ин робита барои фаҳмидани моҳияти дурӯғ ду равишро муайян кардан мумкин аст: дурӯғ, якум, вайрон кардани арзишҳои ахлоқӣ ва этикӣ мебошад ва дуюм, дурӯғ дар баъзе шаклҳои он қонунан ҷазо дода мешавад. Ҳамин тариқ, дурӯғ набояд ҳамчун патологияи рафтор қабул карда шавад, балки воситаи баланд бардоштани самаранокии муоширати байнишахсӣ дар доираи падидаи «тафтишот – пурсишшаванда» мебошад [128, с. 193].

Ба назари мо, мавқеи шадиди профессор Белкин Р.С. қобили таваҷҷуҳ аст, ки тибқи он «вақти он расидааст, ки ошкоро эътироф кунем, ки давлат низ қобили қабул будани фиребро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ эътироф мекунад. Фиреб барои корманди оперативӣ кирдори бадахлоқона ҳисобида намешавад; бе фиреб ба гурӯҳи ҷиноятӣ дохил шудан, шакли фаъолият ва ҳайати гурӯҳи муташшакили ҷиноятиро ошкор намудан, ҷиноятҳои аз ҷониби онҳо содиршударо муайян, шахси ришваситонро санҷидан ва онҳоро бевосита ҳангоми содир намудани ҷиноят бо далелҳои шайъӣ дастгир кардан дар аксари ҳолатҳо ғайриимкон аст. Ниқоби шармандагии калимаи «фиреб» бо истилоҳи махсуси «афсона» моҳияти корро тағйир намедиҳад» [13, с. 75]. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки атрофи истифодаи фиреб ва дурӯғ нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад ва то ҳол ақидаи ягона пешниҳод нагардидааст. Ба андешаи мо бошад, истифодаи фиреб ва дурӯғ дар рафти таҳқиқ ва тафтиши ҷиноят амали ҷоиз мебошад, вале он бояд ба ченакҳои ахлоқӣ ва қонунӣ будан ҷавобгӯ бошад, то ин ки шаъну шараф ва ҳуқуқу озодиҳои тарафҳоро вайрон насозад. Барои исботи ин гуфтаҳо, мо истифодаи фиреб ва

дурӯғро дар мисоли дигар баҳо медиҳем, аз ҷумла, истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ноболиғон.

Дар ин ҷараён субъектони тафтишот бояд донанд, ки ноболиғон мавқеи махсуси мурофиавӣ доранд ва онҳо бояд бодиққат, бе таъсиррасонии равонӣ бо онҳо рафтор намоянд, иштироки психолог, волидайн, муаллим ва дигар шахсони заруриро таъмин созанд. Мавқеи баъзе муаллифон чунин мебошад, ки тамос бо ноболиғ лаҳзаи калидии гузаронидани амали тафтишотӣ бо ӯ мебошад. Дар ин марҳила бояд «шиддатро бартараф кард, яъне, ба ӯ ёрӣ кард, ки ором шавад, тарси табиӣ, хиҷолатро бартараф кунад, ӯро ба ҳодисаи содиршуда ҷалб кунад, барои ҳамкорӣ бо тафтишот ҳавасманд намояд» [102, с. 82].

Барои барқарор кардани тамос бо ноболиғон Кушпел Е.В. тавсия медиҳад, ки чунин усулҳои тактикӣ истифода шаванд: «нодида гирифтани нуқсонҳои мавҷуда, масалан, талаффуз ва ғайра; рад кардани пурсиш, гуфтушунид барои кӯдак; суҳбат дар мавзӯи ҷолиб барои кӯдак, бидуни «лағжиш» ба сатҳи кӯдакон, зеро кӯдакон ба қалбакӣ будани ҳодиса хеле ҳассосанд; саволи аввал бояд аслан як идомаи табиии суҳбат бошад» [48, с. 63]. Мо андешаи олимро ҷонибдорӣ менамоем ва чи гунае, ки дар боло ишора кардем истифодаи фиреб, ҳилла ва дурӯғро ҷоиз мешуморем, вале онҳо бояд нисбати ноболиғон истифода нашаванд, зеро ҳолати руҳию равонии кӯдакон хеле нозук аст ва ҳар гуна амал ба онҳо метавонад таъсири манфӣ расонад.

Ҳатто истифодаи таъсирҳои психологӣ бояд пурра таҳти назар қарор дода шаванд. Дар ин ҳолатҳо бояд талаботи ахлоқӣ пурра ба инобат гирифта шавад, зеро ба шаъну шарафи ноболиғ таъсири манфӣ мерасонад. Албатта, дар ин ҷо низ баҳсҳо ба миён меоянд, ки чаро нисбати болиғон татбиқ намудан мумкин аст, вале бояд пешбинӣ намоем, Ҷиноятҳои зиёде мавҷуданд, ки хеле мураккаб мебошанд, аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ содир шудаанд, ретсидивист мебошанд ва ё дигар ҳолатҳои мушкил вуҷуд дорад, (дар онҳо ноболиғон ба сифати яке аз

шахсони ба содирнамудани ҷиноят ҷалбгардида ва мухраи ягонаи ошкор намудани дигар шахсони ҷиноятсодирнамуда ба ҳисоб меравад), ки бе истифодаи фиреб ва ё ҳилла дар ҷараёни усулҳои тактикӣ ошкор кардани ҷиноят хеле душвор ва ғайриимкон аст.

Илова бар ин, интихоби усулҳои тактикӣ аз дараҷаи ҳамбастагии шарикон, шумораи ҷиноятҳои содиршуда ва вазнинии онҳо, ҳайати шумораи гурӯҳ ва ғайра вобаста аст. Дар ин ҳолат, истифодаи усули тактикӣ, ки ба ошкор кардани «пайванди заиф», яъне, мавқеи аз ҳама заиф дар гурӯҳ равона шудааст, мақсаднок аст. Ин имкон медиҳад, ки «раванди эътирофи гуноҳи дигар шарикон фаъол гашта, ташкилкунандаи ҳар як амали ҷиноят ошкор ва шахси асосӣ муайян карда шавад» [55, с. 77].

Ғайр аз мисолҳои мушаххаси дар боло номбаршуда, инчунин, ҳолатҳои гуногуни истифодаи усулҳои тактикӣ вуҷуд доранд, ки масъалаи истифодабарии онҳо, пеш аз ҳама, қобили қабул будани онҳоро талаб менамояд. Баъзе усулҳои тактикие вуҷуд доранд, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои гуногуни тафтишотӣ амалӣ мешаванд (мисол, усулҳои тактикии пурсиш, гузаронидани рӯ ба рӯ ё санҷиши нишондодҳо дар ҷои ҳодиса; тафтиши ҷои ҳодиса ва кофтуков). Усулҳои тактикӣ на танҳо дар рафти тафтишот ва суд, ҳамзамон, дар ҷараёни дигар амалҳои мурофиавӣ (боздошт, ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ, гирифтани тавзеҳот ҳангоми санҷиш) ва доираи васеи чорабиниҳои ғайримурофиавӣ ҳангоми татбиқи онҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти криминалистӣ дар рафти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамкории мақомоти тафтишот бо дигар мақомоту идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода мешаванд [107, с. 44-45].

Чи тавре, ки мебинем, атрофи ҳар як навъи ҳаракати тафтишотӣ, ки метавон дар доираи он як қатор усулҳои тактикиро истифода бурд, баҳсҳои хеле зиёд вуҷуд дорад ва то ҳол идома ёфта истодаанд. Истифодаи дурӯғ, фиреб, ҳиллаҳои тафтишотӣ ва дигарон ҳангоми истифодаи усулҳои тактикӣ, хусусан нисбати ноболиғон то ҳол баҳсҳои зиёдро дар худ дорад ва ақидаҳои гуногун дар ин самт вуҷуд доранд. Қонунгузор меъёри мушаххасро пешбинӣ

накардааст, танҳо муфаттиш мустақилона метавонад аз доираи онҳо истифода намояд, ки ин дар амалия ба мушкилӣ оварда мерасонанд. Бинобар ин, меъёри зарурӣ дар ин ҷо муайян намудани ченакҳои қобили қабул будани онҳо мебошанд.

Қобили қабул будани истифодаи усулҳо ва тавсияҳои тактикӣ қонунияти онҳоро пешбинӣ мекунад ва аз рӯи хусусият, мундариҷа ва мақсаднокӣ ин усулҳо ва тавсияҳо бояд ба рӯҳ ва ҳарфи қонун комилан мувофиқат кунанд ва татбиқи онҳо ба талаботи қонуният мувофиқат дошта бошад [46, с. 132]. Ба андешаи Якушин С.Ю. «меъёри қобили қабул будани истифодаи усул, чунин аломати онро фаҳмидан лозим аст, ки дар асоси он метавон дар бораи имконияти истифодаи он дар шароити муайяни ин ё он фаъолият хулоса баровард. Мафҳуми «мёъер» дар ин ҷо барои ишора кардан ба воситаи ҳалли истифода намудани ягон усули амал баҳо дода мешавад» [98, с. 28].

Ларина Е.В. қайд мекунад, ки қобили қабул будани далел, пеш аз ҳама, ба қонунӣ будани манбаи маълумот, шаклҳо ва усулҳои ба парвандаи ҷиноятӣ ворид кардани онҳо дар шароити татбиқи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолатҳои ҳуқуқи иштирокчиёни он мебошад [148, с. 11]. Чирков Ф.В. қобили қабул будани далелҳоро «дар шакли муайян кардани мувофиқати манбаъ, субъекти гирифтани он, усул ва тартиби гирифтани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба маълумоти мушаххасе, ки муфаттиш ният дорад дар ин далелҳоро дар рафти исбот истифода барад» [161, с. 9], маънидод намудааст. Хмиров А.А. бошад, зери мафҳуми қобили қабул будани далелҳо «ин мутобиқати онҳо ба талаботи қонун нисбат ба манбаъҳои мурофиавӣ ва усулҳои ба даст овардан ва сабт кардани ин маълумотро мефаҳмад» [86, с. 101].

Аз андешаҳои олимони дар боло ишорашуда бармеояд, ки ҳамаи онҳо ченаки асосии қобили қабул буданро ба қонун мувофиқат кардани маълумоти ҷамъоваришуда ва аз сарчашмаҳои қонунӣ истифода намудан (гирифтани онҳоро) эътироф намудаанд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, зери

мафҳуми «қобил қабул будан» ин ҷамъоварии маълумот аз сарчашмаҳои қонунӣ ва татбиқ намудани онҳо дар доираи қонунгузории мурофиавӣ аз ҷониби шахсони салоҳиятдор фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти илмӣ баъзан вақт ба ҷои «ченакҳои қобили қабул будан», «маҳдудиятҳои қобили қабул будан»-ро истифода мебаранд. Якушин С.Ю. ишора менамояд, ки беҳтар аст ченакҳои қобили қабул будан истифода бурда шавад [98, с. 28]. Мо ба андешаи олими мазкур розем мебошем, зеро аксари олимону муҳақиқон ченакҳои қобили қабул буданро истифода намудаанд. Дар ҳақиқат, ин ҳолатро дуруст баҳо додан лозим аст.

Агар мо ба ҷои ченакҳои қобили қабул будан истифодаи маҳдудиятҳои қобили қабул буданро ба роҳ монем, ба мақсади ниҳоии қобили қабул будан намерасем. Чунки мақсади ченаки қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, таъмини эҳтиром ба ҳаёт, саломатӣ ва қадру номуси шахс мебошад. Ва мо аз рӯи аломатҳое, ки ин арзишҳои олии инсонро халалдор намекунанд, қобили қабул будан эътироф гардидани истифодабарии усулҳои тактикиро ҷонибдорем. Дар сурати маҳдудияти қобили қабул будан танҳо он ҳолатҳоеро, ки бевосита поймолкунандаи арзишҳои зикршуда мебошанд, маҳдуд менамоем. Дар ин сурат танҳо ҳолатҳои маҳдудшуда ба назар гирифта шуда, дигар ҳолатҳое, ки дар ҳақиқат ин арзишҳоро халалдор мекунанд, аз мадди назар дур монда холигии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда метавонад, ки он тарзҳои гуногуни усулҳои тактикие, ки ин арзишҳоро вайрон месозанд, ба вуҷуд меорад.

Дигар паҳлӯи масъала ин истифодаи мафҳумҳои «ченак» ва ё «принсип» мебошад, ки дар илми криминалистика атрофи он баҳсу таҳлилҳо вуҷуд доранд. Аз ҷумла, Бабич В.А. андеша дорад, ки «мафҳумҳои «ченак» ва «принсип» якхелаанд, аз ин рӯ, мо метавонем дар бораи ченакҳо ё принсипҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо сухан ронем» [139, с. 11].

Ҳамчунин, дар мафҳумҳое, ки дар боло ишора намудем, худи мафҳуми «қобили қабул будан» аз нигоҳи баъзе олимон ҳамчун принсип баҳо дода

шудааст. Принсип ба сифати ғояи асосии тамоми соҳа истифода мешавад ва асосҳои аввалиндарача ва умумии қобили қабулро барои дилхоҳ соҳаи илм ва ё амалия муайян менамояд. Тамоми меъёрҳое, ки соҳаи илм ё амалия дорад, бояд ба як қатор принсипҳои муайян ҷавобгӯ бошанд. Дар мисоли ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ки дорои принсипҳои баамалбарории адолати судӣ, ҳифзи судӣ, қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, дахлнопазирии манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, баробари дар назди қонун ва суд мебошад.

Чунин алоқамандӣ асос дорад, зеро аз як тараф, ҳамаи ин ченакҳо бояд ба принсипҳои криминалистика ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгӯ бошанд. Ин принсипҳо дар навбати худ асос барои ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ баромад менамоянд.

Атрофи ин алоқамандӣ ва ё истифодаи ин падидаҳо Якушин С.Ю. тадқиқот гузаронида ба хулоса меояд, ки азбаски шартҳои умумии гузаронидани тафтишоти пешакӣ бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ вобастаанд, маҳз ҳамин принсипҳо хусусият ва моҳияти муқаррароти умумии тактикаи амалиёти тафтишотиро муайян мекунанд. Мафҳуми «тактикаи пешбурди амалҳои тафтишотӣ» муқаррароти ибтидоиро пешбинӣ мекунад, ки риояи онҳо ҳангоми истеҳсоли ҳар як амали тафтишотӣ ҳатмист. Бинобар ин, «маҷмуи ин муқаррароти ибтидоӣ принсипҳои тактикаи амалиёти тафтишотӣ мебошанд, ки риояи онҳо барои муфаттиш муҳим аст» [154, с. 41]. Принсипҳои тактикаи криминалистӣ бошанд, бояд ҳамчун як қисми низоми умумии принсипҳои криминалистика баррасӣ карда шаванд [25, с. 33].

Комарков В.С. принсипҳои зерини тактикаи криминалистиро ҷудо мекунад: «1) айнан мутобиқ будани тавсияҳои тактикӣ ба талаботи қонун ва муқаррароти этикаи касбӣ; 2) илман асоснок будани таҳия ва татбиқи тавсияҳои тактикӣ, мутобиқ будани дастовардҳои соҳаҳои гуногуни дониши

илмӣ ба ҳалли масъалаҳои тафтишот вобастабуда; 3) ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи пешқадами тафтишотӣ бо мақсади донистани усулҳои оқилонаи тафтишот; 4) интихоби озоди тавсияҳои тактикӣ ва ҳалли эҷодии вазифаҳои тафтишот бо воситаҳои гуногуни тактикаи криминалистӣ; 5) банақшагирии амалҳои хусусияти тактикидошта; 6) нақши ташкилкунанда ва идоракунанда доштани муфаттиш дар амалӣ намудани ҳамкорӣ бо иштирокчиёни амалиёти тафтишотӣ» [40, с. 14].

Дулов А.В. ва Нестеренко П.Д. бошанд, ба низоми принсипҳои тактикаи криминалистӣ иловатан инҳоро дохил менамоянд: «принсипи истифодаи ҳадди ниҳоии имкониятҳои омезиши яккасарӣ ва коллегиалӣ дар истеҳсоли ҳар як амали тафтишотӣ, принсипи омезиши оптималии амали тафтишотӣ бо чораҳои фаврии ҷустуҷӯӣ, принсипи фаъолияти доимии муфаттиш, принсипи ифшо накардан ва нигоҳ доштани ҳадди маълумоти мавҷуда ва принсипи динамикӣ» [32, с. 11-17].

Дар адабиёти илмии криминалистӣ қайд карда мешавад, ки қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ба он вобаста аст, ки онҳо бояд ба усулҳо ва шартҳои умумии истеҳсоли тафтишоти пешакӣ ва принсипҳои тактикаи криминалистӣ асос ёфта, дар асоси онҳо муайян карда шаванд. Ҳамзамон, ақидаи мазкурро Якушин С.Ю. ҷонибдорӣ намуда, иерархияи онҳоро чунин ифроз доштааст:

1. *Принсипҳои ҳуқуқи мурофиаи шуравӣ;*
2. *Шартҳои умумии истеҳсоли амалҳои тафтишотӣ;*
3. *Принсипҳои тактикаи криминалистӣ;*
4. *Ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ [98, с. 33].*

Таснифи пешниҳоднамудаи олими мазкур асос дошта, бештари муҳаққиқон ҳамин гуна андеша доранд. Ҳамзамон, олим таснифи худро зимни таҳлил ва омӯзиши асарҳои илмии криминалистони варзидаи шуравӣ анҷом додааст. Мо низ ҷонибдори ҳамин тасниф мебошем, зеро принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун замина ва роҳнамо баромад намуда, тамоми амалҳои тафтишотӣ ва шартҳои умумии он аз ҳамин принсипҳо сарчашма

мегиранд. Тактикаи криминалистӣ бошад, ҳамчун қисми асосии криминалистика ба ҳамин принсипҳо такя менамояд, вале, ҳамзамон, дорои принсипҳои мушаххаси худ мебошад, ки дар боло мо онҳоро ишора намудем. Усулҳои тактикӣ бошанд, як ҷузъи тактикаи криминалистиро ташкил медиҳанд, бинобар ин, ченакҳои қобили қабул будани ин усулҳо аз принсипҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ ва принсипҳои тактикаи криминалистӣ сарчашма мегиранд.

*Атрофи номгӯи ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ақидаҳо низ зиёд аст. Ба сифати ин ченакҳо инҳо баромад менамоянд:*

*1) мувофиқати дақиқи қабул ба рӯҳ ва ҳарфи қонун;*

*2) асоснокии илмии он;*

*3) мувофиқати қабул ба принсипҳои ахлоқи коммунистӣ.*

*Ин тақсимбандӣ пурра нест ва бояд қайд намоем, ки он дар асоси андешаҳои олимони криминалистикаи шуравӣ пешбарӣ шудааст.*

Ишенко Е.П. бошад, дар китоби худ атрофи усулҳои тактикӣ сухан ронда, вобаста ба ченакҳои қобили қабул будани онҳо бевосита ишора наменамояд, вале қайд мекунад, ки муфаттиш ҳангоми муайян кардани ҳолатҳои воқеии ҷинояти тафтишшаванда ҳуқуқ дорад танҳо он усулҳои тактикиеро, ки ба меъёрҳои илмӣ, қонунӣ ва ахлоқӣ ҷавобгӯ мебошанд, интихоб намояд [35, с. 175]. Аз андешаи олим бармеояд, ки ба сифати қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ин ченакҳои илмӣ, қонунӣ ва ахлоқӣ баромад менамоянд. Ин маънои риояи қатъии меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, талаботи ахлоқ ва асоснокии илмии тавсияҳои тактикии дар фаъолияти касбии онҳо татбиқшавандаро дорад. Албатта, мо низ андешаи олимро ҷонибдорӣ менамоем ва ҳамзамон, қайд менамоем, ки ин ченакҳо ё худ талабот заминаи асосӣ барои истифодаи тамоми усулҳои тактикӣ мебошанд, зеро дар қонунгузорӣ номгӯи усулҳои тактикӣ ва ё шаклҳои он номбар нашудаанд. Пас, дар амалия савол ба миён меояд, ки дар кадом ҳолат ва кадом намуд ё шакл усули тактикӣ истифода мешавад?

Муфаттиш дар рафти тафтишот метавонад аз дилхоҳ намуди усули тактикӣ истифода барад, вале талаботи асосӣ дар ин ҳолат ин танҳо ҷавобгӯ будан ба ченакҳои қонунӣ, илмӣ ва ахлоқӣ мебошад.

Гурӯҳи дигари олимон бошанд, ченакҳои илман асоснок, ба талаботи этикӣ ҷавобгӯ ва натиҷаовар буданро ишора менамоянд [46, с. 131-134]. Дар ин ҳолат, ба андешаи мо, ченаки натиҷаовар будан ин бештар ба фаъолияти амалӣ дахл дорад, зеро муфаттиш, таҳқиқбаранда ё эксперт мустақилона дар ҷараёни татфиш навъи усули тактикиро интихоб мекунанд ва дар он ҳолат усули тактикӣ мақсаднок диниста мешавад, ки агар ба он қувва, вақт, восита ва дигар натиҷаҳои зарурӣ дуруст равона шуда бошанд. Натиҷаовар будани усули тактикӣ аз натиҷаи тафтишот ва баҳодиҳии далелҳои бадастовардашуда вобаста мебошад.

Мувофиқи фикри Малютин М.П., «усули тактикӣ усули оқилтарин ва самараноки амали муфаттиш мебошад ва моҳияти асосии усулро бояд қонунӣ, илмӣ, ахлоқӣ, ба даст овардани донишҳои ҳақиқӣ, интихобӣ ва самаранок будан ташкил диҳад» [56, с. 17-18]. Олим дар фарқ аз дигарон на меъёрҳои қобили қабул будан, балки моҳияти асосиро истифода намудааст ва ба андешаи мо, дар таҳқиқоти олим онҳо ба як маъно фаҳмида мешаванд. Зеро олимони шуравӣ аломатҳои моҳиятии усули тактикиро бо ченакҳои қобили қабул будан монанд ё ҳаммаъно эътироф намудаанд. Ҳамзамон, дар ин асар дар фарқият аз дигарон, ченакҳои ба даст овардани донишҳои ҳақиқӣ, интихобӣ ва самаранок будан пешбинӣ гардидаанд.

Дар асарҳои Князков А.С. меъёрҳои қобили қабул будани усул хусусияти муайянкунандаи он мебошанд: усули тактикӣ ҳамчун «роҳи оқилона, қонунӣ ва ахлоқии таъсири илми криминалистӣ ба объектҳои моддӣ ва идеалӣ (ғайримоддӣ) мебошад, ки мақсади он тағйир додани ҳолати онҳо ва гирифтани маълумоте, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноят зарур аст» [11, с. 101]. Муаллиф барои усулҳои тактикӣ хусусиятҳои муайянкунандаи онҳоро истифода бурдааст ва онро ҳамчун роҳ ё равиши оқилона, қонунӣ ва ахлоқии илми криминалистика баҳо додааст.

Соколов А.Б. бошад, ченакҳои қобили қабул будани усули тактикиро қонунӣ, ахлоқӣ, асоснокии илмӣ, оқилона, самаранокӣ ва ба даст овардани дониши боэътимод мешуморад [124, с. 115].

Тибқи андешаи дигар, барои ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ин аломатҳои қонунӣ, илмӣ, бехатарӣ ва ахлоқӣ будан хос мебошад. Аммо ин мафҳумҳо, чун қоида, хусусияти субъективӣ доранд, ки дар амалия ихтилофҳоро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, «набудани меъёри дақиқи қобили қабул будани ин падида дар қонунгузорӣ баҳсҳои васеъро дар байни олимон ба вуҷуд меорад» [120, с. 222].

Глоба В.В. андешаи дигарро пешниҳод менамояд ва тибқи он «фаҳмиши қобили қабул будани усулҳои тактикии таҳиякардаи илми криминалистӣ бояд меъёрҳои ҳатмии зеринро дар бар гирад:

1) ҳуқуқӣ;

2) гносеологӣ;

3) вазъиятӣ-психологӣ» [106, с. 3].

Олим дар мақолаи хеш зери меъёри гносеологӣ низоми эмпирикии санҷидашудаи муайян кардани дурустии тарзи амал ё хатти рафтори муфаттишро дар назар дорад, ки дар тактикаи криминалистӣ асосан дар асоси дигар илмҳои ғайриҳуқуқӣ: психологияи шахсӣ ва иҷтимоӣ, мантиқи расмӣ, модели математикӣ, психологияи амалӣ сохта мешавад. Меъёри психологӣ бошад, «аз субъекти тафтишот талаб мекунад, ки усулҳо ва комбинатсияҳои тактикиро бо такя ба намуди психологии пурсишшаванда муқаррар, таҳия ва истифода барад» [106, с. 4].

Ҳамзамон, олими тоҷик Салимов Ҳ.С. як қатор талаботеро қайд намудааст, ки тарзҳои тактикӣ ё худ усулҳои тактикӣ бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд: «илман асоснокӣ; силсилаи мутаносиб доштан; хусусияти тавсиявӣ доштан; мувофиқат бо қонун; мутобиқат бо меъёрҳои ахлоқӣ; ба самаранокии истифодаи воситаҳои илмӣ – техникӣ мусоидаткунанда будан; қадру қимат, обрӯ ва эътибори шахсро паст назадан; боиси азоби ҷисмонӣ ё руҳии шахс нашудан; сабаби фиребу найранг нашудан» [72, с. 319-320].

Ҳамзамон, муаллифи дигар қонунӣ будан, асоснокии илмӣ, ахлоқӣ, интихобии таъсир, самаранокии амалиро ченакҳои умумиэътирофшудаи қобили қабул будани усулҳои тактикӣ мешуморанд [111, с. 96].

Ҳамин тавр дар асоси тамоми таҳлилҳои ақидаҳои олимон ба хулосае меоем, ки ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ин шароит ва ё ҳолатҳое мебошанд, ки истифодаи усулҳои тактикӣ бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошанд. Ин шароит ва ҳолатҳо бошанд, ба принсипҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва принсипҳои тактикаи криминалистӣ такя менамоянд. Ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикиро қонунӣ будан, ахлоқӣ ва илман асоснок ташкил менамоянд.

Ченаки қонунӣ будан дар он ифода меёбад, ки дилхоҳ амал ва ё рафтор бояд ба талаботи қонун ҷавобгӯ бошад, принсипҳои қонунгузориро вайрон насозад ва ҳуқуқу озодиҳои шахсро поймол накунад. Вобаста ба усулҳои тактикӣ низ ҳамин меъёрҳо татбиқ мешаванд ва бояд онҳо дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва дигар талабот ҷавобгӯ бошанд. Дар рафти таҳқиқ ва тафтишот номгӯи зиёди чорабиниҳои тафтишӣ, доираи васеи техникаи криминалистӣ ва усулҳои гуногуни тактикӣ истифода мешаванд ва дар ҳар ҳолат муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ё эксперт бояд дар доираи салоҳият ва талаботи қонун рафтор намояд.

Олимони тоҷик чунин мешуморанд, ки «вақте ки сухан дар бораи қонунӣ будани усули тактикӣ меравад, ақидаҳои зеринро бояд ба инобат гирифт. Баъзе усулҳо дар қонуни мурофиавӣ бевосита номбар шудаанд, ки чунин нишондодҳо хусусияти ҳатмӣ будан ва алтенативиро доранд. Ҳамин тавр, қонун ба субъектони шинохташаванда имконият медиҳад, ки дилхоҳ ҷойро дар байни шаҳрвандони интихобшуда ишғол намоянд. Чунин усули тактикӣ, ки ба таъмини натиҷаҳои объективӣ ва шинохтан нигаронида шудааст, бояд ҳатман истифода шавад, дар акси ҳол, натиҷаҳои шинохтани шахс аҳаммияти исботкунандаи худро гум мекунанд. Пас, дар ин ҷо саволе ба миён меояд: чӣ тавр бояд қонунӣ будани усулҳои тактикиро муайян кард, агар он ҳатто дар санадҳои зерқонунӣ низ зикр нагардида бошад? «Ҳамон

усули тактикие қонунӣ буда метавонад, ки истифодаи он бояд ба шуур, ба меъёрҳои қонун ва меъёрҳои ахлоқӣ зид набошад» [72, с. 331-332].

Ба андешаи Хаметова А.Р., қонуният ин мувофиқати алгоритми амалҳои татбиқшавандаи ҳуқуқро ба ҳарфи қонун ифода мекунад, ғайр аз ин, далелҳои бо усулҳои хилофи қонун ҷамъоваришуда ғайриқобили қабул ҳисобида мешаванд, ки кӯшишҳои татбиққунандаи ҳуқуқро ба сифр мерасонад. Аз ин рӯ, «қонуният аломати муҳимми ахлоқӣ ва прагматикии усули тактикӣ ба шумор меравад» [128, с. 190].

Албатта, дар қонунгузории мурофиавӣ зикр нагардидани меъёрҳои мушаххас атрофи истифодабарии усулҳои тактикӣ маънои онро надорад, ки меъёрҳои пешгирикунанда вобаста ба ин ҳолат вуҷуд надорад. Ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар байналмилалӣ меъёрҳои дахлдори маҳдудкунанда ва заминавӣ атрофи онҳо вуҷуд доранд. Хусусан Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конвенсияи СММ бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ҷазо дорои меъёрҳои алоҳидаи маҳдудкунанда мебошанд, ки истифодаи таҳқир, муносибатҳои бераҳмона, вайронкунандаи шаъну шараф ва поймолкунандаи ҳуқуқро манъ месозанд. Чунин меъёрҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки ба ҳама намуди ҳаракатҳои тафтишотӣ, тактикаҳои криминалистӣ, экспертизаҳои судӣ, криминалистӣ ва усулҳои тактикӣ ҳамчун меъёри заминавӣ баромад менамоянд.

Вайрон намудани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ба вайрон сохтани ҳуқуқҳои иштирокчиёни ҷараёни тафтишот оварда мерасонад, далелҳои бадастовардашуда, хулосаҳои экспертиза, натиҷаҳои ҳаракатҳои тафтишотӣ ва тарзи истифодабарии усулҳои тактикиро зери шубҳа гузошта, ба бекор кардани онҳо асос мешаванд.

Ченаки дигари муҳимми умумиэътирофшудаи усули тактикӣ ин ченаки ахлоқӣ ё этикӣ мебошад, ки табиати ин падида нозук буда, дарк намудани он дар рафти амалҳои тафтишӣ каме мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад. Зери худи

этика ин эҳтиром гузоштан ба якдигар, эҳсоси хушмуомилагӣ, таҳаммулпазирӣ, тобовар будан, муносибати нағз намудан мебошад. Вале на ҳамаи ин аломатҳоро дар амалия татбиқ намудан имкон дорад, зеро ҷараёни тафтишот ва шумораи зиёди субъектони он, гузаронидани амалҳои гуногуни тафтишӣ, хусусан пурсиши тарафҳо, додани нишондод талаб менамоянд, ки таҳқиқбаранда ё муфаттиш тарзи гуфтушунид, пурсиш ва гузоштани саволҳоро дошта бошад ва ӯ имкон надорад, ки дар ҳама ҳолат хушмуомила ва ё дар муносибати баробарӣ бошад. Чи гуна, ки Хаметова А.Р. ишора менамояд «дар заминаи амалияи татбиқи ҳуқуқ, мафҳуми ахлоқиро танҳо ба эҳтироми шаъну шарафи шаҳрвандон ва риояи дигар меъёрҳои конститутсионӣ фаҳмидан мақсаднок аст» [128, с. 191].

Ченаки ахлоқӣ дар риоя намудани талаботҳои этикаи касбии фаъолият аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда, эксперт ва дигар шахсон арзёбӣ мегардад. Дар адабиёти соҳавии ватанӣ қайд шудааст, ки «усули ахлоқӣ чун шароити истифодаи он метавонад умумӣ, баробар барои ҳамаи ҳолатҳо ва махсус, ки ҳолати муайяни дар рафти тафтишот ба амал омада бошад. Вале ҳеҷ гоҳ бояд истифодаи усули тактикӣ шаъни иштирокчиёни амали тафтиширо паст назанад ё таҳқир нанамояд» [72, с. 332].

Ченаки дигар ин асоснокии илмӣ мебошад. Имконияти истифодабарии усули тактикӣ на танҳо аз қонунӣ будан, балки аз асоснокии илмии он, ки кафолати дурустии натиҷаҳои бадастомада мебошанд, вобаста аст.

Зери асоснокии илмии усулҳои тактикӣ инҳо фаҳмида мешаванд: а) илмӣ будани усул аз рӯи манбаи пайдоиш (натиҷаи таҳияи илмӣ) ё аз рӯи воситаи санҷиш (санҷиши илмии тавсияҳои амалия); б) мувофиқ будани усули тактикӣ ба тасаввуроти муосири илмӣ, ҳолати муосири тактикаи криминалистӣ ё ҳолати он илмҳое, ки тактика аз онҳо муқаррароти асосноккунандаи усулро гирифтааст (психология, забоншиносӣ, информатика); в) имконияти пешбинии илмии натиҷаҳои истифодаи усули тактикӣ ва муайян кардани дараҷаи дақиқии ин натиҷаҳо; г) имконияти

пешакӣ муайян кардани шароити беҳтарини истифодаи усули тактикӣ [46, с. 132].

Бо меъёрҳои пешбинишуда розӣ мебошем, зеро комилан асоснок мебошанд. Усулҳои тактикӣ бояд аз рӯи пайдоиш ба илм мувофиқ бошанд, яъне, заминаи онро бояд илми дахлдор ташкил намояд ё аз он сарчашма гирад. Мувофиқ будани усули тактикӣ ба тасаввуроти муосири илмӣ, бешак, ба рушди илмҳо, хусусан дақиқ рабт дорад ва меъёрҳои гуногуни онҳоро истифода менамояд. Хусусан дар рафти исбот, гузаронидани экспертизаҳои судӣ, психологӣ, истифодаи методҳои техникӣ-криминалистӣ ба мисли одорологӣ (буйшиносӣ), аксҳо ва видеоҳо, аксбардорӣ, муайян кардани шахс аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ ё ин ки таҳқиқи ҳуҷҷатҳо, забони хаттӣ, объектҳои трасология (изшиносӣ), баллистика (силоҳшиносӣ) ва гузаронидани дигар ҳаракатҳои тафтишӣ дар асоси илмҳои гуногун ба роҳ монда мешаванд. Сабаб дар он мебошад, ки танҳо худи илми криминалистика ё як илм қодир нест, ки тамоми ҳолатро мушаххас созад.

Чи тавре, ки дар боло андешаҳои олимонро пешкаш намудем, баъзе аз онҳо ченакҳои асоснокии илмӣ, оқилона, самаранокӣ ва ба даст овардани дониши боэътимодро нишон додаанд. Ба фикри мо, ин ченакҳо бо ҳам алоқаманд буда, маънои илман асоснокро инъикос менамоянд, зеро ҳамаи онҳо ба натиҷаҳои илмӣ вобаста буда, мақсади онҳо ба даст овардани натиҷаи боэътимод ва самаранок мебошад, ки танҳо дар заминаи истифодаи донишҳои соҳаҳои гуногуни илм ба роҳ мондан мумкин аст.

Ҳамзамон, Хаметова А.Р. чунин андешаи монанд дошта, иброз намудааст, ки «агар дар бораи меъёрҳои асоснокии илмӣ, оқилӣ, самаранокӣ ва натиҷагирии дониши боэътимод сухан ронем, бояд қайд кард, ки татбиқи усули тактикӣ бояд дар заминаи тасаввуроти муосири илмӣ ва тактикаи криминалистӣ, бо назардошти самаранокии пешбинишудаи онҳо амалӣ карда шавад» [128, с. 191].

Илман асоснок будан дар он ифода меёбад, ки дар раванди истифодаи техникаи криминалистӣ, таъйин намудани экспертизаҳои гуногун ва усулҳои

тактикӣ аз доираи васеи илмҳои гуногун, ба монанди психология, мантиқ, илмҳои физика, химия, биология, информатика истифода мешаванд. Дар параграфҳои боло мо атрофи нақши соҳаҳои гуногуни илм ҳамчун заминаҳои методологӣ ва алоқамандии онҳо бо криминалистика таҳқиқот намудем. Зеро дар рафти таъйин намудани экспертизаҳои гуногун, аз қабили балистика, трасологӣ, дактилоскопӣ барои муайян кардани изи ангуштон, пой, ҳолати предмет, ранг, санҷиши ҳақиқӣ будани маълумот аз сарчашмаҳои интернетӣ ва ғайра ё ин ки, дар ҷараёни ҳаракатҳои тафтишӣ ба монанди пурсиш, ба роҳ мондани алоқаи психологӣ бо иштирокчиёни раванди тафтишот, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҷамъоварии далелҳо ва дигар ҳолатҳо танҳо ба як илми криминалистика такя намудан ғайриимкон аст. Барои ошкор кардан ва баҳои дурусти далелҳо аз дигар илмҳо истифода бурда мешавад.

Мисол, ҳангоми аксбардорӣ, криминалист ва ё мутахассис аз нурҳои ноаёни спектр истифода мебарад, ё ҳангоми сабти видеоии ҷараёни амалиёти тафтишотӣ, таҳлили аксҳои гуногуни ҷинояткор, хондани матни ҳуҷҷат такя ба илмҳои информатика, физика, биология ва забон карда мешавад. Ҳар як методи истифодашуда дар умум бо як ё ду илми соҳаҳои гуногун алоқамандӣ дорад ва дар якҷоягӣ истифода намудани дастовардҳои онҳо имкони ошкор кардани ҷиноят вуҷуд дорад. Инчунин, дар замони муосир бо суръати баланд илмҳои техникӣ рушд карда истодаанд. Ҷинояткорон ин технологияҳои муосирро барои пинҳон кардани шахсияти хеш, ҷои содиршавии ҷиноят, намондани изи даст ё пой истифода мебаранд. Бинобар ин, криминалистика низ бояд аз омӯзиш ва ҳамкорӣ бо илмҳои техникии рушдёфта даст накашад ва дар ҳамоҳангӣ барои ошкор кардани ҷиноятҳо саҳми назаррас доранд.

Ё ин ки донистани илми психология ва мантиқ барои субъектони тафтишот бисёр муҳим мебошад. Дар рафти гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ, ба монанди пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳидон, дар рафти рӯбарӯкунӣ имконияти истифодаи усули тактикии «домҳои психологӣ» ё ҳилаҳои психологӣ ҷой доранд. Дар ин ҳолат муфаттиш ё таҳқиқбаранда аз ин усулҳои тактикӣ истифода намуда, иштирокчиёни

раванди тафтишотро водор месозад, ки маълумоти заруриро ба ӯ диҳанд, яъне, тавассути ин усулҳо вазъияти сунъие ба роҳ монда мешавад, ки айбдоршаванда, шоҳид ва дигарон ба он ворид мешаванд ва маълумоти лозимаро вобаста ба парванда пешниҳод менамоянд.

Албатта, ҳангоми гузаронидани ҳаракатҳои тафтишӣ бояд талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби муфаттиш, криминалист, таҳқиқбаранда, мутахассис вайрон нагардад ва иштирокчиёни ҷараёни тафтишот бояд маҷбурӣ ё бо роҳи зурӣ ба он ҷалб нашаванд. Мақсади асосии ин усулҳо аз он иборат аст, ки ҳангоми аз додани нишондод даст кашидани иштирокчиён ё худдорӣ намудан аз он, ин аз ҷониби субъектони тафтишот ба вуҷуд овардани вазъияте мебошад, ки ба он тарафҳо бе ягон вайрон гаштани меъёрҳои қонунгузорӣ ворид мегарданд. Яъне, бо истифодаи илмҳои психология, мантиқ субъектони тафтишот аз усулҳои тактикӣ истифода намуда, ба иштирокчиёни раванди тафтишот таъсир мерасонанд ва онҳоро водор месозанд, ки ҳақиқатро вобаста ба ҳодисаи ҷиноят баён намоянд.

Истифодаи усулҳои тактикӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ бо иҷрои талабот алоқаманд аст, ки муҳимтарини онҳо қобили қабул будан ё худ ҷоизии истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Бедризов А.Г. пешкаш менамояд, ки бояд меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ атрофи як қатор усулҳо ва амалҳои ғайриқобили қабул аз ҷониби муфаттиш ҷорӣ карда шавад, ки бо инҳо алоқамананд:

- зӯроварӣ ё таҳдидҳои зӯроварӣ, иръоб, расонидани ранҷу азобҳои ахлоқӣ ва фиреб;

- аз ноогоҳии шахс дар масъалаҳои марбут ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ истифода бурдан;

- амалҳое, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мухолифанд ва шаъну шарафи инсонро паст мезананд;

- бо истифода аз вобастагии машруботӣ ва нашъамандии шоҳид бозпурсӣ намудан;

- бо истифода аз далелҳои қалбакӣ [104, с. 126].

Ҳарчанде, ки муаллиф дар ин ҷо дар бораи ворид намудани талаботи махсус вобаста ба истифодабарии зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, иръоб ва расонидани ранҷу азобҳои ахлоқӣ ва фиреб гуфта гузаштааст, вале бояд қайд намуд, ки муаллиф доираи васеи масъалаҳоеро қайд кардааст, ки имконият ва зарурати дар қонунгузории мурофиавӣ ҷойнамуда онҳо мавҷуд нест. Зеро қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ рафти пешбурди тафтиши пешакӣ, таҳқиқ ва пешбурди судии парвандаро танзим менамояд. Истифодаи зуроварӣ, таҳдиди истифодаи он, ранҷу азоби ҷисмонӣ ва руҳӣ бошад аллакай, моддаи алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ бо номи «шиканҷа» мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин кирдор муқаррар намудааст.

Таъмини ҳимоя ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда ва судшаванда худ аз худ имконияти аз ноогоҳии иштирокчиёни мурофиаи судӣ истифодабарии муфаттиш ё таҳқиқбарандаро истисно менамояд. Инчунин, ченаки асосии истифодабарии усулҳои тактикӣ ин ахлоқӣ будан ва яке аз принсипҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ ин паст назадани обрӯ ва эътибори шахс мебошад. На танҳо истифодабарӣ, балки сохтани далелҳои умуман қалбакӣ худ ҷиноят мебошад ва инчунин, додани нишондоди бардурӯғ низ ҷиноят буда, қонунгузории ҷиноятӣ муфаттиш, таҳқиқбаранда ва судро аз маҷбур намудани иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба додани нишондод таҳти татбиқи ҷазо манъ кардааст.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло анҷомдодашуда мо хулоса менамоем, ки дар адабиёти илмии криминалистӣ миёни олимону муҳаққиқон оид ба як қатор паҳлӯҳои усулҳои тактикӣ ва ченакҳои қобили қабул будани он баҳсҳо ҷой доранд.

Аз ҷумла, оид ба мафҳумҳои «ченакҳои қобили қабул будан» ва «маҳдудиятҳои қобили қабул будан» андешаҳо гуногун мебошанд. Аксари олимон ҷонибдори «ченакҳои қобили қабул будан» мебошанд, зеро маҳдудиятҳо танҳо меъёрҳои манъкунандаро дар ин шакли амал нишон медиҳанд. Ченак бошад, аломатест, ки дар асоси он дилхоҳ амал ё фаъолият

баҳо дода мешавад ва ё муйян карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи усулҳои тактикӣ мафҳуми «Ченак», яъне ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои такикӣ ҷонибдорӣ карда мешавад.

Дигар паҳлӯи масъала ин истифодабарии мафҳуми «ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ» ё «принсипҳои қобили қабул будан»-и усулҳои тактикӣ мебошад. Ҳангоми тавсиф додани мафҳуми «қобили қабул» будан баъзе олимон онро ҳамчун принсипи истифодаи усулҳо ва тавсияҳои тактикӣ баҳо додаанд. Ин ишора ба он аст, ки ченак як ҷузъи принсип мебошад. Ё ин ки, аз таҳлилҳои анҷомдода бармеояд, ки гурӯҳи дигари олимон ин ду мафҳумро якхела баҳо додаанд ва мо, метавонем дар бораи ченакҳо ё принсипҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо сухан ронем. Ба андешаи мо, қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ба он вобаста аст, ки онҳо бояд ба усулҳо ва шартҳои умумии истеҳсоли тафтишоти пешакӣ ва принсипҳои тактикаи криминалистӣ асос ёфта, дар асоси онҳо муайян карда шаванд. Бояд қайд кард, ки ин принсипҳо шакли мушаххаси фаъолиятро муайян намуда, принсипҳои умумиро инъикос менамоянд. Бинобар ин, принсипҳои тактикаи истеҳсоли амалҳои мурофиавӣ ба принсипҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ асос ёфтаанд. Функсияи принсипҳои тактикаи криминалистӣ бошанд, ин аз фароҳам овардани шароит барои таҳияи тартиби умумии истеҳсоли амалҳои тафтишотӣ иборат буда, мақсади он ноил шудан ба ҳадафҳои тафтишот мебошад. Он бояд дар доираи риояи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ асос ёфта, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро поймол насозад.

Вале бояд қайд кард, ки на ҳамаи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо тафтишоти пешакӣ ва усулҳои тактикӣ алоқаманд мебошанд. Танҳо принсипҳои қонуният, пурра, ҳамаҷониба ва ҳолисона таҳқиқи ҳолатҳои парванда, принсипи таъмини ҳуқуқҳои тарафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ва ғайра ба усулҳои тактикӣ алоқаманд буда метавонанд.

Ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ бояд дар асоси ҳамин принсипҳо тартиб дода шаванд ва онҳо дар алоқамандӣ бо якдигар қарор доранд, зеро ҳангоми риоя накардани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ ба он оварда мерасонад, ки ин усулҳо бо вайрон намудани принсипҳои асосии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ гардида, ҳаракати тафтишотӣ ё судии гузаронидашуда бо вайрон намудани талаботи қонун гузаронида шуда, далелҳои бо ин ҳаракатҳо дастрасгардида низ дар навбати худ далелҳои бо роҳи вайрон намудани қонунгузорӣ бадастовардашуда эътироф мегарданд. Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавӣ, далелҳое, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда мешаванд, ҳамчун далел эътироф намегарданд ва асос барои исботнамоӣ намешаванд. Ҳамин тариқ, вайрон намудани ченакҳо ё яке аз принсипҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ на танҳо тамоми ҳаракатҳои анҷомдодашуда ва далелҳои бадастовардашударо беаҳаммият менамояд, балки аксар вақт метавонад, ин далел ва ҳаракатҳои гузаронидашуда ягона роҳи исбот бошанд, ки алакай, бо вайронкунии қонунгузории мурофиавӣ гузаронида шуда, ба даст оварда шудаанд.

Ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо хеле мураккаб буда, аз таҳқиқбаранда, муфаттиш ва судя дониш ва маҳоратро талаб менамояд. Зимни тафтишот муфаттиш аз роҳу воситаҳои гуногун ва тактикаҳои криминалистӣ истифода менамояд, то ки далелҳои заруриро дарёфт намоянд. Дар ин ҷараён муфаттиш дар доираи пурсиш, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо, барқарор намудани робитаи психологӣ бо иштирокчиёни ҷараёни тафтишот, хусусан бо гумонбаршаванда, айбдоршаванда, бартараф намудани тамоми монеаҳои пайдошуда, ба ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар шахсон кӯмак расонидан, барои ба ёд овардани ҳолати содиршавии ҷиноят, далелҳои фаромӯшшуда, муқоиса намудани далелҳо, ба экспертиза равон кардани из ва ё дигар далелҳо ва ғайра аз доираи васеи усулҳои тактикӣ истифода менамояд. Муфаттиш намуди мушаххаси усули тактикиро вобаста ба ҳолат ва сатҳи тафтишот,

ҳолати руҳию психологии шахси гунаҳгор, ҷабрдида, шоҳид ва дигар ҳолатҳо интихоб менамояд.

Мисол, ҳангоме ки гумонбаршуда ё худ айбдоршаванда нишондоди бардурӯғ медиҳад ё аз додани нишондод даст мекашад, дар ин ҳолат муфаттиш усули тактикиро интихоб намуда, ҳолатро иваз менамояд, масалан, дар рафти пурсиш вонамуд месозад, ки аллакай маълумоти заруриро оид ба рафти содиршавии ҷиноят дорад, шоҳидони заруриро дарёфт намудааст, ки содир шудани ҷиноятро дидаанд ё ин ки тавассути камераҳои назоратӣ ҳолати содир гардидани ҷиноят сабт гардидааст. Бо истифодаи чунин усули тактикӣ муфаттиш вонамуд месозад, ки аллакай далелҳои заруриро ёфтааст. Ё ин ки, муфаттиш ҳолатеро ба вуҷуд меорад, ки шахси гунаҳгор зуд бо дигар иштирокчиёни ҷиноят ба алоқа мебарояд, кӯшиши онҳоро ёфтан мекунад ё аз паси пинҳон намудани изҳо, далелҳо ва предмети ҷиноят мешавад ва бо истифода аз ин ҳолат муфаттиш пинҳонӣ метавонад аз паси шахси ҷинояткор назорат намояд, ки ин ба сифати усули тактикӣ баромад менамояд.

Ҷараёни ошкор намудани ҷиноят душвор аст ва муфаттиш дар ин раванд метавонад аз доираи васеи усулҳои тактикӣ  истифода намояд. Чуноне ки мо қайд намуда будем, навъ ва ё шаклҳои усулҳои тактикиро қонунгузор қисман муайян кардааст ва доираи онҳо низ хеле васеъ мебошанд. Муфаттиш ё таҳқиқбаранда усулҳои тактикиро мустақилона дар асоси дониш, малака ва маҳорати касбии худ муайян намуда, дар рафти фаъолият онҳоро истифода мебарад. Аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ ишора намудани онҳо мураккаб аст ва онҳо дар рафти амалия ҳангоми банақшагирӣ ва ҷараёни исбот муаяйн мегарданд. Дар ин ҳолат ба сифати меъёри асосӣ маҳз ченакҳои қобили қабул будани ин усулҳои тактикӣ баромад менамоянд. Яъне, доираи ин усулҳо хеле васеъ буда, дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудаанд ва қонунгузорӣ низ истифодаи онҳоро манъ накардааст ва талаботи асосӣ дар ин ҷо ин ба ченакҳои муайян ҷавобгӯ будан мебошад.

Зери мафҳуми «қобил қабул будан», ин ҷамъоварии маълумот аз сарчашмаҳои қонунӣ ва татбиқ намудани онҳо дар доираи қонунгузории мурофиавӣ аз ҷониби шахсони салоҳиятдор фаҳмида мешавад. Ба сифати ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ бошанд, ин қонунӣ будан, илман асоснок ва ба талаботи ахлоқӣ ҷавобгӯ будан баромад менамоянд. Дигар ченакҳои дар илм мавҷудбуда, ба монанди натиҷаовар ва самаранок будан, бехатар будан, оқилона, интихобӣ, гнесологӣ ва ғайра ба сифати ченакҳои дуюмдараҷа баромад менамоянд ва агар мо ба моҳияти онҳо низ диққат диҳем, пас, онҳо давоми мантиқии ченакҳои асосӣ: қонунӣ, илмӣ ва ахлоқӣ мебошанд ва маҳз ба онҳо ишора менамоянд.

# БОБИ 3. УСУЛҲОИ ТАКТИКӢ ВА ТАКТИКӢ-ТЕХНИКИИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА АМАЛИШАВИИ ҚАРОРҲОИ МУФАТТИШ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

## 3.1. Таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ ҳамчун категорияҳои асосии тактикаи криминалистӣ

Усули тактикӣ натиҷаи омӯзиши илмии фаъолияти тафтишотӣ буда, тарзи асоснокшудаи амалҳои касбии муфаттишро ифода менамояд. Он дар асоси таҳлили амалияи тафтишотӣ, таҷрибаи ҷамъшудаи тафтиши ҷиноятҳо ва тавсияҳои илмӣ ташаккул меёбад. Усули тактикӣ тасодуфан ба вуҷуд намеояд, балки дар ҷараёни омӯзиши қонуниятҳои тафтиши ҷиноятҳо коркард гардида, ҳолатҳои маъмултарини тафтишотӣ ва роҳҳои ҳалли онҳоро инъикос менамояд.

Усули тактикӣ воситае мебошад, ки вазифаҳои мушаххасро ҳал менамояд, зеро он аз назарияи илмӣ ба фаъолияти амалӣ табдил ёфтааст. Аҳаммияти он дар таъмини самаранокии амалҳои тафтишотӣ, беҳтар намудани рафтори мурофиавии субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои маърифатии тафтишот зоҳир мегардад ва он бояд бо риояи қатъии талаботи қонуният ва қобили қабул будани далелҳо амалӣ карда шавад.

Дар сохтори тактикаи криминалистӣ аз ҷиҳати назариявӣ дарк кардани мафҳуми усули тактикӣ ҳамчун бахши илми криминалистика мавқеи марказӣ дорад. Тавре ки Комиссаров В.И. қайд намудааст, барои муайян намудани предмети тактикаи тафтишотӣ, дуруст ва аз ҷиҳати консептуалӣ асоснок муайян намудани моҳияти усули тактикӣ аҳаммияти хос дорад. Мазмуни ин мафҳум «на танҳо аҳаммияти назарияи илмӣ дорад, балки ба ташкили амалии тафтиши ҷиноятҳо низ алоқаманд мебошад» [49, с. 49-50]. Ба ибораи дигар, мафҳуми «усули тактикӣ» вазифаи системасозиро иҷро намуда, ҳудудҳои таҳлили илмӣ, самтгириҳои методологӣ ва хусусияти тавсияҳои амалиро пешакӣ муайян менамояд.

Дар адабиёти илмӣ оид ба тафсири мавзуи баррасишаванда ягонагӣ вуҷуд надорад. Муҳаққиқон тафсирҳои гуногун пешниҳод мекунанд, ки ин аз мураккабӣ ва гуногунҷанба будани ин падида шаҳодат медиҳад. Дар маҷмуъ, ду самти мустақили бунёдиро метавонем ҷудо намоем, ки онҳо аз рӯи асосҳои ибтидоии методологӣ ва фаҳмиши моҳияти тактикаи тафтишотӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Намояндагони рӯйкардҳои якум, дар асоси муқаррароти ибтидоии методологӣ, қайд менамоянд, ки дар усули тактикӣ тавсияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудае мебошад, ки доираи криминалистика таҳия гардида, барои истифода аз ҷониби муфаттиш дар ҷараёни тафтишот пешбинӣ шудааст [71], [115], [96], [80]. Тавре ки дар фаслҳои қаблӣ қайд гардид, дар доираи ин мавқеъ диққати асосӣ ба хусусияти меъёриву тавсиявии тактика, табиати назариявии он ва такя ба натиҷаҳои таҳлили илмии амалияи тафтишотӣ равона мегардад.

Усули тактикӣ дар ин ҷо ҳамчун натиҷаи ҷамъбасти маводди амалӣ, таҳлилу баррасии он ва мафҳумсозӣ дар шакли қолаб ё намунаи рафтор фаҳмида мешавад, ки барои истифода ҳангоми ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо пешбинӣ гардидааст. Чунин фаҳмиш мақоми илмии тактикаи криминалистиро қайд намуда, робитаи онро бо назарияи умумии даркнамоӣ, мантиқ, психология ва дигар фанҳое, ки заминаи методологии тафтишотро ташаккул медиҳанд, инъикос менамояд.

Дар доираи самти мазкур усули тактикӣ ба таври табиӣ, худ ба худ ташаккул наёфтааст, балки маҳсули фаъолияти зеҳнӣ мебошад ва ба баланд бардоштани самаранокии амалҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад. Он дар асоси рӯйкардҳои илмӣ баррасӣ гардида, ба талаботи қонуният, асоснокӣ ва такроршавӣ мутобиқ мебошад. Бинобар ин, тактикаи тафтишотӣ як ҷузъи таълимоти криминалистика буда, тавсияҳои дар натиҷаи он бадастомада дорои хусусияти объективӣ ва низомнок мебошанд.

Рӯйкарди дигари консептуалӣ ба самти дуюм хос буда, намояндагони он моҳияти усули тактикиро, пеш аз ҳама, бо фаъолияти амалии муфаттиш

алоқаманд меҳисобанд [143], [153]. Дар доираи равиши мазкур, усули тактикӣ ҳамчун роҳи аз ҳама оқилона, мувофиқ ва самараноки амал ё хатти рафтори субъекти тафтишот дар вазъияти мушаххаси тафтишотӣ муайян мегардад. Дар ин ҷо диққати асосӣ на он қадар ба худи усули тактикӣ ҳамчун тавсияи илмӣ, балки бештар ба рафтори воқеии муфаттиш дода мешавад, ки чунин ҳолат дар шароити тағйирёбанда ва мураккаби раванди тафтишот ба вуҷуд меояд. Тарафдорони рӯйкарди мазкур дар он ақидаанд, ки усули тактикӣ вобаста ба вазъияти мушаххаси тафтишотӣ ташаккул ёфта, татбиқ мегардад.

Интихоби он аз ҳолатҳои парванда, хусусиятҳои иштирокчиёни мурофиа, далелҳои мавҷуда ва дигар омилҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, усули тактикӣ ҳамчун категорияи амалӣ фаҳмида мешавад, ки тарзи фардии ноил шудан ба мақсади мурофиавиро инъикос мекунад. Дар асоси ин равиш ба тағйирпазирӣ, мутобиқшавӣ ва вобастагии ҳолатии амалҳои муфаттиш аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Фарқиятҳо байни самтҳои зикршуда дар бисёр ҷиҳатҳо бо фаҳмиши гуногуни манбаъҳои таҳия ва пайдоиши тактикаи тафтишотӣ шарҳ дода мешаванд. Дар ҳолати якум ба сифати чунин сарчашма асосан илм эътироф мегардад, ки маводи эмпирикиро таҳлил ва такмил медиҳад. Дар ҳолати дуюм бошад, афзалият ба амалияи тафтишотӣ ҳамчун пояи ибтидоии ташаккули усулҳои тактикӣ дода мешавад. Мутаносибан, равиши якум хусусияти илмӣ ва низомнокии тактикаро ифода менамояд, дар ҳолате ки равиши дуюм хусусияти амалӣ ва фаъолияти онро инъикос мекунад.

Бо вуҷуди ин, муқоисаи муқобилии мавқеъҳои зикршуда то андозае хусусияти шартӣ дорад. Тавре ки Қобилов Б.К. қайд менамояд, «рушди муосири илми криминалистика нишон медиҳад, ки усули тактикӣ бояд ба таври комплексӣ баррасӣ гардида, на танҳо ҳамчун тавсияи илмӣ, балки ҳамчун тарзи амалии фаъолият ҳангоми тафтишоти ҷиноятҳо ифода шавад» [49, с. 142]. Усули тактикӣ бояд, ҳамзамон, ҳамчун натиҷаи дарки илмии амалияи тафтишотӣ ва ҳамчун тарзи мушаххаси амалҳое, ки аз ҷониби

субъекти тафтишот дар вазъияти муайяни мурофиавӣ амалӣ мегарданд, баррасӣ карда шавад. Агар назарияи илмӣ бо амалия алоқаманд набошад, он аҳаммияти худро гум мекунад. Ҳамзамон, амалия бе равиши илмӣ ба маҷмуи қарорҳои тасодуфӣ ва на ҳамеша бо ҳам алоқаманд табдил меёбад.

Аввалин равише, ки дар адабиёти илмӣ барои муайян кардани моҳияти усули тактикӣ пешниҳод шудааст, одатан эътирозҳои ҷиддӣ ба миён намеорад ва аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун аз лиҳози методологӣ асоснок эътироф мегардад. Он дар чизе асос меёбад, ки усули тактикӣ ҳамчун тавсияе, ки аз ҷиҳати илмӣ таҳия гардида, дар амалия санҷида шудааст, эътироф мешавад ва ба беҳтарсозии фаъолияти тафтишотӣ дар вазъияти мушаххаси тафтишотӣ равона мегардад. Тарафдорони мавқеи мазкур дар он ақидаанд, ки усули тактикӣ бояд ба талаботи қонун асос ёфта, қонуниятҳои умумии тафтиши ҷиноятҳоро ба инобат гирад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо риояи қоидаҳои ахлоқи касбӣ равона карда шавад.

Ҳамзамон, фаҳмиши усули тактикӣ ҳамчун тарзи амал ё хатти муайяни рафтори муфаттиш ба мавзуи баҳсҳои илмӣ табдил ёфтааст. Баъзе муҳаққиқон қайд менамоянд, ки шарҳи аз ҳад васеи ин мафҳум ва мансуб донистани ҳар гуна амалҳои муфаттиш ба он, метавонад боиси омехта гардидани муқарраротои илмии тактикаи криминалистӣ бо фаъолияти амалии муфаттиш гардад. Аз ин рӯ, савол ба миён меояд, ки усули тактикӣ ҳамчун категорияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда аз амалҳои мушаххаси муфаттиш дар вазъияти муайяни тафтишотӣ бо чӣ фарқ мекунад.

Комиссаров В.И. қайд менамояд, ки «баҳснок будани масъалаи баррасишаванда, ҳамзамон, ба он вобаста аст, ки як қатор криминалистҳо кӯшиш менамоянд мазмун ва самаранокии усулҳои тактикиро асосан тавассути таҳлили мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи тафтишотӣ ошкор созанд» [42, с. 49-50]. Чунин равиши эмпирикӣ, бешубҳа, арзиши тасвирӣ дорад, аммо он аксар вақт ба чунин тасаввурот меорад, ки гӯё усули тактикӣ тарзи ягона ва такрорнашавандаи амал буда, танҳо дар шароити қатъиян

муайян амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа чунин тасаввурот ба вуҷуд меояд, ки гӯё истифодаи он ягона ва нодир мебошад, ки ин ба табиати худи усули тактикӣ ҳамчун модели рафтор мухолифат мекунад, зеро он хусусияти мутобиқшавӣ ба ҳолатҳои гуногуни тафтишотиро дорад.

Аз ин рӯ, аз ҷиҳати методологӣ дурусттар ҳисобида мешавад, ки сатҳи сохтори назариявии усули тактикӣ аз сатҳи татбиқи мушаххаси он ҷудо гардад. Агар дар сатҳи назариявӣ усул ҳамчун тавсияи банимзомдаровардашуда, ки дар асоси қонуниятҳои ошкоргардидаи тафтишот бунёд ёфтааст, баромад намояд, пас, дар сатҳи амалӣ он ногузир бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии вазъият, шахсияти иштирокчиёни раванд ва маҷмуи далелҳои мавҷуда мутобиқ гардонида мешавад. Маҳз ҳамин омезиши умумият ва гуногуннавъӣ хусусияти асосии моҳияти усули тактикӣ маҳсуб ёфта, имкон фароҳам меорад, ки аз зиёдаравиҳои ҳам равиши абстрактӣ-меъёрӣ ва ҳам аз ҳад зиёди нозуку печида ҳангоми дарки он пешгирӣ карда шавад [153, с. 28].

Албатта, чунин мавқеъ наметавонад ба пуррагӣ пазируфта шавад ва ба таҳлили интиқодӣ ниёз дорад. Ҳамзамон, Садиков Р.Ф. дар ин масъала бо Комиссаров В.И. ҳамфикрӣ изҳор намуда, чунин мешуморад, ки усул ва роҳҳои мушаххаси амал, инчунин, тарзҳои гузаронидани тафтишот, ки аз ҷониби муфаттишон дар ҷараёни фаъолияти амалӣ таҳия гардида, ба таври эмпирикӣ ба даст оварда шудаанд, аз нигоҳи илмӣ наметавонанд ҳамчун усулҳои тактикӣ арзёбӣ гарданд [155, с. 70]. Далелнокии ин нуқтаи назар дар он асос меёбад, ки чунин усулҳо, пеш аз ҳама, аз сатҳи инфиродии омодагии касбӣ, таҷриба ва ҳиссиёти субъекти мушаххаси тафтишот вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо сатҳи зарурии асоснокии илмӣ, заминаи назариявӣ ва универсалии меъёрие, ки ба усулҳои тактикӣ ҳамчун унсурҳои тактикаи криминалистӣ хос аст, доро намебошанд [155, с. 72].

Инкор кардани имконияти табдил ёфтани усулҳое, ки дар натиҷаи таҷриба (эмпирикӣ) дар гурӯҳи воситаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи тактикаи криминалистӣ ба вуҷуд омадаанд, беасос аст. Баръакс, аҳаммияти

бунёдии масъалаи баррасишаванда маҳз дар таъмини гузариш аз усулҳои фаъолияти табиӣ ташаккулёфта ва ба амалия нигаронидашуда мебошад. Мақсади чунин гузариш ин дарк намудани моҳияти назариявии онҳо, низомнок гардонидан ва ба танзими меъёриву методӣ даровардани онҳо мебошад. Ба ибораи дигар, вазифаи илм на дар муқобил гузоштани таҷрибаи амалӣ ба дониши назариявӣ, балки дар пайвасти диалектикии онҳо ифода меёбад, ки дар ҷараёни он қарорҳои дар амал санҷидашуда мавриди таҳлили илмӣ ва консептуализатсионӣ қарор мегиранд.

Маҳз ба ҳамин сабаб амалияи тафтишотӣ ба таври қонуният ҳамчун манбаи ибтидоӣ ва доимо таҷдидшавандаи тактикаи криминалистӣ баромад менамояд. Фаъолияти амалии ошкор ва тафтиш намудани ҷиноятҳо маҷмуи мушоҳидаҳо, ҳолатҳои намунавӣ, моделҳои рафтори иштирокчиёни раванди тафтишот ва усулҳои вокуниш ба онҳоро ташаккул медиҳад. Бо вуҷуди ин, то замоне ки ин усулҳо дар сатҳи таҷрибаи инфиродии худи муфаттиш боқӣ мемонанд, онҳо мақоми илмиро касб намекунанд. Танҳо дар натиҷаи умумисозӣ, таҳлили муқоисавӣ ва ошкор намудани қонуниятҳои устувор ва шароити самаранокӣ, онҳо ба усулҳои тактикӣ ҳамчун унсурҳои низоми аз ҷиҳати илмӣ таҳияшуда табдил меёбанд.

Дар ин замина, мавқеи Комиссаров В.И., ки ба мавҷудияти ду сатҳи ба ҳам алоқаманди дарокнамоӣ дар криминалистика – назариявӣ ва амалӣ, ишора менамояд, сазовори дастгирӣ мебошад [41, с. 49-50]. Зинаҳои зикршуда дараҷаҳои гуногуни воридшавӣ ба моҳияти ашё ва падидаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро инъикос менамоянд. Аз ҷиҳати эмпирикӣ дарк намудан асосан ба таҷрибаи ҳиссӣ, мушоҳидаи бевосита ва санҷиши амалӣ такя намуда, воқеиятро, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати зуҳуроти зоҳирии он инъикос мекунад. Он маводди воқеиро ба низом медарорад, такроршавии ҳолатҳои муайян ва усулҳои амалро ошкор месозад, аммо қонуниятҳои дохилии онҳоро ба таври комил ошкор намекунад.

Сатҳи назариявӣ бошад, ба ошкор намудани робитаҳои амиқ, вобастагиҳои сабабию натиҷавӣ ва принсипҳои умумии фаъолияти

падидаҳои мавриди таҳқиқ қарордошта равона шудааст. Дар ассоси сатҳи мазкур, маълумоти эмпирикӣ ба таври низомнок ҷамъбаст гардида, ба як шакли мантиқӣ даровaрда шуда, ба сохтори ягонаи консептуалӣ ворид карда мешавад [95, с. 342-351]. Ҳамин тавр, донишҳои эмпирикӣ ҳамчун шарти зарурии ҷамъбасти назариявӣ баромад намуда, дар навбати худ меъёрҳои баҳодиҳӣ, қобили қабул будан ва самаранокии усулҳои гуногунро муайян менамояд.

Аз ин рӯ, амалияи тафтишотро яке аз манбаи тактикаи криминалистӣ эътироф кардан маънои онро надорад, ки он дорои моҳияти амалӣ мебошад. Сухан дар бораи раванди диалектикӣ меравад, ки дар доираи он таҷрибаи амалӣ мавриди коркарди илмӣ қарор гирифта, шакли муайяни меъёрӣ касб намуда, ба низоми тавсияҳои тактикӣ ворид мегардад. Танҳо дар чунин равиш ташаккули усулҳои тактикии аз ҷиҳати илмӣ асоснок имконпазир аст, ки ба талаботи қонуният, самаранокӣ ва асоснокии методологӣ ҷавобгӯ бошанд.

Ҳангоме ки дониши назариявӣ аз заминаи эмпирикӣ ҷудо мешавад, пас, арзиши амалии худро паст мекунад ва дар иҷрои вазифаҳои тавзеҳӣ ва пешгӯӣ кардан маҳдуд мегардад. Дар ин замина мавқеи Шепитко В.Ю. асоснок ба назар мерасад, ки тибқи он «маҳз амалияи тафтишотӣ ҳамчун меъёри калидӣ ва манбаи рушди тактикаи криминалистӣ баромад менамояд» [89, с. 113]. Таҳлили ҷараёни воқеии тафтиши ҷиноятҳо нишон медиҳад, ки зарурати истифодаи ин ё он усулҳои тактикӣ, пеш аз ҳама, ба ҳолатҳои мушаххаси муқовимат вобаста аст, ки аз ҷониби шахсони манфиатдор ба миён меоянд. Мисол, ҳангоми тафтиши парванда оид ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ки дар шаҳри Хуҷанд ба вуҷуд омада буд, гумонбаршуда дар аввал даст доштани худро дар ҷиноят инкор намуда, ба набудани далелҳои бевосита истинод мекард. Илова бар ин, хешовандони гумонбаршуда кӯшиш мекарданд ба шоҳидон фишор оваранд ва онҳоро барои даст кашидан аз нишондодҳои қаблан додаашон бовар кунонанд. Дар чунин ҳолат муфаттиш усулҳои тактикии дорои хусусияти психологиро

истифода бурд: пешниҳоди марҳила ба марҳилаи маълумоти дорои аҳаммияти исботкунанда, фароҳам овардани шароит барои озодона баён намудани ҳолатҳои воқеа аз ҷониби шоҳидон, инчунин, гузаронидани рӯбарӯкунӣ танҳо баъд аз санҷиши ҳамаҷонибаи нишондодҳои қаблан гирифташуда. Дар натиҷа мухолифат байни нишондодҳои гумонбаршуда ва маълумоти объективӣ ошкор гардид, ки ин барои гирифтани нишондодҳои иқрорӣ аз яке аз шарикони ҷиноят мусоидат намуд.

Чунин ҳолатҳо хусусияти динамикӣ дошта, ҳам аз хосиятҳои инфиродӣ-психологии иштирокчиёни раванд ва ҳам аз ҳолати мушаххаси воқеии парванда вобаста мебошанд. Дар робита ба ин, назария имконияти пурра надорад, ки ҳамаи шакл ва усулҳои муқовиматро, ки дар ҷараёни тафтишот ба вуҷуд меоянд, пешбинӣ намояд. Аз ин рӯ, ин усул имкон надорад, ки усули тактикии универсалӣ бошад, зеро он наметавонад пешакӣ таҳия гардида, барои ҳама гуна ҳолатҳо яксон татбиқ карда шавад ва аз ҷиҳати илмӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, назарияи тактикаи криминалистӣ на вазифаи банимзомдарории фаъолияти муфаттишро иҷро мекунад, балки роҳнамои методологӣ, принсипҳои умумӣ ва намунаҳои рафторро ташаккул медиҳад, ки мутобиқсозии эҷодиро ба вазъияти мушаххаси тафтишотӣ талаб мекунанд. Дар навбати худ, фаъолияти амалӣ, на танҳо соҳаи татбиқсозии муқарраротӣ назариявӣ, балки сарчашмаи дақиқсозӣ, ислоҳ ва рушди минбаъдаи онҳо хизмат намуда, ҳамгироии диалектикии оғози назариявӣ ва амалиро дар таҳқиқи ҷиноятҳо таъмин менамояд [164, с. 82].

Ба андешаи Филиппов А.Г., «таҳлили истифодаи воситаҳои техникию криминалистӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишотӣ нишон медиҳад, ки дар як қатор ҳолатҳои мураккаби тафтишотӣ пешгӯии пешакии динамика ва натиҷаи онҳо аз ҷиҳати объективӣ душвор ё дар баъзе ҳолатҳо имконнопазир мебошад» [84, с. 199]. Гуногуншаклии омилҳое, ки рушди вазъияти мушаххаси тафтишотиро муайян мекунанд, инчунин, сатҳи баланди номуайяние, ки ба шароити муосири тафтишот хос аст, имкониятҳои

банақшагирии пешакии қарорҳои тактикӣ ва техникиро ба таври назаррас маҳдуд месозанд.

Дар ин замина аҳаммияти махсусро гуногуншаклии рӯзафзуни шаклҳо ва усулҳои муқовимат ба раванди тафтишот касб мекунад. Ҷанбаҳои муосири пинҳон кардани фаъолияти ҷиноятӣ, сохтакории маълумоти исботкунанда, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва дигар воситаҳои таъсири вайронкунанда ба раванди исботкунӣ бо гуногуншаклии баланд ва қобилияти баланди мутобиқшавӣ тавсиф мешаванд. Дар натиҷаи ин, пайдоиш ва зухуроти мушаххаси онҳо аксаран аз ҳудуди моделҳои намунавие, ки дар назария ва амалияи тафтишот ташаккул ёфтаанд, берун мебароянд. Ин ҳолат имкони пешбинии пурра ва фарогири онҳоро истисно менамояд. Ғайр аз ин, таҳияи воситаҳои универсалии безараргардонии чунин шаклҳои муқовимат, бо маҳдудиятҳои объективӣ рӯ ба рӯ мегарданд, ки онҳо аз таҳаввулоти доимии амалияи ҷиноятӣ бармеоянд.

Дар ин робита, масъалаи таъмини самаранокии истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ аз доираи салоҳияти маҳдуди идоравӣ берун баромада, хусусияти оммавиро касб менамояд. Он тақозо менамояд, ки кӯшишҳои ҳамоҳангшудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷомеаи илмӣ ва дар маҷмуъ ҷомеа ба роҳ монда шаванд, ки ба такмили воситаҳои методии тафтишот ва рушди механизмҳои меъёрии ҳуқуқии вокуниш ба таҳдидҳои нав равона гарданд [14, с. 75].

Маҳз ҳамин ҳолатҳо, ба андешаи Филиппов А.Г., «то андозае душвории объективии дар қонунгузорӣ муқаррар намудани рӯйхати пурраи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва шартҳои истифодаи онҳоро тавзеҳ медиҳанд» [84, с. 200]. Тағйирпазирии амалияи тафтишотӣ ва пешгӯинашаванда будани ҳолатҳои мушаххаси тафтишотӣ ба ташаккули сохтори меъёрии қатъиян муқарраргардида, ки метавонад тамоми интихобҳои эҳтимолии истифодаи воситаҳои техникии дахлдорро дар раванди исбот фаро гирад, монеа эҷод мекунад.

Тавре ки Лутсенко О.А. қайд менамояд, «таҳияи равиши низомнокӣ нисбат ба тасниф ва ба низом даровардани усулҳои тактикии истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ метавонад мушкилоти парокандагии онҳо, номуайянии интихоб ва такрорнопазирии ҳолатии татбиқи амалии онҳоро бартараф намуда, ҳамзамон, асоснокии илмии онҳоро таъмин намояд» [119, с. 33]. Банизомдарории чунин усулҳо ташаккули воситаҳои устувори методологиро пешбинӣ мекунад, ки дар асоси ҷамъбасти таҷрибаи тафтишотӣ ва таҳлили назариявӣ бунёд ёфта, дар оянда барои муқаррарсозии меъёрии онҳо ва ҳамгироии онҳо ба қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ замина фароҳам меоранд.

Дар асоси равиши мазкур, усули тактикӣ бояд ҳамчун тарзи аз ҷиҳати илмӣ асоснок, оқилона ва мақсаднок амалӣ намудани фаъолияти мурофиавӣ баррасӣ гардад, ки аз ҷониби субъекти ваколатдор, аз ҷумла, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, мутахассиси криминалистӣ ё коршинос, дар шароити пайваста тағйирёбандаи вазъияти тафтишотӣ интихоб ва татбиқ карда мешавад. Истифодаи чунин усул «барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиши ҷиноят равона гардида, ба ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ тавассути оптимизатсияи ҷузъҳои зеҳнӣ ва ташкилии фаъолияти тафтишотӣ мусоидат менамояд» [73, с. 195].

Тавре ки Головин А.Ю. қайд менамояд, «усулҳои тактикӣ ба таъмини истифодаи ҳар чи пурра ва самараноки имкониятҳои техникаи криминалистӣ дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ равона шудаанд» [143, с. 66]. Бо дарназардошти ин равиш, мазмуни усулҳои тактикии ташаккулёфта дар ҳолатҳои зарурӣ бояд маҳз бо ҳамин ҳадаф муайян гардида, ба истифодаи самараноки воситаҳои техникии исбот равона карда шавад.

Аз ҷумла, пайдарпайии бодиққат андешидашуда ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки усулҳои тактикии истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ҳангоми гузаронидани азаназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба ошкор кардан, ёфта гирифтан ва сабт кардани доираи васеи объектҳои моддие, ки аҳаммияти исботӣ доранд, мусоидат менамояд. Бо ин васила васеъ гардидани ҳаҷм ва

баланд гардидани сифати маълумоти дорои аҳаммияти криминалистӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятии мавриди таҳқиқ қарордошта, таъмин карда мешавад.

Ба назар мерасад, ки дар шароити ҳамгироии ҷузъҳои тактикӣ ва техникии фаъолияти тафтишотӣ ташаккули падидаи мураккаби сифатан нав ба амал меояд, аз ҷумла, усулҳои тактико-техникӣ, ки якҷоягии ҷанбаҳои ташкиливу методӣ ва инструменталии раванди тафтишро инъикос менамоянд [99, с. 104].

Ба ақидаи Головин А.Ю., «усули тактикӣ, ки дар натиҷаи таҷрибаи эмпирикӣ ташаккул ёфтааст, бо сабаби набудани аломати илмият наметавонад ҳамчун қобили қабул барои истифода дар фаъолияти тафтишотӣ эътироф гардад» [143, с. 68]. Мо чунин ақидаро дастгирӣ карда наметавонем, чунки равиши мазкур мазмуни мафҳуми «асоснокии илмӣ»-ро аз ҳад зиёд маҳдуд месозад, зеро қисми назарраси тавсияҳои криминалистӣ таърихан маҳз дар асоси ҷамъбасти таҷриба ва тафсири минбаъдаи назариявӣ ташаккул ёфтааст.

Ғайр аз ин, хусусиятҳои хосси фаъолияти тафтишотӣ зарурати дарки ҳолатӣ ва ба амалия равонашудаи воситаҳо ва усулҳои истифодашавандаро тақозо менамоянд: дар аксар маврид муфаттиш дар ҷойи ҳодиса бевосита имкони баҳогузорӣ кардан ба мақсаднокӣ ва тартиби истифодаи воситаи мушаххаси техникаи криминалистиро ба даст меорад, яъне дар ҷараёни ҳамкории таҷрибавӣ бо муҳит ва маълумоти воқеӣ.

Ҳамзамон, андешаи Головин А.Ю. оид ба «самаранокии ҳаллу фасли вазифаҳои тактикӣ дар бисёр ҳолатҳо бевосита аз сатҳ ва хусусияти таъминоти техникии амали тафтишотӣ вобаста аст» [143, с. 70] қобили дастгирӣ мебошад. Дар ҳақиқат, рушди техникаи криминалистӣ ба таври низомнок боиси тағйир ёфтани баъзе усулҳои тактикӣ, инчунин, тағйири модели умумии тактикаи гузаронидани амалҳои дахлдори тафтишотӣ мегардад. Истифодаи воситаҳои техникии муосири ошкоркунӣ, сабт ва таҳқиқи нишонаҳои моддии ҷиноят ба таври объективӣ ба сохтор, пайдарҳамӣ ва мазмуни амалҳои мурофиавӣ таъсир мерасонад.

Вобаста ба ҷорӣ намудани дастовардҳои нави техникӣ, аз ҷумла, истифодаи гуногуни воситаҳои ҷустуҷӯӣ, хусусиятҳои тактикии гузаронидани чунин амалҳои тафтишотӣ, ба мисли кофтуков, ки ба таври назаррас такмил меёбанд, ақидаи асоснок дониста мешавад [29, с. 47]. Истифодаи «воситаҳои инноватсионии ошкор ва сабти далелҳои исботӣ имкониятҳои тафтишотро васеъ намуда, ҳамзамон, мутобиқсозии воситаҳои анъанавии тактикӣ ба шароити нави технологиро талаб менамояд» [99, с. 201].

Категорияи усули тактикӣ-техникиро таҳлил намуда, Москвин Е.О. қайд менамояд, ки «ворид намудани ишора ба навъи объекти таъсири тактикӣ ба мафҳуми «усули тактикӣ» зиёдатӣ ҳисобида мешавад, зеро гуногунрангии чунин объектҳо, гӯё, беасос мазмуни ин мафҳумро мураккаб мегардонад» [59, с. 45].

Ба назари мо, равиши мазкур аз ҷиҳати методологӣ осебпазир аст. Нодида гирифтани хусусиятҳои объекти таъсири тактикӣ ба абстраксияи аз ҳад зиёди категорияи баррасишаванда оварда мерасонад ва арзиши амалии онро коҳиш медиҳад. Объекти «таъсири тактикӣ ҳамчун унсури банизомдарории сохтори усули тактикӣ-техникӣ баромад намуда, самт, мундариҷа ва ҳудуди татбиқи онро муайян мекунад» [145, с. 269]. Хориҷ намудани ин унсур аз низоми мафҳумӣ амалан хусусияти махсуси усулро ҳамчун воситаи таъсиррасонии мақсаднок дар доираи вазъияти мушаххаси тафтишотӣ аз байн мебарад.

Ғайр аз ин, гуногунии объектҳои таъсири тактикӣ наметавонад ҳамчун далеле ба манфиати нодида гирифтани онҳо дар модели назариявӣ арзёбӣ шавад. Баръакс, маҳз гуногунии объектҳо зарурати муайян намудани мафҳуми дақиқ ва ҳамаҷонибаро ба миён меорад, ки метавонад мураккабӣ ва тағйирпазирии амалияи криминалистиро инъикос намояд. Категорияи илмӣ «набояд бо роҳи хориҷ кардани аломатҳои муҳим содда карда шавад; аз ҷумла, вазифаи он дуруст инъикос намудани хусусиятҳои муҳимми падидаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад» [81, с. 52].

Тавре ки Москвин Е.О. қайд менамояд, «усулҳои тактикӣ, ки ҳамчун объектҳои мустақили таҳқиқоти тактикаи криминалистӣ баррасӣ мешаванд, бояд аз рӯи асосҳои гуногуни таснифотӣ банизом даровварда шаванд» [59, с. 22]. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки таснифоти илмӣ на танҳо вазифаи ба низом даровардан, балки вазифаи амалиро низ иҷро менамояд: он ба дарки амиқтари хусусиятҳои моҳиятии усулҳои тактикӣ, ошкор намудани табиати онтологии онҳо, таъйиноти функсионалӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар низоми воситаҳои фаъолияти криминалистӣ мусоидат мекунад.

Таснифи усулҳои тактикӣ бояд на танҳо хусусияти назариявию низомсозӣ дошта бошад, балки дорои аҳаммияти возеҳи амалӣ низ бошад. Мақсади асосии он таъмини кормандони амалӣ бо воситаҳои самараноки роҳнамоӣ дар доираи гуногуни воситаҳои тактикӣ, ки дар раванди тафтишот истифода мешаванд, мебошад. Аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, модели таснифотӣ ба низом даровардани усулҳои тактикӣ мусоидат намуда, ҷустуҷӯи усулҳои дастрасро осон мегардонад ва мутобиқсозии онҳоро ба шароити мушаххаси вазъияти тафтишотӣ таъмин менамояд [88, с. 51].

Ҳамин тарз, таснифот ҳамчун механизми методологӣ баромад карда, раванди қабули қарорҳои тактикиро ба таври самаранок оптимизатсия менамояд. Он ба муфаттиш имкон медиҳад, ки бо дарназардошти хусусияти далелҳои исботӣ, мавқеи мурофиавии иштирокчиён, динамикаи вазъияти тафтишотӣ, дигар омилҳои муҳимми таъсиррасон ва асосноки усули аз ҳама мувофиқро анҷом диҳад. Дар натиҷа самаранокии тафтишот баланд гардида, риояи талаботи қонуният таъмин шуда, фаъолияти тафтишотӣ ба таври оқилона ба роҳ монда мешавад.

Дар илми муосири криминалистика як қатор равишҳои таснифотӣ барои банимзомдарории усулҳои тактикӣ ташаккул ёфтаанд, ки онҳо ба меъёрҳои гуногуни ҷудокуниву гурӯҳбандӣ асос меёбанд [17, с. 264]. Гуногуншаклии таснифоти мавҷуда бо табиати мураккаби усулҳои тактикӣ, самтгирии функсионалии онҳо ва вобастагии онҳо аз вазъияти мушаххаси тафтишотӣ муайян мегардад.

Таснифоти пешниҳоднамудаи мо аз меъёри истифодаи мақсадноки воситаҳои техникӣ-криминалистӣ дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти тафтишотӣ бармеояд. Ба ибораи дигар, дар асоси он таҳлили ҳамкории функсионалии қарорҳои тактикӣ бо воситаҳои техникии сабт, ошкор ва таҳқиқи иттилооти далелӣ ҷой дорад. Модели мазкури таснифотӣ ба танзим ва низоммандсозии усулҳои тактикӣ-техникӣ ҳамчун гурӯҳи махсуси воситаҳои криминалистӣ равона гардида, қарорҳои ташкилӣ ва тактикӣ, инчунин, воситаҳои техникиро ба як низоми ягонаи таъмини самаранокии тафтишот муттаҳид менамояд.

Гузаронидани таҳлили равишҳои мавҷуда дар адабиёти илмӣ оид ба таснифоти усулҳои тактикӣ имкон дод, то муайян карда шавад, ки банизомдарории ин гурӯҳи воситаҳои тактикаи криминалистӣ зиёда аз бист сол пеш таҳия гардида, дар давраи минбаъда ба бознигарии ҷиддии консептуалӣ дучор нагардидааст. Ба андешаи мо, аз миёни моделҳои баррасишудаи таснифотӣ аз ҷиҳати наздикӣ ба асосҳои назариявӣ ва асоснокии методологӣ, консепсияе, ки аз ҷониби Якушин С.Ю. пешниҳод шудааст, бартарӣ дорад, зеро он бештар ба фаҳмиши муосири табиат ва таъйиноти функсионалии усулҳои тактикӣ дар сохтори фаъолияти тафтишотӣ мутобиқат менамояд [98, с. 14-15].

Якушин С.Ю. ҳангоми муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти касбии муфаттиш ба чунин хулоса меояд, ки дар сохтори тафтишот ҷойгоҳи марказиро кор бо далелҳои исботӣ ишғол менамояд, зеро он унсури асосии мазмунии фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи ӯ, хусусияти хосси тактикаи тафтишотӣ маҳз аз табиати корҳо бо далелҳои исботӣ бармеояд, ки ин дар навбати худ, зарурати банизомдарории усулҳои тактикиро вобаста ба таъйиноти функсионалии онҳо дар раванди исботкунӣ пешакӣ муайян месозад.

Дар доираи равиши пешниҳоднамудаи ӯ, усулҳои тактикӣ вобаста ба марҳилаҳои кор бо далелҳои исботӣ фарқ карда мешаванд.

Гурӯҳи якум усулҳоеро дар бар мегирад, ки ба ошкор ва ҷамъоварии бевоситаи далелҳо равона гардидаанд, яъне ба ташаккули маҷмуи ибтидоии иттилооте, ки барои муайян намудани ҳолатҳои исботшаванда аҳаммияти хос доранд.

Гурӯҳи дуюм усулҳоеро дар бар мегирад, ки сабти дурусти иттилооти бадастомадаро таъмин менамоянд; ин дар навбати худ, мустаҳкам намудани онро ба таври мурофиавӣ дуруст, бо риояи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва техникаи криминалистӣ пешбинӣ мекунад.

Гурӯҳи сеюм усулҳоеро муттаҳид мекунад, ки ба коркарди таҳлилӣ ва арзёбии маводди ҷамъовардашуда равона шудаанд, аз ҷумла, санҷиш, муқоиса ва муайян намудани арзиши исботии он.

Ниҳоят, гурӯҳи чорум ба истифодаи маълумоти далелие, ки аллакай ба даст оварда ва арзёбӣ шудааст, бо мақсади таҳияи версияҳои тафтишотӣ, банақшагирии амалҳои минбаъдаи мурофиавӣ ва қабули қарорҳои асосноки мурофиавӣ вобаста мебошад [98, с. 16].

Ба назар мерасад, ки таснифоти пешниҳодшуда нисбат ба усулҳои тактикӣ-техникӣ дуруст ҳисобида намешавад, зеро он хусусиятҳои моҳиятӣ ва таъйиноти функсионалии онҳоро ошкор намекунад. Дар айни замон, мақсади асосии истифодаи усулҳои зикршуда аз таъмини ба даст овардани маълумоти ҳар чи пурра ва боэътимод оид ба ҳодисаи тафтишшаванда иборат мебошад. Ин ҳолат тавассути фаъолияти мақсаднок бо далелҳои моддӣ ва вербалии ҷиноят дар ҷараёни анҷом додани амалҳои тафтишӣ бо истифода аз воситаҳои техникаи криминалистӣ амалӣ мегардад.

Равиши асоснок ҳамон мебошад, ки дар он низомноккунии усулҳои тактикӣ-техникӣ бо дарназардошти моҳияти воқеии мурофиавӣ ва функсионалии онҳо амалӣ карда мешавад [125, с. 88]. Ҳамин тавр, ҷудокунии усулҳо вобаста ба намуди амали тафтишотие, ки дар доираи он амалӣ мегарданд, аҳаммияти назаррас дорад. Сабаб дар он аст, ки мазмун ва хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистӣ ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз истифодаи он, масалан, ҳангоми бозпурсӣ, ба таври куллӣ

фарқ мекунанд [125, с. 89]. Ба ҳисоб гирифтани марҳилабандии амали тафтишотӣ муҳим низ арзёбӣ мегардад, ки дар сохтори он метавон марҳилаҳои омодагӣ, асосӣ ва хотимавиро ҷудо намуд, ки ҳар яке аз онҳо истифодаи маҷмуи хосси қарорҳои тактикӣ-техникиро пешбинӣ менамояд.

Тавре ки Тсветков С.И. қайд мекунад: «аҳаммияти таснифотӣ аз таъсири мақсадноки усулҳои дахлдор вобаста мебошад, зеро бархе аз онҳо ба иштирокчиёни амалҳои тафтишотӣ равона мегарданд, дар ҳолате ки дигарон ба муҳити моддие, ки дар он амали мазкур анҷом дода мешавад, нигаронида шудаанд» [159, с. 113]. Муҳимтарин меъёр хусусияти натиҷаи бадастомада низ мебошад, ки дар ба даст овардани иттилоот оид ба ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноят ифода меёбад. Дар ин замина метавон дар бораи усулҳое сухан ронд, ки дар марҳилаи таҳқиқи ибтидоӣ, дар ҷараёни ошкор, сабт ва ёфта гирифтани изҳо ва далелҳои шайъӣ, инчунин, ҳангоми омода намудани мавод барои таъини экспертизаҳои криминалистӣ истифода мегарданд [153, с. 129].

Илова бар ин, ба ҳисоб гирифтани вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, ки дар шароити он усулҳои тактикӣ-техникӣ амалӣ мегарданд, аҳаммияти иловагӣ дорад. Дар шароити мусоид истифодаи онҳо асосан хусусияти стандартӣ дошта, ҳангоми муқовимат аксаран бо низоъ ҳамроҳ мегардад, ки интихоб ва татбиқи усулҳо аз муфаттиш сатҳи баланди таҳлилгарӣ ва тағйирпазириро талаб менамояд. Аз ҷумла, муқовимати шахси пурсидашаванда зарурати интихоби чунин қарорҳои тактикӣ-техникиро ба миён меорад, ки онҳо имкон медиҳанд, то пурсиш ба ҳамкории созанда табдил дода шуда, ноил гардидан ба ҳадафҳои мурофиавии он таъмин гардад [99, с. 231].

Ҳамзамон, ба назар гирифтани дараҷаи ошкоро будани ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноятӣ муҳим мебошад. Тавре ки Яблоков Н.П. қайд менамояд, дар шароити ошкоро будани ҳолатҳо истифодаи усулҳои тактикӣ-техникӣ, одатан хусусияти бештар танзимшуда доранд. Дар ҳолатҳои ноошкор ё мураккабсозии сунъии вазъият, масалан, ҳангоми пинҳон намудани як

ҷиноят тавассути содир намудани ҷинояти дигар, на танҳо интихоби дурусти тактикаи амали тафтишотӣ, балки истифодаи эҷодкорона ва аз ҷиҳати зеҳнӣ чандиронаи имкониятҳои техникаи криминалистӣ низ зарур мегардад [96, с. 75].

Ниҳоят, таснифот метавонад бо назардошти субъекти татбиққунандаи усулҳои дахлдор анҷом дода шавад. Дар ин замина, «фарқгузорӣ намудани усулҳои мурофиавӣ, ки аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дорои ваколатҳои дахлдор, аз ҷумла муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, коршинос ё мутахассис амалӣ мегарданд, аз усулҳои ғайримурофиавӣ, мақсаднок мебошад» [71, с. 430]. Чунин равиш имкон медиҳад, ки хусусияти бисёрҷанбаи воситаҳои тактикӣ-техникӣ ва нақши онҳо дар механизми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо ба таври пурра инъикос гардад.

Ба назар мерасад, ки таснифоти мазкури усулҳои тактикӣ-техникӣ дорои асоснокии методологӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад, зеро он ба дарки амиқтари хусусиятҳои моҳиятнокӣ ва таъйиноти функсионалии онҳо мусоидат менамояд. Истифодаи он имкон медиҳад, ки унсурҳои дахлдори тактикаи криминалистӣ ба низом даровarda шуда, тартиби мантиқӣ ва равшании назариявии онҳо таъмин гардад [44, с. 30-32].

Дар раванди банақшагирии амалҳои тафтишотӣ, муфаттиш бо такя ба модели мазкури таснифотӣ, усулҳои тактикӣ-техникиро ба сохтори банақшагирӣ ворид менамояд, ки ин, дар навбати худ, истифодаи нисбатан оқилона, асоснок ва самараноки воситаҳои техникию криминалистиро пешакӣ муайян месозад. Чунин равиш тавассути мутобиқсозии оптималии қарорҳои тактикӣ бо имкониятҳои техникӣ самаранокии фаъолияти тафтишотиро баланд мебардорад.

Таҳлили моҳияти усули тактикӣ ҳамчун категорияи асосии тактикаи амалҳои тафтишотӣ, инчунин, омӯзиши рӯйкардҳои гуногун вобаста ба таснифи он ва истифодаи воситаҳои тактикӣ ва техникӣ нишон медиҳанд, ки дар ин самт низоми мафҳумҳо мушаххас гардонида шавад.

Дар ин замина, пешниҳод намудани мафҳуми «усули тактикӣ-техникӣ» асоснок ба назар мерасад, ки тибқи он зери чунин усул тарзи фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ва дар амал санҷидашудаи субъектҳои тафтишот фаҳмида мешавад, ки дар доираи ваколатҳои мурофиавии онҳо амалӣ мегардад. Ин усул истифодаи ҳатмии воситаҳои муосири техникӣ-криминалистӣ, инчунин, дастовардҳои соҳаҳои донишро пешбинӣ менамояд ва бо риояи қатъии талаботи криминалистика ва бо назардошти муқаррароти тактикаи криминалистӣ ба таъмини самаранокии гузаронидани амалҳои тафтишотӣ дар доираи тафтишоти пешакӣ, инчунин, ба даст овардани маълумоти пурра, боэътимод ва марбут ба воқеаи ҷинояти таҳқиқшаванда равона гардидааст.

Мафҳуми пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки таъйиноти мақсаднок ва аҳаммияти функсионалии усули тактикӣ-техникӣ дар сохтори фаъолияти тафтишотӣ боз ҳам равшантар муайян карда шавад, ҳамзамон фарқияти мазмунии он аз усули тактикӣ пеш аз ҳама дар қисмати истифодаи ҳатмии воситаҳои техникӣ ва дастовардҳои байнисоҳавӣ нишон дода шавад.

Бо дарназардошти ин, бояд қайд намуд, ки маҷмуи усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ, ки ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишотӣ истифода мегарданд, ташкили дохилӣ ва сохтори мазмунии онҳоро шакл медиҳанд ва ҳамзамон, ба самаранокии на танҳо амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ, балки дар маҷмуъ ба тамоми раванди таҳқиқи ҷиноят таъсири бевосита мерасонанд.

## 3.2. Қарорҳои муфаттиш ва усулҳои татбиқи онҳо дар раванди тафтиши ҷиноятҳо

Тафтиши ҷиноятҳо, як навъи махсуси фаъолияти криминалистӣ ба ҳисоб рафта, раванди мураккаб мебошад, ки асоси онро татбиқи низомнок ва пайдарпайи маҷмуи қарорҳои идоракуниву маърифатии муфаттиш ташкил медиҳад. Қарорҳои зикршуда на танҳо ҳамчун санадҳои расмии мурофиавӣ баромад мекунанд, балки зуҳуроти зеҳнию иродавии субъекти тафтишот низ арзёбӣ мешаванд, ки тафаккури касбӣ, сатҳи омодагӣ ва қобилияти ӯро барои

баҳодиҳии таҳлилии вазъияти ташаккулёбандаи тафтишӣ инъикос менамоянд.

Қабули қарорҳо дар чараёни тафтиши ҷиноят бо зарурати дарки ҳамаҷонибаи ҳолатҳои воқеии парванда, баҳодиҳии ҳаматарафаи маълумоти мавҷудаи далелнок, инчунин, фаҳмиши дурусти вазифаҳое, ки дар ҳар як марҳилаи мушаххас дар назди тафтишот қарор доранд, муайян карда мешавад. Тавре ки Колдин В.Я. қайд менамояд, «муфаттиш дар шароити номуайянӣ ва норасоии иттилоот фаъолият намуда, маҷбур аст, маълумоти воридшавандаро саривақт коркард намояд ва онҳоро бо талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва тавсияҳои криминалистӣ мутобиқ кунад, ки ин ба раванди қабули қарорҳо хусусияти баръало таҳқиқотӣ мебахшад» [39, с. 520].

Мақоми махсусро марҳилаи интихоби варианти оптималии рафтор ишғол менамояд, ки дар доираи он муқоисаи роҳҳои алтернативии амал, инчунин, арзёбии самаранокӣ, қобили қабул будан ва мақсаднокии онҳо бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишӣ анҷом дода мешавад [67, с. 32]. Дар ин замина, қарори муфаттиш на танҳо натиҷаи таҳлили мантиқӣ мебошад, балки таҷрибаи касбӣ ва қобилияти пешгӯии рушди воқеаҳо ва паёмадҳои эҳтимолии тадбирҳои қабулшаванда низ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, интихоби ин ё он самти тафтишот амали танзими мақсадноки фаъолияти даркнамоӣ мебошад, ки ба ноил шудан ба натиҷаи аз ҷиҳати мурофиавӣ аҳаммиятнок равона гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи қабули қарорҳо дар фаъолияти касбии муфаттиш чун анъана дар таҳқиқоти соҳаи криминалистика мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Олимони криминалист қайд менамоянд, ки самаранокии тафтишот то андозае аз сифати қарорҳои қабулшаванда, саривақтӣ будани онҳо, асоснокӣ ва мутобиқати онҳо ба вазъияти мушаххаси тафтишӣ вобаста мебошад. Ҳолати мазкур зарурати дар оянда боз ҳам аз нигоҳи илмӣ амиқтар дарк намудани ин падидаро бо дарназардошти мушкилиҳои муосири амалияи татбиқи ҳуқуқ ба миён меорад [41, с. 98].

Қарорҳое, ки дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мешаванд, тавре ки Шепитко В.Ю. қайд менамояд, аз рӯи табиати ҳуқуқӣ ва самти функсионалии худ метавонанд ба ду гурӯҳи бо ҳам алоқаманд, вале аз ҷиҳати мазмун мустақил ҷудо гарданд. Ба гурӯҳи аввал қарорҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қарорҳои мурофиавии ҷиноятӣ, дохил мешаванд, ки татбиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунандаро ба таври ғайримустақим таъмин намуда, мақоми мурофиавии иштирокчиёнро муайян мекунанд ва риояи тартиби исботкунии муқаррарнамудаи қонунро таъмин менамоянд. Ба гурӯҳи дуюм бояд қарорҳои криминалистӣ дохил карда шаванд, ки бештар хусусияти амалӣ ва тактикӣ-методиро доро мебошанд; онҳо ба ташкил ва беҳсозии раванди ошкоркунӣ, сабт, мусодира ва таҳқиқи далелҳо равона гардидаанд [89, с. 107].

Дар баробари ин, «қарорҳои криминалистӣ аз қарорҳои ҳуқуқӣ ҷудо вуҷуд надоранд, балки дар доираи меъёрии онҳо амал намуда, татбиқи амалии дастурҳои мурофиавиро тавассути усул ва методҳои оптималии тафтишӣ таъмин менамоянд» [150, с. 101]. Аҳаммияти онҳо дар баланд бардоштани ҳадафнокӣ ва самаранокии фаъолияти даркнамоии муфаттиш, инчунин, дар ташаккули пойгоҳи далелҳо, ки ба талаботи қобили қабул будан, дахлдорӣ ва эътимоднокӣ ҷавобгӯ мебошад, ифода меёбад. Ҳамин тариқ, маҷмуи қарорҳои қабулшуда ягонагии мураккаби танзими ҳуқуқӣ ва мақсаднокии криминалистиро инъикос намуда, самаранокии тамоми раванди тафтиши ҷиноятҳоро муайян мекунад.

Истилоҳи processus, ки аз забони лотинӣ сарчашма мегирад, дар маънои аслии худ «ҳаракат ба пеш», «пешравӣ» ё «инкишофи пайдарпайи як падидаи муайян»-ро ифода менамояд. Дар муҳокимаҳои муосири илмӣ ва ҳуқуқӣ ин мафҳум мазмуни пурмуҳтаво ва бисёрҷанбаро касб менамояд. Аз ҷумла, дар забони тоҷикӣ мафҳуми «раванд (мурофиа)» на танҳо ҳамчун динамикаи рушди падидаҳо ва ҳолатҳои муайян маънидод карда мешавад, балки ҳамчун тартиби ҳуқуқии муқарраргардидаи меъёрӣ барои баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои судӣ ва маъмурӣ низ фаҳмида мешавад [76, с. 49].

Ҳамин тариқ, раванд (мурофиа) ҳамчун маҷмуи амалҳои мурофиавии танзимшуда баромад намуда, баҳри ноил шудан ба натиҷаи дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ дар доираи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ равона карда шудааст.

Вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар м. 2 КМҶ ҶТ [2] муқаррар гардидааст, танҳо «тавассути фаъолияти низомнок ва мақсадноки субъектҳои ваколатдори давлатӣ, ба мисли мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура ва суд амалӣ мегардад» [34, с. 92]. Ин фаъолият дар анҷом додани маҷмуи амалҳои мурофиавии бо ҳам алоқаманд ва қабули қарорҳое, ки дорои хусусият, мазмун ва сатҳи гуногуни мураккаб мебошанд, ифода меёбад; ҳар яке аз онҳо дар сохтори умумии раванди мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд.

Ба андешаи Бахта А.С., «амалҳо ва қарорҳои зикршуда на танҳо унсурҳои функсионалии фаъолияти мурофиавиро ташкил медиҳанд, балки ҳамчун шакли зоҳирии татбиқи ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби субъектҳои дахлдор зуҳур менамоянд» [103, с. 4]. Маҳз тавассути онҳо меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ татбиқи мушаххаси амалӣ пайдо намуда, динамика ва сермазмунии мурофиаи судии ҷиноятиро таъмин мекунанд.

Мо меҳостем дар доираи таҳқиқоти мазкур қарорҳои мурофиавӣ ва тактикиии муфаттишро баррасӣ намоем, зеро он ба якдигар алоқаманд буда, дар ҳамбастагӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар адабиёти илмие, ки ба масъалаи таносуби қарорҳои мурофиавӣ ва тактикӣ дар фаъолияти муфаттиш бахшида шудааст, Солодов Д.А. ба таври асоснок аҳаммияти низомсозандаи онҳоро барои ташкил ва идоракунии тафтиши пешакӣ таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ, қабули қарори мушаххаси мурофиавӣ танҳо ба амали расмӣ-ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад, балки татбиқи ваколатҳои ҳокимиятӣ мебошад, ки ба муфаттиш дода шудаанд ва тавассути онҳо ӯ ба рафтори ҳамаи субъектҳое, ки ба соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб шудаанд, таъсири роҳнамо ва дар бисёр ҳолатҳо, муайянкунанда мерасонад. Сухан дар бораи гумонбаршуда ва айбдоршаванда, ҳамзамон, дар бораи

ҷабрдидагон, шоҳидон, мутахассисон ва дигар иштирокчиёни мурофиа меравад. Дар ин замина, қарорҳои мурофиавӣ ҳамчун воситаи асосии идоракунии институтсионалӣ ва ташкилии тамоми низоми тафтишот баромад мекунанд [125, с. 153].

Бинобар ин, қарори муфаттиш бояд ҳамчун унсури зарурӣ ва аз лиҳози сохторӣ муҳимми механизми идоракунии тафтишот баррасӣ гардад, ки самтнокӣ, пайдарпайӣ ва мушахасияти ҳуқуқии онро таъмин менамояд. Ҳамзамон, бояд ба тамоюли мавҷуда дар танзими муосири мурофиаи ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард, ки он бо заиф гардидани нақши роҳбарикунандаи муфаттиш ҳамчун субъекти марказии тафтишот, тавсиф мешавад. Ин раванд, пеш аз ҳама, дар маҳдуд гардидани ҳаҷми мустақилияти мурофиавии ӯ, тақвият ёфтани назорати беруна ва аз нав тақсим гардидани ваколатҳо зоҳир мегардад, ки дар навбати худ, метавонад ба самаранокӣ ва фавран қабул гардидани қарорҳо дар ҷараёни тафтишот таъсир расонад.

Дар баробари қарорҳои мурофиавӣ, тавре ки Малютин М.П. қайд менамояд, дар сохтори фаъолияти тафтишотӣ қарорҳои тактикӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки асосан дорои табиати криминалистӣ мебошанд. Зери мафҳуми қарори тактикӣ амали зеҳнӣ-иродавии муфаттиш баҳри интихоби воситаи нисбатан оқилона, қобили қабул ва самараноки таъсиррасонӣ дар вазъияти мушаххаси тафтишотӣ фаҳмида мешавад. Ба гурӯҳи чунин воситаҳо амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, усулҳои алоҳидаи тактикӣ, инчунин, амалиёти мураккаби тактикӣ дохил мешаванд. Истифодаи онҳо, аз як тараф, ба пешгирӣ ва бартараф намудани муқовимат ба тафтишот ва аз тарафи дигар, ба ҳадди ақал расонидан ва безарар гардонидани паёмадҳои манфии чунин муқовимат нигаронида шудааст [150, с. 99].

Ҷанбаи иттилоотии қарорҳои тактикӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Бо дарназардошти он ки муқовимат ба тафтишот аксаран хусусияти пинҳонӣ ва пеш аз ҳама, хусусияти иттилоотӣ дорад, қарорҳои тактикӣ метавонанд ҳамчун интихоби воситаҳои оптималии коҳиш додани

номуайянии иттилоотӣ шарҳ дода шаванд. Чунин номуайянӣ ҳам нисбат ба воқеаҳои гузашта, ки дорои аҳаммияти криминалистӣ мебошанд ва ҳам нисбат ба ҳолатҳои ҷорӣ, ки бо пинҳон доштани фаъолияти ҷиноятӣ алоқаманданд, ба вуҷуд омада, аз муфаттиш татбиқи таъсири фаъоли даркнамоӣ ва ташкилиро талаб мекунад.

Алоқамандии мутақобилаи қарорҳои мурофиавӣ ва тактикӣ дорои хусусияти ҳамбастагӣ буда, аз ҷиҳати функсионалӣ асоснок гардидааст. Одатан, дар марҳилаи ибтидоӣ қарори тактикӣ ташаккул меёбад, ки он натиҷаи арзёбии таҳлилии вазъияти тафтишотӣ, пешгӯии рушди эҳтимолии рӯйдодҳо ва интихоби хатти дурусти рафтор маҳсуб меёбад. Танҳо баъд аз ин, қарори дахлдор дар шакли санади мурофиавӣ, аз ҷумла, қарор, протокол, супориш, пешниҳод ва дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонун, шакли ҳуқуқӣ мегирад. Ҳамин тариқ, қарорҳои тактикӣ аксаран ҳамчун замина ва асоси мазмунии қабули қарорҳои минбаъдаи мурофиавӣ баромад намуда, асоснокӣ ва самаранокии онҳоро дар фаъолияти амалии муфаттиш таъмин мекунанд.

Рӯйкардҳои илмии муосир дар фаҳмиши моҳияти қарорҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба табиати ҳуқуқӣ ва ҳокимиятии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, дар доктрина ҳар чи бештар чунин фаҳмиш устувор мегардад, ки қарор дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун санади ҳуқуқии инфиродӣ баррасӣ мешавад, ки ифодаи иродаи ҳокимиятии субъекти ваколатдор буда, дар шакли муқаррарнамудаи қонун, хаттӣ ё шифоҳӣ, ба расмият даровarda мешавад [45, с. 411]. Чунин қарор дар асоси ҳолатҳои воқеии муайяншудаи парванда қабул гардида, бо вазифа ва мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошад ва бояд ба талаботи қонуният, асоснокӣ ва ангезавӣ пурра мутобиқ бошад.

Аз нуқтаи назари мо, қарорҳои муфаттиш бояд ҳамчун амали мураккаби ҳуқуқӣ-интеллектуалӣ ва иродавӣ баррасӣ шаванд, ки онҳоро субъекти ваколатдори тафтишоти пешакӣ дар доираи ваколатҳои аз ҷониби қонун ба ӯ додашуда амалӣ менамояд. Ин санад натиҷаи фаъолияти

даркнамоӣ ва арзёбии муфаттишро ифода намуда, ба ташаккули мавқеи ҳуқуқӣ оид ба парвандаи мушаххаси ҷиноятӣ ва татбиқи минбаъдаи он дар шакли қабули дастури мурофиавии барои иҷро ҳатмӣ равона шудааст. Моҳияти асосии он дар самтгирии мақсаднок, ба бавуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин, таъмини пешбурди самараноки парвандаи ҷиноятӣ ифода меёбад.

Тавре ки Якушин С.Ю. қайд менамояд, дар ҷанбаи функсионалӣ қарорҳои мазкур нақши бисёрсамтаро иҷро мекунанд. Пеш аз ҳама, онҳо ҳамчун воситаи ба даст овардан, мустаҳкам намудан ва санҷидани далелҳо ва дигар иттилооти барои парванда муҳим хизмат мекунанд. Сухан дар бораи қарорҳое меравад, ки тавассути онҳо гузаронидани амалҳои тафтишотӣ оғоз гардида, экспертизаҳои судӣ таъйин мешаванд, инчунин, дигар механизмҳои мурофиавӣ амалӣ мегарданд, ки ба ташаккули махзани далелӣ равона шудаанд. Дар ин замина, «қарори муфаттиш на танҳо ҳамчун шакли ҳуқуқӣ, балки ҳамчун воситаи дарки ҳолатҳои содир гардидани кирдор баромад намуда, ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятиро таъмин менамояд» [135, с. 270].

Дар баробари ин, гурӯҳи назарраси қарорҳои мурофиавии ҷиноятӣ динамикаи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятиро муайян намуда, ба ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани онҳо таъсир мерасонанд. Ба чунин қарорҳо, аз ҷумла, санадҳо дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, ҷалби шахс ба сифати айбдоршаванда, боздоштани ё қатъ намудани пешбурди парванда дохил мешаванд [49, с. 266]. Ба андешаи Кобилов Б.К., «ин қарорҳо дорои хусусияти таҳиякунанда ва ҳуқуқэҷодкунанда мебошанд, зеро маҳз тавассути онҳо мақоми мурофиавии иштирокчиён ташаккул ёфта, самти минбаъдаи тафтишот муайян мегардад» [49, с. 268].

Дар низоми қарорҳои мурофиавӣ санадҳое, ки ба таъмини ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд, мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Мувофиқи ақидаи Искандаров З.Ҳ., аҳаммияти онҳо бо принсипҳои конститутсионии ҳифзи

ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян мегардад, ки ба онҳо қарорҳо оид ба шарҳи ҳуқуқҳои мурофиавӣ, таъмини иштироки ҳимоятгар, фароҳам овардани тарҷумон, инчунин, дигар чораҳое, ки татбиқи принсипҳои муҳокимаи одилонаи судӣ ва рақобатпазирии тарафҳоро кафолат медиҳанд, дохил мешаванд [34, с. 202]. Аз ин ҷиҳат, қарорҳои мурофиавии муфаттиш на танҳо вазифаи танзимкунанда, балки, инчунин, вазифаи ҳифзкунандаро низ иҷро менамоянд.

Ҳамин тавр, қарорҳои мурофиавии ҷиноятии муфаттиш падидаи низомнок буда, унсурҳои фаъолияти даркнамоӣ, ташкилӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар худ муттаҳид менамоянд. Мазмун ва самтгирии онҳо бо вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, бо зарурати таъмини тавозун байни самаранокии тафтишот ва риояи мақоми ҳуқуқии шахс дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ муайян мегарданд.

Дар низоми таъминоти криминалистии тафтишот, ҷойи махсусро таснифи қарорҳои қабулшаванда ишғол менамояд, ки таъйиноти функсионалӣ ва нақши онҳоро дар ноил шудан ба ҳадафҳои исботкунӣ инъикос мекунад. Таснифи қарорҳои мурофиавӣ ва тактикӣ, ки аз ҷониби муфаттиш дар ҷараёни тафтиши пешакӣ қабул мегарданд, на танҳо сохтори назариявию методологӣ мебошад, балки ҳамчун воситаи муҳимми такмили худи раванди қабули қарорҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ низ арзёбӣ мегардад. Таснифи мазкур имкон медиҳад, ки «фаъолияти муфаттиш ҳамчун субъекти исботнамоӣ бандубаст гардида, мантиқӣ, пешгӯишавандагӣ ва самаранокии он баланд бардошта шуда, риояи талаботи қонуният ва асоснокии қарорҳои қабулшаванда таъмин гардад» [10, с. 86].

Дар асоси меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор категорияҳои қарорҳои мурофиавиро вобаста ба тартиби қабули онҳо, ки қонун муқаррар намудааст, ҷудо намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама, бояд гурӯҳи қарорҳое қайд карда шаванд, ки аз ҷониби муфаттиш мустақилона, дар доираи ваколатҳои мурофиавии ба ӯ додашуда, бидуни зарурати гирифтани тасдиқи иловагӣ аз ҷониби дигар иштирокчиёни

мурофиаи ҷиноятӣ қабул мегарданд. Чунин қарорҳо мустақилияти муфаттишро ҳамчун шахси мустақили мурофиавӣ инъикос намуда, ҳамзамон, ифодаи ваколатҳои мустақили ӯ ба ҳисоб мераванд [34, с. 204].

Дар баробари ин, қонунгузор қарорҳоеро пешбинӣ менамояд, ки татбиқи онҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани иҷозат ё ризоияти прокурори назораткунанда имконпазир мегардад. Дар ин маврид механизми назорати мурофиавӣ зоҳир мегардад, ки ба таъмини қонуният ва пешгирии маҳдудсозии худсаронаи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа равона шудааст [76, с. 85]. Мураккабтарин гурӯҳро қарорҳое ташкил медиҳанд, ки барои қабули онҳо на танҳо ризоияти прокурор, балки, инчунин, иҷозати суд низ зарур мебошад, ки ин аз дараҷаи баланди аҳаммияти онҳо ва таъсири эҳтимолии онҳо ба ҳуқуқҳои конститутсионии шахс шаҳодат медиҳад.

Тавре ки Князков А.С. қайд менамояд, қарорҳои мурофиавие, ки дар ҳолатҳои истисноӣ, бидуни гирифтани иҷозати пешакии прокурор ё суд қабул мешаванд, ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд, аммо қабули онҳо бо шартӣ ҳатмии огоҳ намудани минбаъдаи субъектҳои дахлдор сурат мегирад. Ин механизм ба зарурати вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои таъҷилӣ асос ёфта, ҳамзамон, нигоҳдории назорати минбаъда нисбат ба қонунӣ будани амалҳои муфаттишро таъмин менамояд [111, с. 96].

Аз нуқтаи назари дараҷаи муайянии меъёрӣ ва сатҳи озодии ихтиёрии муфаттиш, қарорҳои мурофиавӣ метавонанд ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд. Қарорҳои императивӣ бо танзими қатъӣ ва набудани имкони интихоби алтернативии варианти рафтор тавсиф мешаванд, ки ин ҳолат бевосита тибқи муқаррароти қонун муайян карда мешавад. Бар хилофи онҳо, қарорҳои алтернативӣ мавҷудияти якчанд вариантҳои қобили қабулро пешбинӣ менамоянд, ки аз миёни онҳо муфаттиш бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишотӣ варианти мувофиқтаринро интихоб мекунад.

Категорияи алоҳидаро қарорҳое ташкил медиҳанд, ки аз санадҳои мурофиавии қаблан қабулшуда бармеоянд, яъне, аз ҷиҳати мантиқӣ ва ҳуқуқӣ бо қарорҳои пешина дар доираи як занҷираи ягонаи мурофиавӣ

асоснок шудаанд. Ниҳоят, қарорҳои ташаббусӣ нақши фаъоли муфаттишро инъикос намуда, ба ошкор ва таҳким бахшидани иттилооти далелӣ равона гардида, аз ҷониби ӯ бо ташаббуси худ ва дар доираи қонун қабул карда мешаванд.

Вобаста ба шакли мустаҳкамкунии қарорҳои мурофиавӣ дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ, қарорҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: қарорҳое, ки ҳатман бояд дар шакли хаттӣ ба расмият дода шаванд ва қарорҳое, ки қонунгузор барои онҳо чунин талабот муқаррар накардааст. Ба охирин, қарорҳо оид ба гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ, аз қабили азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, пурсиш ва рӯбарӯкунонӣ дохил мешаванд [45, с. 491]. Аммо, сарфи назар аз набудани талаботи расман муқарраршуда, ҳамаи қарорҳои зикршуда дар ниҳоят дар маводди парвандаи ҷиноятӣ инъикос меёбанд, ки ин сабти мурофиавии онҳо ва имконияти назорати минбаъдаро таъмин менамояд.

Ишенко Е.П. вобаста ба қарорҳои тактикии муфаттиш қайд менамояд, ки «таснифи қарорҳои тактикии муфаттиш, дар навбати худ, ба ченакҳои зерин низ асос ёфта, хусусиятҳои хосси фаъолияти криминалистиро инъикос менамояд. Аз рӯи дараҷаи мушахас метавон қарорҳои пешакӣ (пешгбиникунанда), ки ба банақшагирии дурнамои тафтишот равона шудаанд ва қарорҳои мушаххас (вазъиятӣ)-ро, ки бо дарназардошти вазъияти ҷорӣ ва маълумоти воқеӣ қабул мегарданд, ҷудо намуд» [35, с. 19].

Ҳамчунин, хусусиятҳои вазъияти тафтишотӣ, ки дар доираи он қарор қабул карда мешавад, аҳаммияти назаррас дорад. Дар робита ба ин, Стояновский М.В. қарорҳои тактикиеро фарқ менамояд, ки дар шароити вазъияти бидуни ихтилоф ва ихтилофнок амалӣ мегарданд. Охирин бо мавҷудияти муқовимат ба раванди тафтишот тавсиф ёфта, вобаста ба шакли зуҳури низоъ, аз ҷумла, ошкор ё пинҳонӣ, инчунин, аз рӯи самти баҳамтаъсиррасонӣ ба навъҳо ҷудо мешаванд: «ба таври амудӣ» (масалан, байни муфаттиш ва мақомоти болоӣ ё прокурор) ва «ба таври уфуқӣ» (байни иштирокчиёни мурофиа, ки дорои мақоми баробари мурофиавӣ мебошанд).

Ниҳоят, яке аз ченакҳои муҳимми таснифот характери муқовимат ба тафтишоти пешакӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин, қарорҳои тактикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: қарорҳое, ки дар шароити набудани робитаи бевосита бо субъекти муқовиматкунанда қабул мегарданд ва қарорҳое, ки дар шароити ҳамкории мустақим бо чунин субъект амалӣ мегарданд [125, с. 154]. Гурӯҳи охирин аз муфаттиш сатҳи баланди омодагии касбӣ, устувории равонӣ ва аз худ кардани усулҳои криминалистии бартарафсозии муқовиматро талаб менамояд.

Якушин С.Ю. таснифоти дигареро асоснок меҳисобад, ки тибқи он «қарорҳои даркнамоӣ, ташкилӣ-идоракунӣ, техникӣ ва амалиётӣ, ки ҳар кадоми онҳо дорои мазмуни мустақил ва хусусиятҳои хосси татбиқ мебошанд, ҷудо карда мешавад» [135, с. 270].

Тавре ки ӯ қайд мекунад, қарорҳои даркнамоӣ ҳамчун унсури ибтидоии зеҳнии фаъолияти криминалистӣ баромад намуда, ба дарки воқеии вазъияти ҳодисаи таҳқиқшаванда равона гардидаанд. Қабули онҳо бо таҳлили маълумоти мавҷудаи исботкунанда, муайян намудани камбудиҳо дар донишҳо оид ба ҳодисаи ҷиноят, ташаккули тахминҳои тафтишотӣ, инчунин, пешгӯии динамикаи эҳтимолии вазъияти тафтишотӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина фаъолияти даркнамоии муфаттиш на танҳо хусусияти ретроспективӣ, балки хусусияти пешгӯишаванда низ дошта, банақшагирии минбаъдаи амалҳоро дар асоси илмӣ таъмин менамояд.

Қарорҳо ташкилию идоракунӣ, дар навбати худ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи субъектҳои ба раванди тафтиш ҷалбшударо таъмин менамоянд. Мазмуни онҳо масъалаҳои тақсимоти вазифаҳо ва ваколатҳо, барқарор намудани ҳамкории самаранок миёни муфаттиш, воҳидҳои оперативӣ, коршиносон ва дигар иштирокчиёни раванд, инчунин, муайян намудани тартиб ва шароити гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро дар бар мегирад [9, с. 213]. Ин навъи қарорҳо ба ташаккули сохтори оптималии ташкилии тафтишот равона гардида, ба таъмини пайдарҳамӣ, ҳамоҳангӣ ва самаранокии он мусоидат менамоянд.

Қарорҳои техникии криминалистӣ ба таъмини раванди исбот бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои муосири илмӣ-техникӣ равона шудаанд. Онҳо интихоб, татбиқ ва арзёбии самаранокии истифодаи техникаи криминалистӣ, донишҳои махсус ва захираҳои моддиро, ки барои ошкор, сабт, мусодира ва таҳқиқи иттилооти дорои аҳаммияти далелнок заруранд, дар бар мегиранд. Вобаста ба ин, чуноне ки Головин А.Ю. қайд менамояд, «ин гуна қарорҳо ба баланд бардоштани пуррагӣ, эътимоднокӣ ва объективӣ будани натиҷаҳои бадастомада мусоидат мекунанд» [143, с. 219].

Аҳаммияти махсусро қарорҳои амалиётӣ доро мебошанд, ки бевосита бо татбиқи амалии хатти тактикии тафтишот алоқаманд мебошанд. Мазмуни онҳо дар интихоби амалҳои мушаххаси тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, муайян намудани пайдарпайӣ, ҳамоҳангсозӣ ва хусусиятҳои вақти онҳо, инчунин, дар истифодаи усулҳо ва комбинатсияҳои мувофиқи тактикӣ ифода меёбад [135, с. 270]. Бо дарназардошти он ки қарорҳои оперативӣ дараҷаи назарраси хусусияти тактикӣ доранд, онҳо бевосита ба вазъияти тафтишотӣ таъсир мерасонанд ва ҳамчун воситаи татбиқи стратегияи таҳқиқотии таҳияшуда баромад мекунанд.

Тавре ки Биховский И.Е. қайд менамояд, «алоқамандии қарорҳои тактикӣ бо чунин категорияҳо, аз қабили пешгӯии тактикӣ ва банақшагирии тактикӣ, дорои аҳаммияти назаррас мебошанд. Пешгӯии тактикӣ ба муфаттиш имкон медиҳад, ки рушди эҳтимолии вазъияти тафтишотиро пешбинӣ намояд, тағйироти эҳтимолии рафтори иштирокчиёни мурофиаро арзёбӣ кунад ва дурнамои ба даст овардани маълумоти нави исботшавиро муайян созад. Дар асоси пешгӯӣ нақшаи тафтишот таҳия мегардад, ки маҷмуи муназзами қарорҳои тактикӣ буда, аз рӯи мақсад, восита ва мӯҳлатҳои татбиқ бо ҳамдигар алоқаманд мебошад» [20, с. 42]. Ҳамин тариқ, қарори тактикӣ ҳамчун унсури сохтории низоми васеи идоракунии тафтишот баромад мекунад.

Ба воситаҳои татбиқи қарорҳои тактикӣ диққати махсус додан зарур аст, зеро маҳз онҳо гузаришро аз модели абстрактии рафтор ба ҳаракатҳои

воқеии амалӣ таъмин менамоянд. Дар криминалистика зери мафҳуми «воситаҳои тактикӣ» «шаклҳои мурофиавӣ ва ташкилию тактикии татбиқи усулҳои оптималии амал фаҳмида мешаванд, ки ба ҳалли вазифаҳои тактикӣ равона гардидаанд» [45, с. 422]. Ба қатори чунин воситаҳо усулҳои тактикӣ, комбинатсияҳои тактикӣ ва амалиёти тактикӣ дохил мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хосси худ ва доираи татбиқи худро доранд.

Соколов А.Б. қайд менамояд, ки «усули тактикӣ усули оддии амал буда, онро муфаттиш бо дарназардошти вазъияти мушаххас интихоб намуда, барои баланд бардоштани самаранокии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ истифода мебарад» [124, с. 115]. Дар фарқият ба он, комбинатсияи тактикӣ дорои сохтори мураккаб буда, маҷмуи усулҳои бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки бо мақсади ягона муттаҳид шудаанд. Шакли боз ҳам мураккаб - амалиёти тактикӣ мебошад, ки маҷмуи амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро дарбар гирифта, ба ҳаллу фасли вазифаҳои муҳимми тафтишот равона гардидааст. Истифодаи воситаҳои зикршуда риояи принсипи қобили қабул буданро талаб менамояд, ки мутобиқати онҳоро ба талаботи қонуният, ахлоқ, асоснокии илмӣ ва самаранокӣ пешбинӣ мекунад [136, с. 238].

Амалишавии қарорҳои тактикӣ бевосита ба хусусиятҳои вазъияти тафтишотӣ вобаста мебошад. Дар криминалистика зери ин мафҳум «маҷмуи шароитҳое фаҳмида мешавад, ки дар доираи онҳо тафтишот гузаронида мешавад, аз ҷумла, ҳаҷм ва хусусияти иттилооти мавҷуда, рафтори иштирокчиёни раванд ва сатҳи муқовимат ба тафтишот» [156, с. 139]. Маҳз таҳлили вазъи тафтишотӣ интихоби воситаҳои мушаххаси тактикӣ ва ташаккули мазмуни қарорҳои қабулшавандаро муайян менамояд.

Метавон як қатор мисолҳои амалиро баррасӣ намуд, ки моҳияти қарорҳои тактикӣ ва роҳҳои татбиқи онҳоро равшан менамоянд. Масалан, ҳангоми тафтиши ҷинояти марбут ба дуздӣ муфаттиш метавонад бо чунин ҳолат рӯ ба рӯ гардад, ки гумонбар, сарфи назар аз мавҷудияти далелҳои ғайримустақим, иштироки худро инкор мекунад. Дар ин ҳолат, қарорҳои

тактикӣ метавонанд аз гузаронидани як қатор пурсишҳо бо истифода аз усули тадриҷан пешниҳод намудани далелҳо иборат бошанд. Татбиқи чунин қарор ташкили як комбинатсияи тактикиро дар назар дорад, ки дар доираи он нахуст нишондодҳои гумонбаршуда сабт мегарданд, сипас, ба ӯ пай дар пай далелҳое пешниҳод мешаванд, ки мавқеи ӯро рад менамоянд. Ин раванд ба тағйир ёфтани рафтори ӯ ва ба даст овардани нишондодҳои иқроршавӣ мусоидат мекунад.

Мисоли дигари чунин ҳолат метавонад ба тафтиши ҷиноятҳое марбут бошад, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир гардида, бо муқовимати фаъол ба раванди тафтишот алоқаманд мебошанд. Дар чунин шароит қарори тактикӣ метавонад дар шакли гузаронидани амалҳои мураккаби тактикӣ қабул гардад, ки анҷом додани кофтуков, боздошт ва пурсиши иштирокчиёни гурӯҳро дар бар мегирад. Татбиқи ин гуна қарор банақшагирии дақиқ, ҳамоҳангсозии амалҳои субъектҳои гуногун ва истифодаи таъсири ногаҳониро талаб менамояд, ки ин ба ҳадди ақал расонидани эҳтимоли нобудшавии далелҳо ва мувофиқа гардидани нишондодҳо миёни шариконро таъмин мекунад.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим, ки аҳаммияти қарорҳои тактикиро ифода мекунанд, ин нақши онҳо ҳангоми пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагон ба шумор меравад. Масалан, дар ҳолате ки шоҳиди поквиҷдон мавҷуд аст, аммо дар барқарор намудани рӯйдодҳо ба душворӣ рӯ ба рӯ мегардад, муфаттиш метавонад усули тактикии тафсилоти нишондодҳоро истифода барад. Ин усул дар асоси пешниҳоди саволҳои мушаххаскунанда ва истифодаи робитаҳои иттиҳодиявӣ бунёд ёфтааст. Дар ҳолати баръакс, вақте ки шахси пурсишшаванда нишондодҳои бардурӯғ медиҳад, мумкин аст маҷмуи усулҳое татбиқ карда шаванд, ки ошкор намудани зиддиятҳо, пешниҳоди далелҳо ва истифодаи таъсири равониеро, ки ба тағйир додани мавқеи шахси пурсишшаванда равона шудаанд, дар бар мегиранд.

Қарорҳои тактикӣ, ки ҳангоми гузаронидани кофтуков қабул карда мешаванд муҳим ба ҳисоб мераванд. Масалан, дар шароите, ки эҳтимоли

пинҳон намудани ашёи ҷиноят мавҷуд аст, муфаттиш метавонад қарор қабул намояд, ки кофтуков бо истифодаи усули ногаҳонӣ ва бо тақсимоти дақиқи нақшҳо миёни иштирокчиёни амалиёти тафтишотӣ гузаронида шавад. Амалӣ намудани чунин қарор истифодаи усулҳои тактикиро дар назар дорад, ки ба пешгирии нобуд сохтани далелҳо, инчунин, ба ошкор намудани ашёи пинҳоншуда равона гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи назарияи криминалистӣ қарори тактикӣ, ки дар раванди тафтиш ва таҳқиқи ҷиноятҳо қабул мегардад, ҳамчун «амали мураккаби зеҳнӣ-иродавии субъекти таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъияти мушаххаси тафтишотӣ ташаккул меёбад» [135, с. 270], баррасӣ карда мешавад. Қарори мазкур на танҳо ба хусусиятҳои объективии вазъи ташаккулёфта такя мекунад, балки ба дониши низомнок оид ба қонуниятҳои содиршавӣ ва пинҳонкунии ҷиноятҳо, инчунин, ба истифодаи муқаррароти илман асосноки криминалистӣ такя менамояд.

Дар ташаккули қарори тактикӣ таҷрибаи касбии муфаттиш, қобилияти фикррониии мантиқӣ ва пешгӯикунандаи ӯ, инчунин, унсурҳои ҳисси ботинии касбӣ нақши муҳим доранд, ки имкон медиҳанд, то холигии иттилоотӣ пурра гардида, мутобиқ ба шароити пайдошуда қарор қабул карда шавад. Дар маҷмуъ, омилҳои зикршуда интихоби модели рафтори оқилона ва самараноктаринро, ки ба шароити мушаххаси тафтишот мутобиқ мебошад, таъмин менамоянд.

Якушин С.Ю. қайд менамояд, «ки таснифи қарорҳои криминалистӣ метавонад аз рӯи асосҳои гуногун амалӣ карда шавад, ки яке аз онҳо таркиби миқдории субъектҳое мебошад, ки қарорҳои дахлдорро қабул мекунанд. Дар доираи ченаки мазкур, мувофиқи мақсад аст, ки қарорҳо ба қарорҳои инфиродӣ (шахсӣ) ва қарорҳои дастаҷамъона ҷудо карда шаванд» [136, с. 240]. Қарорҳои фардӣ (инфиродӣ) бевосита аз ҷониби муфаттиш ҳамчун субъекти мустақили мурофиавии тафтишот қабул карда мешаванд, дар ҳолате ки қарорҳои дастаҷамъӣ дар натиҷаи фаъолияти ҳамоҳангшудаи якчанд иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла, аъзои гурӯҳи тафтишотӣ,

мутахассисон ва дигар шахсони ҷалбшуда, ташаккул меёбанд. Дар айни замон, дар доираи ҳар ду категория метавон ҳам қарорҳои умумии криминалистӣ ва ҳам қарорҳои тактикиро таҳия намуд, ки дорои самтгирии мушаххас ва таъйиноти функсионалӣ мебошанд.

Ба андешаи Малютин М.П., дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қарорҳои тактикии криминалистӣ аҳаммияти махсус доранд, зеро мазмун ва механизми ташаккули онҳо бо табиати мураккаб ва бисёрҷузъӣ тавсиф меёбанд. Асоси онҳо, аз як тараф, тавсияҳои илман асосноки криминалистӣ мебошанд, ки аксаран хусусияти алгоритмӣ дошта, қонуниятҳои маъмули ошкор ва тафтиши ҷиноятҳоро инъикос менамоянд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи инфиродии касбии муфаттиш, сатҳи омодагии ӯ, инчунин, ҷузъҳои интуитивӣ-эвристикии тафаккур нақши назаррас мебозанд, ки ба ӯ имкон медиҳанд дар шароити номуайянӣ, норасоии иттилоот ва маҳдудияти вақт қарор қабул намояд [150, с. 88]. Дар натиҷа, қарорҳои тактикӣ на танҳо хусусияти танзимшудаи меъёрӣ, балки хусусияти таҳқиқотиро низ касб мекунанд.

Вобаста ба миқёс ва хусусияти таъсиррасонӣ ба вазъияти тафтишотӣ, қарорҳои криминалистӣ метавонанд ба қарорҳои сатҳи стратегӣ ва тактикӣ ҷудо шаванд [45, с. 512]. Қарорҳои стратегӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳои асосӣ ва дарозмуддати тафтишот равона гардида, ба тағйироти ҷиддӣ ва дар баъзе ҳолатҳо, ҳатто куллӣ дар вазъи ташаккулёфтаи тафтишотӣ равона шудаанд. Онҳо самти умумии рафтори муфаттишро муайян намуда, консепсияи тафтишотро ташаккул медиҳанд ва самти минбаъдаи амалҳои мурофиавӣ ва тактикиро муайян месозанд. Қарорҳои тактикии криминалистӣ хусусияти нисбатан маҳдуд дошта, ба ҳалли вазифаҳои мушаххас дар доираи стратегияи аллакай интихобшуда равона гардидаанд ва тағйирёбии қисман ва марҳилавии вазъиятро бидуни ворид намудани тағйироти куллӣ таъмин менамоянд.

Чунонки Соколов А.Б. менависад, қарорҳои стратегӣ ва тактикӣ дар алоқамандии ҷудонопазир ва вобастагии мутақобила қарор доранд.

Муносибати онҳо дар тобеияти низомнок зоҳир мегардад: қарорҳои тактикӣ дар доираи хатти умумии стратегияе, ки аз ҷониби муфаттиш интихоб шудааст, таҳия ва амалӣ гардида, ҳамчун воситаи татбиқи амалии он хизмат мекунанд. Дар навбати худ, натиҷаҳои татбиқи қарорҳои тактикӣ метавонанд ба стратегияи тафтишот таъсири мутақобила расонида, онро бо дарназардошти тағйирёбии ҳолатҳои парванда ислоҳ намоянд [124, с. 115].

Бояд қайд намуд, ки тафтишоти самараноки ҷиноятҳо на танҳо ташаккули дурусти дастурҳои стратегиро дар бар мегирад, балки, ҳамзамон, татбиқи созгор ва илман асосноки қарорҳои тактикиро низ талаб мекунад, ки расидан ба ҳадафҳои гузошташударо таъмин менамоянд.

Дар адабиёти илмӣ оид ба мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика то ҳол масъалаи таносуб ва хусусияти робитаи мутақобилаи қарорҳои мурофиавӣ ва тактикӣ, ки аз ҷониби муфаттиш дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мегарданд, ба қадри кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар айни замон, «намудҳои зикршудаи қарорҳо ба таври ҷудогона вуҷуд надоранд, зеро субъекти онҳо як шахси мансабдор мебошад, ки тафтишотро амалӣ менамояд ва ин ҳолат ба таври объективӣ мавҷудияти вобастагии мураккаб ва бисёрҷанбаи байни онҳоро муайян месозад» [108, с. 64].

Ин вобастагӣ дар он зоҳир мегардад, ки қарорҳои мурофиавӣ, ки бо меъёрҳо танзим гардида, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд, заминаи ҳуқуқиро барои татбиқи нақшаҳои тактикии муфаттиш фароҳам меоранд. Дар навбати худ, қарорҳои тактикӣ, ки фаъолияти зеҳнӣ ва иродавии муфаттишро инъикос намуда, ба интихоби усулҳои самаранoктарини ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии иттилооти хусусияти далелӣ дошта равона шудаанд, шаклҳои мурофиавиро мушаххас сохта, онҳоро бо мазмуни воқеӣ ғанӣ мегардонанд [39, с. 562].

Бояд қайд намуд, ки қабули қарори мурофиавии қонунӣ ва асоснок ҳамчун шарти зарурӣ барои таҳияи қарорҳои тактикии мувофиқ ва самаранок баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, чунин ҳолат кафолати ба таври мутлақ

оптималӣ будани онҳоро таъмин намекунад, зеро самаранокии амалҳои тактикӣ на танҳо аз дурустии ҳуқуқӣ, балки, инчунин, аз сатҳи омодагии касбии муфаттиш, таҷрибаи ӯ, қобилияти таҳлили вазъият ва ҳамчунин аз шароити мушаххаси ҳодисаи таҳқиқшаванда вобаста аст. Дар ин робита, чунонки Тсветков С.И. қайд мекунад, «вобастагии мутақобилаи қарорҳои мурофиавӣ ва тактикӣ бояд ҳамчун низоми динамикӣ баррасӣ гардад, ки дар доираи он танзими ҳуқуқӣ ва мақсаднокии криминалистӣ дар ҳамкории доимӣ ва таъсири мутақобила қарор доранд» [159, с. 144].

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки қабули қарори тактикии нодуруст ва татбиқи минбаъдаи он дар ҷараёни тафтишот метавонад ба оқибатҳои номатлуб оварда расонад, ки аз доираи сатҳи тактикӣ берун рафта, ба соҳаи кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ таъсир мерасонанд. Таъсири манфии чунин иштибоҳҳо на танҳо дар паст гардидани самаранокии тафтишот зоҳир мегардад, балки ба коҳиш ёфтани қобили қабул будан ва арзиши исботии иттилооти бадастомада низ оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, иштибоҳи софдилонаи муфаттиш, ки аз нокифоягии сатҳи омодагии касбӣ, маҳдуд будани таҷрибаи амалӣ ё таъсири омилҳои объективӣ ва субъективии вазъияти тафтишотӣ вобаста аст, метавонад ба баҳодиҳии таҳрифшудаи ҳолатҳои воқеии парванда оварда расонад [111, с. 100]. Дар навбати худ, ин ҳолат боиси нодуруст муайян намудани вазифаҳои тактикии афзалиятнок, инчунин интихоби модели нодурусти рафтор дар ҷараёни тафтишот мегардад. Хатогиҳо дар ин марҳила ногузир ба самаранокии қарорҳои минбаъда таъсир мерасонанд, зеро «банақшагирии тактикӣ хусусияти низомнок ва ба ҳам алоқаманд дорад» [93, с. 602].

Инчунин, иштибоҳҳое, ки ба интихоб ва татбиқи воситаҳои тактикӣ вобастаанд, аҳаммияти махсус доранд. Шарҳи нодурусти шартҳои қобили қабул будани онҳо, риоя накардани шакли мурофиавӣ ё истифодаи воситаҳое, ки ба вазъияти мушаххаси тафтишотӣ мутобиқ нестанд, метавонанд натиҷаҳоро ҳатто дар сурати риояи расмии дигар талаботи қонун бетаъсир гардонанд. Дар чунин шароит як навъ «реаксияи занҷирӣ»-и

нуқсонҳо ба амал меоянд: қарорҳои тактикии нодуруст истифодаи воситаҳои тактикии номатлубро муайян менамоянд, ки дар натиҷа, боиси ғайриқобили қабул дониста шудани далелҳои бадастомада мегарданд [93, с. 604].

Ҳамин тариқ, сатҳи тафаккури тактикии муфаттиш мустақиман бо ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва воқеии парванда алоқаманд аст. Ин ҳолат ба зарурати дар сатҳи амиқтар аз ҷиҳати назариявӣ дарк намудани қарорҳои тактикӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии муфаттишон, инчунин, таҳияи тавсияҳои равшани методӣ, ки ба коҳиш додани чунин хатогиҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ равона гардидаанд, вобаста мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили муқаррароти назарияи муосири криминалистика метавон ба чунин хулоса омад: масъалаи муайян намудани моҳият, мазмун ва таносуби қарорҳои тактикӣ, ки аз ҷониби муфаттиш дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо қабул мегарданд, аҳаммияти илмии худро нигоҳ дошта, ба таҳлили амиқи назариявӣ ниёз дорад. Мушкилии нокифояи таҳияи ин масъалаҳо боис мегардад, ки ҳам холигиҳои назариявӣ ва ҳам мушкилоти амалӣ, ки ҳангоми татбиқи фаъолияти тафтишотӣ ба миён меоянд, боқӣ монанд.

Дар ин замина зарур шуморида мешавад, ки рушди минбаъдаи равишҳои илмӣ вобаста ба хусусиятҳои назариявӣ ва татбиқи амалии қарорҳо, муайян намудани таъйиноти функсионалии онҳо, инчунин, муқаррар кардани механизмҳои ҳамкории онҳо дар сохтори тафтишот таъмин карда шавад. Таҳқиқоти мукаммали ин масъала дар доираи илми криминалистика ба ташаккули фаҳмиши ягона ва низомноки фаъолияти тафтишотӣ мусоидат намуда, самаранокӣ ва асоснокии онро баланд бардошта, дар маҷмуъ ба такмили амалияи татбиқи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии гузаронидашуда метавонем чунин хулоса барорем:

1. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон қайд намуд, ки усули тактикӣ бояд ҳамчун воситаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, дар амалия санҷидашуда ва ба талаботи қонун мутобиқи амалӣ намудани чорабиниҳои тафтишӣ арзёбӣ гардад, ки онро муфаттиш бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишотӣ интихоб намуда, барои ба даст овардани натиҷаи самараноктарин равона месозад. Мазмуни усули тактикӣ тавассути маҷмуи нишонаҳои асосии он ошкор мегардад. Ба чунин нишонаҳо вобастагии вазъиятӣ, чандирӣ, интихобӣ будани таъсиррасонӣ, асоснокии илмӣ ва мутобиқат ба қонуни мурофиаи ҷиноятӣ дохил мешаванд. Таҳқиқот нишон дод, ки усули тактикӣ берун аз вазъияти тафтишотӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро маҳз хусусиятҳои вазъияти мушаххас интихоби воситаи самараноктарини амалҳои муфаттишро пешакӣ муайян менамоянд **[2–М]**.

Муайян карда шуд, ки моҳияти усули тактикӣ, пеш аз ҳама, дар таъйиноти функсионалии он, яъне таъмини ба даст овардани иттилооти хусусияти исботидошта ба таври оқилона, мақсаднок ва самаранок зоҳир мегардад. Усули тактикӣ, ҳамчун воситаи хосси фаъолияти зеҳнии муфаттиш баромад намуда, тавассути он вазифаҳои ошкорсозӣ, сабт, санҷиш, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳо амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, аҳаммияти он на танҳо дар баланд бардоштани натиҷабахшии амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ ифода меёбад, балки дар таъмини барои расидан ба ҳафадҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар маҷмуъ низ зоҳир мегардад.

Асоснок карда шудааст, ки аҳаммияти усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар якчанд ҷанбаҳои бо ҳам алоқаманд зоҳир мегардад. Якум, онҳо ба даст овардани маълумоти пурра ва боэътимоди исботиро таъмин менамоянд. Дуюм, ба сарфаи захираҳои мурофиавӣ ва ташкилии тафтишот мусоидат мекунанд. Сеюм, имконият медиҳанд, ки хатогиҳо ва хавфҳои тактикӣ ба ҳадди ақал расонида шаванд. Чорум, тавассути татбиқи

